**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА**

**ВБД: 338.43 (575.3)**

**ТКБ: 65.9 (2)32**

А-14

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**АБДУЛЛОЗОДА ХОСАМОҲ ХУДОЙДОД**

# ТАҲКИМИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ МУСОИДАТ БА ТАЪМИНИ ШУҒЛИ АЛТЕРНАТИВӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ДЕҲОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Диссертатсия**

барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
08.00.12 – Иҷтисодиёти меҳнат

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Мирсаидов А.Б.

**ДУШАНБЕ-2025**

## МУНДАРИҶА

**Номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ ....................................** 3
**Муқаддима .....…………........……………………...……………….....** 4
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ШУҒЛ ВА ШУҒЛИ АЛТЕРНАТИВӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ДЕҲОТ ..................................................................** 15
1.1. Муносибатҳои консептуалӣ доир ба шуғлнокӣ ва сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ .................... ............................................ 15
1.2. Муҳтаво ва асосҳои консептуалии шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ......................................................................... 37
1.3. Иқтисодиёти деҳот ҳамчун макони рушди шуғли алтернативӣ..... 56
**БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ ШУҒЛНОКӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ДЕҲОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН....** 66
2.1. Таҳлили тамоюли муосир ва сохтори шуғлнокї дар иқтисоди деҳот.......................................................................................... 66
2.2. Сабабҳои иқтисодиву иҷтимоии рушди шуғлнокии алтернативӣ.......................................................................... 88
2.3. Арзёбии шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот…....................................................................…........ 106
**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ МУСОИДАТ БА ТАЪМИНИ РУШДИ ШУҒЛНОКИИ АЛТЕРНАТИВӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ДЕҲОТ ...........................** 123
3.1. Роҳҳои асосии таҳкими шуғлнокии алтернативӣ дар доираи
3.2. сиёсати рушди деҳот ..................................................................... 123
3.3. Такмили механизмҳои дастгирии давлатии шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот……......................................... 144
3.4. Асосноккунии консепсияи муосири рушди шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот.................................................................. 159
Хулоса ........................................................................................... 175
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ....................... 177
Рӯйхати адабиёт ............................................................................ 181
Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ................................................. 202

## Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ

КАС – Комплекси агросаноатӣ

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

ХЁШ - Хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ

ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

% - фоиз

б/ф - банди фоиз

га - гектар

ҳаз. - ҳазор

млн. - миллион

млрд. – миллиард

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 шеваи сиёсати давлатӣ оид ба шуғлнокии аҳолиро бо равшании бештар ва механизмҳои муассир муайян мекунад. Дар ин стратегия, ба таври махсус ба сохтори бозори меҳнат таъкид мешавад, ки он се ҷузъро дар бар мегирад: шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, ки дар он муҳоҷирати ғайрирасмӣ ва назоратнашаванда низ эҳтимолан шомил мешавад.

Ҳадафи асосии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат дар давраи дарозмуддат на танҳо зиёд кардани шумораи ҷойҳои корӣ, балки таъмин намудани ҷойҳои кории устувор ва самарабахш мебошад. Ҳамзамон, муҳим аст, ки маҳсулнокии меҳнат баланд бардошта шавад ва ҳифзи иҷтимоии боэътимоди аҳолӣ таъмин гардад, то сатҳи зиндагӣ беҳтар ва устувории иқтисодӣ таъмин шавад. Ин вазифаи стратегӣ, пеш аз ҳама, ба масъалаи таъмини шуғлнокии аҳолии манотиқи деҳоти мамлакат дахл дорад. Зеро дар ин манотиқ беш аз 73% аҳолии мамлакат умр ба сар мебаранд, ки манбаи захираҳои фаровони меҳнатӣ, ки омилҳои асосии рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва умуман иқтисодиёти деҳот мебошад, ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, сиёсати шуғлнокии давлат ба масъалаи таъмини шуғлнокӣ, истифодаи самараноки қувваҳои корие, ки дар бозори меҳнати иқтисодиёти деҳот қарор доранду ба сифати яке аз омилҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот баромад менамояд, равона шудааст.

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, умуман дар тамоми минтақаҳои мамлакат, аз ҷумла, дар деҳот бозори меҳнат ташаккул ёфт, ки дар айни замон ба мушкилоти зиёде дучор гардида, ба такмили механизмҳои танзими давлатӣ ва татбиқи сиёсати шуғлнокӣ ниёз дорад. Бо назардошти ин такмили механизмҳои коркарду татбиқи сиёсати давлатӣ доир ба шуғли аҳоли, ки бидуни таҳқиқи қонуниятҳои рушди шуғлнокӣ, зуҳури шаклу намудҳои он ва танзими бозори меҳнати минтақавӣ дар шароити иқтисодиёти тағйирёбанда ғайриимкон аст, муҳим гардидааст.

Айни замон барои гурӯҳбандии шаклҳои шуғлнокӣ аз рӯйи хусусиятҳои сифатӣ ва миқдорӣ як низоми ягона муайян нашудааст. Олимон ва муҳаққиқони гуногун шаклҳои шуғлнокиро бо усулҳои мухталиф гурӯҳбандӣ мекунанд, бо дарназардошти омилҳое чун реҷаи вақти корӣ, мунтазамии фаъолияти меҳнатӣ, қонуниятмандии бо кор таъминкунӣ ва шароити меҳнат.

Бо рушди муносибатҳои бозорӣ дар бахши аграрӣ, ки беш аз 64%-и қувваи кории кишварро фаро мегирад, шакли нави алтернативии шуғлнокӣ ба вуҷуд омадааст. Ин шакл аз меҳнати анъанавии кишоварзӣ фарқ дошта, ба дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ рабт дорад.

Бо вуҷуди ин, масъалаи муаммоҳои илмии шуғли алтернативӣ ва инъикоси он дар сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар адабиёти ватанӣ то ҳол ба таври кофӣ мавриди таҳқиқоти бунёдӣ қарор нагирифтааст.

Барои он ки одамон дар деҳот ба шуғли алтернативӣ ё ғайрикишоварзӣ ҷалб шаванд, дастрасӣ ба баъзе манбаъҳои муайян муҳим аст. Ин манбаъҳо шомили дороиҳои табиӣ (масалан, замин ё об), иҷтимоӣ (ба монанди робитаҳо дар ҷомеа, таҳсилот, дастрасӣ ба маълумот) ва молиявӣ (пул ё қарзҳо барои оғози кор) мебошанд. Ин манбаъҳо таъсир мерасонанд, ки чӣ гуна одамон метавонанд ба сохтори иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ворид шаванд, дар ниҳодҳои расмӣ ё ғайрирасмӣ (масалан, дар тиҷорат ё ҳамкорӣ) иштирок намоянд. Ғайр аз ин, ин омилҳо рафтори одамонро шакл медиҳанд ва қобилият ва хоҳиши онҳоро барои ёфтани шаклҳои нави шуғлнокӣ, ба ғайр аз меҳнати анъанавии деҳот, муайян мекунанд.

Ҳамин тариқ, рушди васеи шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот муаллифро вазифадор намуд, ки ҷустуҷӯйи роҳҳову механизмҳои иқтисодиву ташкилӣ ва иқтисодии танзиму идораи давлатии онро мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаҳои илмии бозори меҳнат ва шуғли алтернативӣ дар асарҳои олимони зерини хориҷи дур ва олимони рус таҳқиқ шудаанд: Горисов С., [131]. Герсий Ю.В., [36]. Капица С.П., [61]. Морозова Е.А., [171]. Пескова Д.

Р., [173]. Харт К., [191]. Барсукова С.Ю., [26,27,113,116] Безгребальная И.О., [118]. БазылеваМ.Н., [111]. Дониэлян К, [40]. Занин В.А., [47]. Латов Ю.В., [159]. Шанин Т.А., [191]. Козлов В., [153]. Ледванов М.Ю., [160]. Петриков А.В. [173], Токсанбаева М.С., [189]. Тарасова Н.А.,[184,185], Стеблева Н. А. [186].Ухоботов В.В[193] ва дигаронро метавон номбар кард. Ҷанбаҳои алоҳидаи он вобаста бо равишҳои институтсионалӣ ба корҳои муҳаққиқон Дискин И.Е, Капелюшников Р.И.,[60,138,139] ва ѓ. ба чашм мерасад.

Дар доираҳои илми ватанӣ масъалаи шуғли аҳолӣ, ташаккули рушди бозори меҳнат ба таври амиқ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ин самт метавон саҳми чунин олимонро қайд намуд: Алиев Т.Н., [209]. Амонова Д.С.[23, 104]. Ашуров С.Б.,[25, 146, 201, 109 ]. Абдуллоев Х. А., [98, 99, 168]. Ғоибназаров Ш.У., [202,203]. Комилов С.Ҷ., [66,147]. Ҷонмамадов Ш.Б.,[45]. Нурмаҳмадов М.Н.,[190]. Мирсаидов А.Б.,[166,167,169, 170]. Рауфӣ А., Исломов С.И.,[54, 55, 56].Исломова З.С., [53, 204]. Кабутов К. Р.,[211]. Кодирова З. Ҳ., [95, 216]. Киёмаддинова Ф.К.,[213]. Раҷабов Р.Р.,[212]. Султонов З.С., Тоҷзод Д.Ҳ., Усмонова Т.Ҷ.[93, 188, 189]. ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Асарҳо ва ақидаҳои бунёдии олимони ватанӣ заминаи илмию методии таҳқиқотҳои моро ташкил додааст. Аммо, бояд таъкид намуд, ки новобаста ба омӯзиши васеъ дар самти шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат, хусусиятҳо ва сабабҳои шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ҳанӯз ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Умуман, метавон қайд намуд, ки дар адабиёти иқтисодии ватанӣ пажӯҳиши бунёдӣ ва ҳамаҷонибаи сабабҳо ва омилҳои шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот, ки соҳаи асосии фаъолияти меҳнатии мардуми ин манотиқ ба ҳисоб меравад, алҳол вуҷуд надоранд. Бахусус, масъалаҳои назария ва амалияи танзими ин намуди фаъолияти меҳнатӣ ва инъикос намудани он дар сиёсати давлатии шуғл, ки дар шароити гузариши мамлакат ба зинаи индустриалӣ-аграрии иқтисодиёт ва саноатикунонии босуръат муҳим буда, таҳқиқоти амиқ ва асосноккунии илмиро тақозо дорад,

ки он муҳиммияти мавзуи таҳқиқот ва сабаби интихоби онро муайян намудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи бандҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар он мавҷуд будани ҳиссаи баробари бозори меҳнати себахша дар манотиқи деҳот (шуғли расмӣ, ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ) таъкид шудааст, ки ба таъмини шуғли фарогири аҳолӣ мусоидат менамояд, бармеояд. Инчунин, таҳқиқот дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2023, ки мутобиқ ба “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” (1 августи соли 2003 №44) таҳия гардидаасту дар он маҷмӯи тадбирҳоро оид ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, рушди касбии захираҳои меҳнатӣ, мусоидат ба шуғли занон ва ҷавонон ва рушди фарогири соҳибкории хурду инфиродӣ ва ғайра пешбинӣ шудааст, сурат гирифтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** ин муаяйн намудани моҳият ва хусусиятҳои шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ва коркарди тавсияҳои назариявию амалӣ ҷиҳати таҳкими сиёсати давлатии шуғл ва танзими он бо мақсади расмӣ ва самти ҳадафнок бахшидан ба шуғли алтернативӣ дар давраи “Солҳои рушди саноат” (солҳои 2022–2026), ки бевосита манотиқи деҳотро низ дар бар мегирад, ба шумор меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил гардидан ба мақсадҳои асосии таълифи диссертатсия иҷро ва ҳаллу фасли вазифаҳои зерин муқаррар шудаанд:

– таҳқиқи муносибатҳои консептуалӣ доир ба тавсифи моҳияти шуғлнокӣ ва сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат;

– омӯзиши равишҳои назариявии тафсири моҳият ва аниқ намудани сабабҳои пайдоиши шуғли алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот, инчунин масъалаҳои муносибатҳои методӣ ҷиҳати баҳодиҳии ин намуди шуғл;

– таҳлили тамоюли муосир ва сохтори шуғлнокӣ ва инкишофи шуғли ғайрикишоварзӣ дар иқтисоди деҳот;

– тасниф ва арзёбии омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ, ки ба рушди шуғли алтернативӣ мусоидат менамоянд;

– асоснок намудани роҳҳои асосии таҳкими шуғлнокии алтернативӣ дар доираи сиёсати рушди деҳот ва таҳияи пешниҳоду тавсияҳо доир ба такмили механизмҳои дастгирии давлатии шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот;

– таҳияи консепсия ва асосноккунии принсипҳои таҳрезии самтҳои стратегии рушди шуғли алтернативии иқтисодиёти деҳот ва асоснокии зарурати инъикоси он дар сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ.

**Объекти таҳқиқот** шуғли аҳолӣ дар иқтисодиёти деҳот ва соҳаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодие, ки дар сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии деҳот вобаста бо шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ пайдо мешаванд ва масъалаҳои танзими он.

**Фарзияи таҳқиқот.** Асоснок намудани фарзияи нақши калидии таҳкими сиёсати давлатии шуғли аҳолии деҳот, маҳз вобаста бо шуғли алтернативӣ (ғайрикишоварзӣ) ва объективияту фарогир будани ин намуди шуғл дар иқтисодиёти деҳот, ки на танҳо диверсификатсияи манбаъҳои даромади аҳолии минтақаҳои деҳот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардумро таъмин менамояд, балки тарҳи ҷойгиркунии фаъолияти нави иқтисодии ғайрикишоварзӣ ва мазмуну самтҳои сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ва расмикунонии онро дар минтақаҳои деҳот муайян мекунад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**ро муқаррароти назариявие, ки дар асарҳои бунёдии олимон – иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ, бозори меҳнат ва сиёсати шуғлу танзими бозори меҳнат инъикос ёфтаанд, ташкил додааст. Ҳамзамон, самти таҳқиқотро нуқтаҳои консептуалии сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ, ки дар барномаҳои миллӣ,

минтақавӣ ва соҳавӣ, санадҳои қонунгузорӣ дар соҳаи таҳқиқот ҷой доранд, муайян намудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқотро назария ва муносибатҳои эволютсионӣ-институтсионалӣ ва таҳлили системавӣ ташкил додааст. Ба сифати усули асосии таҳқиқот принсипи муносибати системавӣ интихоб шудааст, ки дар асоси он мантиқи умумии диссертатсияи мазкур ифода гардидааст. Дар кори илмӣ усулҳои хулосабарории назариявӣ ва эмперикӣ, таҳлилу синтез, таҳлили сохторӣ-функсионалӣ, оморӣ-риёзӣ, индексӣ, экспертӣ ва ғайра истифода бурда шудаанд. Истифодабарии маҷмӯавии усулҳо ва роҳҳои интихобшуда саҳеҳияти тақозошавандаи хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалиро таъмин намуд.

**Сарчашмаи маълумот.** Заминаҳои таҷрибавии таҳқиқотро хоҷагии хонаводаҳо ва корхонаҳои соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти деҳоти минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ташкил додааст. Заминаҳои иттилоотиро маълумотҳои расмии омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагиҳои минтақавии он, захираҳои иттилоотии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои мақомоти идоракунии соҳаҳои кишоварзии вилояти Хатлон, маводҳои матбуоти даврӣ ва мақолаҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои муайян кардани миқёс ва хислати шуғли ғайрирасмӣ дар ҳудуди деҳоти мамлакат бахшида шудаанд, инчунин, мушоҳида ва коркарди натиҷаҳои пурсишномаҳои аз тарафи муаллиф дар ноҳияҳои алоҳидаи вилояти Хатлон гузаронидашуда фаро мегиранд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисоди инновасиони ва тиҷорати соҳавии факултаи бехатараии молиявӣ ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара дар давраи солҳои 2015 – 2023 сурат гирифтааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методии самти таҳқиқот ва баҳодиҳии навъи алтернативӣ ва ё

ғайрикишоварзии шуғл дар иқтисодиёти деҳот ва таҳияи тавсияҳои консептуаливу амалӣ ҷиҳати таҳкими сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ва танзими он ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои асосии илмии муайянкунандаи навовариҳои таҳқиқот аз инҳо иборат мебошанд:

– сиёсати давлатии шуғлнокии аҳолӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоӣ арзёбӣ шуда, асоснок карда шудааст, ки моҳияту механизми татбиқи он бояд дар заминаи муқаррароти муаллифии моҳияти шуғл дар низоми иқтисоди бозорӣ ҳамчун раванди иштироки фаъоли аҳолии қобили меҳнат дар намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, ки дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ бо кордеҳон, фаъолияти соҳибкорӣ, худмашғулӣ ва тавассути муҳоҷирати меҳнатӣ сурат гирифта, ҳифзи иҷтимоии онҳо аз тарафи давлат таъмин мешавад, мукаммал гардад;

– исбот карда шудааст, ки шуғли алтернативӣ маҳсули раванди объективии суръатгирии диверсификатсияи шуғл буда, хонаводаҳо ва ё оилаҳо якчанд намудҳои гуногуни корро интихоб мекунанд ва ё пурра ба бахши ғайрикишоварзӣ мегузаранд, ки ба онҳо имкониятҳои бештари даромадро меорад; заминаҳои пайдоиши шуғли алтернативӣ, ки аз мазмуни низоми устувори воситаҳо барои зиндагӣ бармеоянд асоснок карда шуда, масъалаҳои методии арзёбии шуғли алтернативӣ аниқ карда шудааст:

– хусусиятҳо ва тамоюлоти шуғл дар иқтисодиёти деҳоти мамлакат муайян карда шудаанд: сатҳи пасти тамоюли диверсификатсияи истеҳсолоту фаъолият ва афзалияти сифати анъанавии он, сарбории зиёди демографӣ, изофаи захираҳои меҳнатӣ ва ғайра сабаби рушди шуғли ғайрикишоварзӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд;

– роҳҳои мукаммалгардонии механизми дастгирии давлатии ташкили шаклҳои алтернативии шуғлнокӣ дар самти ҳунарҳои мардумӣ (гулдӯзӣ, бофандагӣ ва тӯрбофӣ аз пӯстлохи дарахт, ҷалғӯза ва ғ.), инчунин дар самти агротуризму асалпарварӣ ва коркарди саноатии ашёи хоми маҳаллӣ

(истеҳсолоти бофандагӣ аз матоъҳои тибитдор, ҷамъоварӣ, коркард ва фурӯши минбаъдаи меваҳои худрӯй, занбурӯғҳо ва ғайраҳо) асоснок карда шудааст;

– асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои коркарди самтҳои стратегии рушди соҳаҳои шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ва зарурати инъикоси он дар сиёсати давлатии шуғл пешниҳод шудааст; зеро иқтисодиёти деҳот ҳамчун низоми мураккаби соҳаҳо ва намудҳои мухталифи фаъолият, маҷмуи иштирокчиёни (агентҳои хоҷагидори гуногун) муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ҷиҳати истифодаи захираҳои манотиқи деҳот ба миён омадааст, рушд кардааст.

**Муқаррароти муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод мешавад, инҳо мебошанд:**

– тавсифи вазифаҳо ва татбиқи принсипҳои асосии сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар доираи барномаи давлатии рушди деҳот, ки ба паст намудани сатҳи бекорӣ, баланд шудани сатҳи шуғли аҳолии деҳот ва кафолат додани афзоиши даромад, аз ҷумла аз ҳисоби намудҳои алтернативии фаъолият, фаъолияти ғайрикишоварзӣ мусоидат менамояд;

– арзёбӣ ва муаяйн намудани тамоюлоти тағйирёбии бозори меҳнати манотиқи деҳот пайваста, диверсификатсияи истеҳсолот, принсипҳои нави фаъолияти иқтисодии аҳолӣ, пеш аз ҳама бо тағйирёбии шаклҳои моликият, табодули талабот ба касбҳои муайян, васеъ шудани миқёси бахши ғайридавлатии иқтисодиёт, ки рушди бахши шуғли алтернативиро мусоидат намудааст;

– таҳияи пешниҳодоту тавсияҳо дар самти мукаммалгардонии механизми татбиқи сиёсати фаъоли давлат (дирижизм) дар пояи принсипҳои банақшагирии индикативии шуғли ғайрикишоварзӣ дар иқтисоди деҳот, ки густариши моделҳои самарабахши соҳибкории ғайрикишоварзиро мусоидат менамояд;

– коркарди асосҳои консептуалии таҳияи стратегия барои барномаҳои рушди шуғли алтернативӣ ва алгоритми таҳияи он дар иқтисодиёти деҳот вобаста ба шароити манотиқи деҳоти гуногуни мамлакат.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалии дар он ифодаёфта имконият медиҳад, ки таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои шуғлнокӣ истифода карда шаванд. Инчунин, пояи назариявии таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун замина ҳангоми коркарди механизмҳои дастгирии давлатии ин намуди шуғлнокӣ истифода гардад. Мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ имконият медиҳад, ки назарияи шуғл, роҳҳои методии таҳқиқот, баҳогузорӣ ва танзими шуғлнокӣ васеъ гардонида шавад.

Нишондодҳои диссертатсияро метавон ҳангоми таҳияи курсҳои таълимӣ ва маводи методӣ оид ба фанҳои «Назарияи иқтисод», «Иқтисодиёти меҳнат», «Ташкили КАС» ва курси махсуси «Шуғли аҳолӣ» ва ғайраҳо истифода кард. Тавсияҳои методии ташкили мониторинг ва омӯзиши шуғли ғайрикишоварзӣ ва танзими он дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, ки мо коркард намудаем, якчанд шуъбаҳои шуғли аҳолии ноҳияҳои ин минтақа барои иҷро қабул намудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ карда шудааст.

Таҳқиқоти тағйироти тасаввурот ва ақидаҳоро оид ба шуғли алтернативӣ дар доираи омӯзиши соҳаи шуғли иқтисодиёти деҳот ва кишоварзӣ имкон додааст, ки оид ба моҳият ва мундариҷаи он дар соҳаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ, ки дар онҳо сатҳи баланди барзиёдии меҳнат ва нобаробарии бозори меҳнат мавҷуд аст, роҳҳои илман асосноки расмикунонӣ ва рушди сатҳи шуғли ғайрикишоварзиро пешниҳод намояд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳаи таҳқиқот ба шиносномаи аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат: 1.Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияи рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори

меҳнат, идоракунии меҳнат ва ғайраҳо); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоӣ; 3. Муаммоҳои назариявию методологии дар бозори меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; 6. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он ; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ);13. Танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он; 14. Сиёсати иҷтимоӣ, рушди иҷтимоӣ ва бехатарии иҷтимоӣ.

**Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар таҳқиқи назарияи шуғли алтернативӣ ва коркарди тавсияҳои амалии танзими он, таҳқиқи сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографии бавуҷудоии ин намуди шуғл ва муайян намудани тамоюли тағйироти миқёсии он саҳм гузоштааст. Ҳамзамон, зарурати илмии муайян намудани паёмадҳои мусбии иҷтимоӣ-иқтисодии мавҷудияти чунин намудҳои шуғлро, ки дар сиёсати давлатии шуғл инъикос ёбанд, асоснок намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулоса ва натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар якчанд конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Дангара (солҳои 2012-2023), Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ (солҳои 2020-2023), дар ҳамоиши олимони ҷавони Тоҷикистон ва ғайраҳо баррасӣ шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Матлабҳо ва тавсияҳои таҳқиқот** дар 9 кори илмӣ дар ҳаҷми умумии 6,5 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, дар ҳаҷми умумии 203 саҳифа иборат аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ШУҒЛ ВА ШУҒЛИ АЛТЕРНАТИВӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ДЕҲОТ

## 1.1. Муносибатҳои консептуалӣ доир ба шуғлнокӣ ва сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ

Сиёсати давлатии шуғлнокии аҳолӣ як ҷузъи муҳим ва асосии сиёсати иҷтимоии давлат мебошад. Ин сиёсати шуғлнокӣ омехтаи тадбирҳои мустақим ва ғайримустақими давлат аст, ки ба рушд ва тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарди ҳар як аъзои ҷомеа таъсир мерасонад, бо роҳи қонеъ кардани талаботи асосии онҳо ба меҳнат. Ин сиёсати шуғл пеш аз ҳама, ба роҳ андохтани тадбирҳои мушаххас ва амалии равона шудааст, ки ба тақсимоти самараноки қувваи корӣ ва дастгирии шуғли самарабахш равона мебошанд.

Сиёсати фаъолонаи шуғлнокӣ — ин маҷмӯи тадбирҳое мебошад, ки давлат барои нигоҳ доштани сатҳи баландтарини шуғлнокӣ ва коҳиш додани бекорӣ истифода мебарад. Ин тадбирҳо метавонанд фаъолиятҳои гуногуни кӯмакрасон ба одамоне, ки кор меҷӯянд, ва эҷоди шароити мувофиқ барои таъмин кардани шуғлро дар бар гиранд.

Коҳиш додани бекорӣ ва пешгирӣ аз озодкунӣ: Мақсади умумӣ — коҳиш додани шумораи одамоне, ки бе кор мемонанд. Барои ин, барномаҳои дастгирии соҳибкорон истифода мешаванд, ки наметавонанд кормандонро озод кунанд, ё кӯмак барои таъсиси ҷойҳои кории нав.

Нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ: Ин маъзарат медиҳад, ки давлат метавонад дар ҳолатҳои душвори ширкатҳо, мисолан, тавассути пешниҳоди субсидияҳо барои нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ дахолат кунад, то одамон ҷойи кори худро аз сабаби мушкилоти иқтисодӣ аз даст надиҳанд.

Омӯзиш, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани ихтисос: Тадбирҳое, ки ба одамон кӯмак мерасонанд, ки ҳатто агар онҳо корро аз даст дода бошанд, барои ёфтани кори нав, бо баланд бардоштани малакаҳои худ ё омӯзиши касби нав кӯмак кунанд, ки ба онҳо барои мутобиқ шудан ба тағйирот дар бозори меҳнат ёрӣ мерасонанд.

Кӯмак дар ҷустуҷӯи ва интихоби ҷойи кор: Ин метавонад таъсиси марказҳои шуғлнокӣ ва кӯмакрасонҳои махсус барои ёфтани маълумот дар бораи ҷойҳои корӣ бошад, ки ба одамон кӯмак мекунад, ки бо эҳтиёҷоти ихтисосӣ ва малакаҳояшон кор ёбед.

Маблағгузорӣ барои ҷойҳои кории нав ва таъсиси ҷойҳои корӣ тавассути корҳои ҷамъиятӣ: Ин барномаҳое мебошанд, ки кӯмак мекунанд, то дар бахши ҷамъиятӣ ё корҳои ҷамъиятӣ ҷойҳои корӣ таъсис ёбад, мисолан, сохтмони инфрасохтор ё кӯмак дар лоиҳаҳои экологӣ. Ин кӯмак мерасонад, ки шуғл дар давраи бӯҳронӣ таъмин карда шавад. Ташаккулу таҳкими сиёсати шуғлнокӣ пайваста бо рушди муносибатҳои иқтисодиву меҳнатӣ сурат мегирад ва дар ҳар марҳила самту сифати худро вобаста ба талаботи марҳилаҳои рушди низоми иқтисодиву иҷтимоӣ тағйир медиҳад.

Татбиқи сиёсати шуғл дар манотиқи деҳоти мамлакат нақши калидӣ дорад, зеро дар ин минтақах беш аз 73 фоизи аҳолии мамлакат ва 63 фоизи қувваи кории иқтисодиёти кишвар воқеъ мебошад. Захираҳои меҳнатӣ дар минтақаҳои деҳот унсури калидии иқтисоди аграрӣ ба ҳисоб мераванд. Онҳо истеҳсолотро дар бахши кишоварзӣ таъмин мекунанд ва дар раванди гузариши иқтисодиёт ба модели индустриалӣ-аграрӣ нақши муҳим мебозанд. Ин маънои онро дорад, қувваи корӣ, ки дар деҳот кор мекунад, на танҳо дар кишоварзӣ, балки дар саноат низ нақши муҳим дорад. Яъне, одамоне, ки дар деҳот кор мекунанд, метавонанд на танҳо дар соҳаи аграрӣ, балки дар соҳаҳои дигар, ки ба рушди иқтидори саноатӣ мусоидат мекунанд, иштирок кунанд. Ин, ба навбати худ, ба таҳкими иқтисодиёт ва навсозии он, яъне ба беҳтаршавӣ ва таҷдиди тамоми системаи иқтисодии кишвар оварда мерасонад. Бинобар ин баланд бардоштани сатҳу сифати шуғл ва самарабахштар истифода бурдан захираҳои меҳнатӣ мухимтарин омилхои тараккиёти иктисодиёти комплекси агросаноатй ва баланд бардоштани дарачаи хаёти ахолии деҳот мебошад.

Сиёсати шуғл ба худ мақсад гузоштааст, ки шароите фароҳам орад, ки ҳар як шахс тавонад кореро пайдо кунад, ки ба малакаҳо, манфиатҳо ва афзалиятҳои ӯ мувофиқ бошад. Ин мақсад дастгирии ҷустуҷӯи кор, офаридани

ҷойҳои нави корӣ ва рушди чунин шароити меҳнатиро дар бар мегирад, ки ба одамон имкон медиҳад, маоши кофӣ барои зиндагии шоиста ба даст оранд. Ҳадафи асосӣ — таъмини шуғли устувор бо даромади кофӣ мебошад, ки сатҳи зиндагии кормандон ва оилаҳои онҳоро беҳтар намуда, ҷомеаи иҷтимоии устувор ва иқтисодан фаъолро ба вуҷуд меорад. Сиёсати пешгирифта на танхо ҳадафи нигох доштани дарачаи умумии шугли пурра, балки халли муаммоҳои и иктисодию ичтимой, дар навбати аввал баланд бардоштани дарачаи некуахволии халк, фарохам овардани шароит барои инкишофи инсон, аз чумла. ва такмил додани низоми таҳсилоти якумраро дорад. Сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ вазифаҳои муҳимро дар асоси татбиқи принсипҳои асосӣ ба иҷро мерасонад. (ниг. Расми 1.) Сиёсати шуғл бояд имкониятхои кори гуруххои (категорияхои) гуногуни ахолиро ба назар гирад. Дар ҳар як минтақаа гурӯҳҳои осебпазир вуҷуд доранд: занон, ҷавонон, маъюбон ва ғайра, онҳое, ки дар масъалаҳои шуғл таҳти дискриминатсия қарор мегиранд. Барои ба амал баровардани чунин сиёсат, монанди хамкории зич ва созиши  сиёсати иктисодию ичтимой барои таъмини шугли пурра, пурмахсул ва озодона интихобшуда зарур аст. Аммо охирин низ бояд самаранок бошад. Ҳама навъҳои сиёсат бо ҳам алоқаманданд ва ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Шуғл вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро иҷро мекунад. Сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ як вазифа - таъмини шуғли пурра, самараноки пурмаҳсулро иҷро мекунад.




**Расми 1. Вазифаҳо ва присипҳои сиёсати шуғл**

Бархе аз иқтисоддонҳо дахолати давлат ба механизми бозорро ғайри қобили қабул медонанд. Дигарон, масалан, тарафдорони мактаби кейнси исрор мекунанд, ки давлат бод дар бозорҳои миллӣ, аз ҷумла дар бозори меҳнат

сиёсати фаъолро пеш гирад. Масалан, Ҷ.М. Кейнс навишта буд, ки «ба мақсад мувофиқ аст, ки сиёсати музди меҳнати сахтро пеш барем, назар ба сиёсати маоши чандир, ки ба ҳар як тағйирёбии ҳаҷми бекорӣ ҳассос аст» *[64,с.335]*. Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ), ки соли 1919 таъсис ёфта, соли 1946 ба як воҳиди махсуси Созмони Милали Муттаҳид табдил ёфт, сиёсати фаъоли бозори меҳнатро ба авлавияти байналмилалӣ табдил додааст. Бо шарофати СБМ бозори муосири меҳнат дар кишварҳои пешрафта яке аз бозорҳои танзимшаванда мебошад. Вай кайхо стихиявии худро катъ карда, объекти танзими фаъоли давлатй гардид. Талабот ба кувваи коргарй дар бисьёр мамлакатхо бодиккат ба накша гирифта шуда, бо системаи такмили ихтисоси пешакй таъмин карда мешавад. Ин натиҷаи муносибатҳои тӯлонии байни корфармоён ва кормандон аст, ки бо миёнаравии давлат ба амал меояд. Одатан, пешниҳод ва танзими қувваи корӣ таҳти назорати иттифоқҳои касаба қарор дорад, ва нархи меҳнат дар бозор, яъне музди меҳнат, бо истифода аз шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ муайян карда мешавад. Чи хеле ки мебинем, бозори мехнат хам мисли бозорхои дигар молхо хам дар дохил (корфармоён ва иттифокхои касаба) ва хам беруни (давлат) танзим шудааст.

Дар тасаввуроти мо сиёсати шуғли аҳолӣ ба маънои васеъ ҷалби аҳолии қобили меҳнат ба фаъолияти фоиданоки ҷамъиятиро дорад, ки даромад меорад ва ба муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъсир мерасонад. Яке аз мухимтарин хислатхои иктисодиёт ва некуахволии халк ин бо кор таъмин будан аст. Некуаҳволии шаҳрвандони кишвар дар бораи устувории иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа тасаввуроти муайян медиҳад. Шахсоне, ки ба иктисодиёт машгуланд, молу хизмат месозанд ва бо хамин талаботи одамонро конеъ мегардонанд ва масъалахои иктисодию ичтимоиро хал мекунанд. Аммо конунхои иктисодие, ки дар асоси фаъолияти бозор карор доранд, барои онхое, ки мехоханд кор кунанд ва сатхи моддии худро баланд бардоранд, барои ташкили чойхои нави кор кафолат намедихад. Дар натича одамон бе кору даромад мемонанд, дар чамъият дигаргунихо ба амал меоянд. Пешгирии ин

ҳолат давлатро водор менамояд, ки барои таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҷалби аҳолии бекор ва шомил намудани онҳо ба раванди меҳнат чораҳо андешад.

Бозори тағйирёбандаи вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаёти инсонро дар бар мегирад. Бо дастёбӣ ба истиқлолият, дар Тоҷикистон, аз ҷумла дар деҳот, бозори меҳнат ташаккул ёфт, ки имкон дод ба рушди шуғли аҳолӣ дар саросари кишвар. Аммо, имрӯз ин бозор бо як қатор мушкилот рӯбарӯ шудааст, ки ба монанди норасоии ҷойҳои корӣ, сатҳи пасти маош, ва номувофиқатии малакаҳои коргарон бо талаботи корфармоён мебошад. Барои ҳалли ин мушкилот, такмили сиёсати шуғл муҳим аст, то ки шароити беҳтари кор фароҳам оварда шуда, имкониятҳои шуғли устувор ва муносиб бештар гардад. Бо назардошти ин таҳқиқот қонуниятҳои ташаккул ва амалкардаи бозорҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисодиёти тағйирёбанда муҳим гардидааст. Мукаммалгардонии сиёсати шуғли аҳолӣ такя бо натиҷаҳои таҳқиқоти бозори меҳнат, ки чун масъалаи илмӣ имрӯз ба миён наомадааст, сурат мегирад. Муқаррар намудани моҳияти шуғлнокӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ, тавсиф намудани сохтори шуғлнокӣ ва намудҳои он барои такмил додани самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии шуғлнокӣ ғизои илмӣ мебахшад. Бинобар он, мо ба тавзеъ бахшидани моҳияти масъалаҳои номбаршуда шурӯъ менамоем.

Дар адабиёти иқтисодӣ маъмул аст, ки масъалаи таҳқиқи шуғл аз замони мактабҳои барҷастаи иқтисоди сиёсии асрҳои гузашта мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифта, дар асри XX аз ҷониби намояндагони неоклассикӣ ва кейнсианӣ фаъолона омӯзиш ёфт. Аз солҳои 1990 инҷониб, омӯзиши шуғл дар илмҳои иқтисодии ватанӣ низ мавқеи устуворро касб намуд. Барои таҳқиқоти амиқ дар равандҳо ва ҳолатҳои бозори меҳнат дар сатҳи кишвар, инчунин таҳлили хусусиятҳои он дар минтақаҳо ва таҳияи сиёсати давлатии самаранок, ҷамъбасти назариявии хусусиятҳои моделҳои бозори меҳнат ва муайян кардани қонуниятҳои асосии ташаккул ва фаъолияти бозори меҳнат дар деҳот аҳамияти муҳим дорад. Ҳамаи ин омилҳо барои фаҳмиши комил ва татбиқи самараноки сиёсати шуғли аҳолӣ дар ҷумҳурӣ заруранд.

Пеш аз ҳама мафҳуми шуғлнокиро дида мебароем. Шуғлнокии аҳолӣ категорияи муҳими иҷтимоӣ-иқтисодие мебошад, ки бо амалисозии ҳуқуқи инсон ба меҳнат алоқаманд аст. Умуман шуғлнокии аҳолӣ дар худ ҳолатеро таҷассум мекунад, ки дар одамон мавҷуд будани кор, яъне шуғли даромадовар ва кори қонунии хилофи қонунҳои амалкунанда набударо ифода мекунад. Ба ибораи дигар, шуғлнокӣ ин таъминнокии одамон бо кори зарурии ҷамъиятии ба онҳо музди меҳнат ё даромади меҳнатоваранда мебошад.

Чи тавре дар боло ишора намудем, масъалаҳои шуғлнокӣ ва бекорӣ дар ҳар давру замон диққати олимонро ба худ ҷалб карда буданд. Консепсияи асосии шуғлнокии аҳолӣ дар илми иқтисодиёт дар асоси таҳқиқоти олимон-иқтисодчиёни гуногун, аз қабили К.Азариадис, М.Бейли, Т.Веблен, Ҷ.Гелбрейт, Ҷ.Данлоп, Ҷ.М.Кейнс, А.Маршалл, А.Пигу, Д.Рикардо, А.Смит, Г.Стен-динг, Л.Улман, Э.Фэлпс, И.Фишер, М.Фридмен ва дигарон пайдо шудааст.

Адам Смит дар назарияи худ таъкид мекард, ки одамон аввалин навбат аз манфиатҳои шахсии худ пайравӣ мекунанд ва ба фоидаи шахсӣ мерасанд. Вай боварӣ дошт, ки дар шароити бозори озод ва рақобат, ки ҳар кас барои фоидаи худ амал мекунад, чизи ба назар ноаён пайдо мешавад, ки барои нигоҳ доштани тартибот ва мувозинат дар иқтисод кӯмак мерасонад. Ин «дасти ноаён» ё «дасти ноаён бозор» амалкарди одамонро ба тарзе роҳнамоӣ мекунад, ки онҳо, ҳатто дарк накардани он, ба неъматҳои шахсӣ ва умумӣ мусоидат мекунанд. Яъне, бо вуҷуди манфиатҳои шахсии ҳар кас, дар маҷмӯъ ин ба фоидаҳои ҷомеа оварда мерасонад, ки рушди иқтисодӣ ва тақсими мувофиқи захираҳоро таъмин мекунад.

Адам Смит дар он ақида буд, ки шуғл ва музди меҳнат ба сатҳи таҳсилот ва малакаҳои касбии як шахс вобаста аст. Ин маънои онро дорад, ки агар як шахс таҳсилоти баланд ва малакаҳои касбӣ дошта бошад, ӯ метавонад вазифаҳои мураккабтар ва масъулиятноктарро иҷро кунад, ки ба ӯ музди меҳнати баландтар меорад. Смит ба аҳамияти дониш ва малакаҳои касбӣ барои беҳтар кардани имкониятҳои шуғл ва кам кардани мизони бекорӣ таъкид

мекард, зеро ҳарчӣ одамон бештар омӯхта ва мутахассис шаванд, ҳамон қадар имкониятҳои беҳтари корӣ ва музди баландтари меҳнатро хоҳанд дошт. Ба ибораи дигар, мавқеи муайяни шахс дар фаъолияти касбӣ аз тахассус ва сатҳи қобилиятҳои зеҳнии зарурӣ барои ин кор вобаста аст. Ба ақидаи Адам Смит, қувваҳои бозорӣ ҳам харидорон ва ҳам фурӯшандагонро ба фаъолияти самараноки иқтисодӣ ҳавасманд мекунанд. Ба андешаи ӯ, озодии бозор ва рақобат танзимгарони асосии иқтисодиёт мебошанд. Смит бар он назар буд, ки дахолати давлат ба рақобати озод метавонад барои иқтисодиёт оқибатҳои манфӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, ӯ ба принсипи «бигзор ҳама чиз худ ба худ сурат гирад» (laissez faire) пайравӣ мекард ва бар он ақида буд, ки дахолати давлат аксар вақт ба иқтисодиёт зарар мерасонад ва барои исботи ин нуқта чанд мисоли таъсири манфии дахолати давлатро нишон медод *[193,с.5]*.

Ҳамин тариқ, олимони классикӣ бар он андеша буданд, ки шуғли пурра дар ҷомеаи капиталистӣ ба таври табиӣ, бо истифода аз механизмҳои озоди бозор ба даст меояд. Дар шароити мувозинати иқтисодӣ, бекорон барои ҷойҳои корӣ рақобат мекунанд, ки ин ба пастшавии маош оварда мерасонад. Ин раванд то замоне идома меёбад, ки маош ба сатҳе мерасад, ки ба корфармоён киро кардани ҳамаи коргарони дастрас фоидаовар мегардад. Ҳамин тавр, шуғли пурра таъмин мешавад. Ба андешаи онҳо, пайдоиши бекорӣ ё натиҷаи дахолати нолозими давлат ба иқтисодиёт аст ё аз омилҳои стихиявии берунии иқтисод вобаста мебошад.

Ҷон Мейнард Кейнс назарияи классикии шуғлро аз нав дида баромад ва фаҳмиши мураккабтари бекорӣ ва шуғлро дар иқтисоди бозорӣ пешниҳод кард. Классикон ҳисоб мекардан, ки агар коргарон розӣ шаванд, ки бо маоши пасттар кор кунанд, пас корфармоён метавонанд шумораи бештаре одамонро ба кор гирифта, он ба зиёд шудани ҷойҳои корӣ мерасад. Идея дар он аст, ки поин кардани музди меҳнат коргаронро барои корфармоён дастрас мекунад ва ин боиси афзоиши ҷойҳои корӣ мегардад.

Аммо Кейнс, назарияи классикиро танқид мекард, ҳисоб мекард, ки ин усул на ҳамеша дуруст аст. Вай тасдиқ мекард, ки дар амал дар иқтисоди

бозорӣ механизме нест, ки шуғли пурраро таъмин кунад. Ба гуфтаи ӯ, ҳатто агар музди меҳнат поин шавад, ин наметавонад кафолат диҳад, ки шумораи ҷойҳои корӣ зиёд шавад, чунки эҳтимолан қудрати харидории одамон кам мешавад, ки ин боиси паст шудани талабот барои мол ва хидматҳо мегардад. Натиҷа ин мешавад, ки ширкатҳо ҷойҳои кории бештаре намесозанд ва бӯҳрони иқтисодӣ шояд сахттар гардад. Кейнс пешниҳоди дахолат кардани давлатро барои ташвиқи талабот ва таъмини шуғли пурра кардааст.

Дар асари худ соли 1936, Кейнс қоидаеро пешниҳод кард, ки тибқи он талаботи ҷомеа ба молу хизматрасониҳо (талаботи самаранок) на ҳамеша ба сатҳе мерасад, ки шуғли пурраро таъмин кунад. Вай шарҳ дод, ки шуғли пурра танҳо дар он ҳолат имконпазир аст, ки вақте мардум барои истеъмол кардан ва соҳибкорон барои сармоягузорӣ кардан ҳавасманд бошанд. Агар майли ҷомеа ба истеъмол ва омодагии соҳибкорон барои сармоягузорӣ дар тавозуни дуруст қарор дошта бошад, пас ин метавонад шуғли пурраро таъмин кунад.

Кейнс инчунин илова намуд, ки сатҳи шуғл ва истеҳсолот на аз тайёрии коргарон барои қабули маоши камтар, балки пеш аз ҳама аз ҳаҷми сармоягузориҳо вобаста аст. Яъне, агар сармоягузорон дурнамои хубро барои сармоягузории муфид набинанд, сатҳи шуғл метавонад коҳиш ёбад ва ягон пастшавии маош ин вазъиятро беҳтар карда наметавонад.

Кейнс ба як қатор омилҳо ишора мекард, ки ба талаботи умумӣ таъсир мерасонанд, аз ҷумла:

- майли одамон ба пасандоз ва сарф;
- сиёсати пулии давлатӣ, ки ба назорати гардиши пул дахл дорад;
- боварии сармоягузорон ба эҳтимоли даромад аз сармоягузориҳо;
- майл ба истеъмоли мол ва хизматрасониҳо;
- омилҳои иҷтимоӣ, ки таъсир ба сатҳи музди меҳнат мерасонанд.

Кейнс қайд кард, ки махсусан омилҳои таъсиррасон ба сатҳи сармоягузорӣ хеле ноустувор мебошанд. Ин омилҳо аз эътимоди сармоягузорон ба рушди иқтисодӣ вобастаанд ва ин эътимод метавонад тағйирпазир бошад ва ба сатҳи баланди нобоварӣ гирифтор шавад. Аз ин рӯ,

сатҳи сармоягузорӣ аз интизориҳо ва рӯҳияи сармоягузорон вобаста аст, ки пешгӯии он душвор аст ва ин омил ба ноустувории иқтисодӣ сабаб мегардад.

Кейнс таъкид мекард, ки назарияи ӯ танҳо барои фаҳмонидани он аст, ки чаро истеҳсолот ва шуғл аксар вақт ноустуворанд. Назарияи ӯ роҳи ҳалли тайёреро барои нигоҳ доштани устувории иқтисодиёт ё нигоҳ доштани истеҳсолот дар сатҳи доимӣ пешниҳод намекунад. Ин пеш аз ҳама як назарияи шуғл аст, зеро он кӯмак мекунад фаҳмем, ки чаро сатҳи шуғл дар воқеият чунин аст, ки ҳаст. Кейнс таъкид мекард, ки дар иқтисоди бозорӣ механизми автоматие нест, ки шуғли пурраро таъмин кунад. Вай бовар дошт, ки фаъолияти иқтисодӣ, ба монанди истеъмоли мардум ва сармоягузорӣ кардани ширкатҳо, мустақиман ба сатҳи шуғл ва рушди умумии иқтисодӣ таъсир мерасонад. Агар одамон ба истеъмол кардани маҳсулот ва хидматҳо бештар майл дошта бошанд ва ширкатҳо сармоягузориҳои бештар ба нақша гиранд, ин метавонад ба рушд ва таъсиси ҷойҳои корӣ кӯмак расонад. Аммо агар талабот ба маҳсулот ва хидматҳо паст бошад, ин метавонад ба таъхир ва коҳиш ёбии рушди иқтисодӣ ва кам шудани ҷойҳои корӣ оварда расонад. Карл Маркс ба масъалаи шуғл дар назарияи иқтисодии худ аҳамияти калон медод. Вай таҳқиқ мекард, ки чӣ гуна ҷамъшавии сармоя ба вазъи синфи коргар ва сатҳи шуғл таъсир мерасонад. Дар асари худ «Капитал» Маркс шарҳ медиҳад, ки бо афзоиши сармоя коргарон бештари захираҳоро истеҳсол мекунанд, аммо ин, ба таври парадоксалӣ, боиси афзоиши норасоии ҷойҳои корӣ — яъне, бекорӣ мегардад.

Аз нуқтаи назари Маркс, дар системаи бозории капиталистӣ пайдоиши барзиёдии қувваи корӣ ё «аҳолии изофӣ» ногузир аст. Ин маънои онро дорад, ки ҷамъшавии сармоя шароитеро ба вуҷуд меорад, ки дар он қисми коргарон нолозим шуда, бе кор мемонанд *[32,с.340]*.

Иқтисодчиён имрӯз назарияи шуғлро фаъолона инкишоф медиҳанд ва барои он таърифҳои гуногун пешниҳод мекунанд, ки моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии онро инъикос менамояд. Масалан, А.Э. Котлер бар он аст, ки шуғл як категорияи асосии иқтисодӣ мебошад, ки дар ҳама намудҳои ҷамъиятҳо

вуҷуд дорад. А.Э. Котлер дар назарияи худ шуғлро ҳамчун муносибатҳои байни одамон шарҳ медиҳад, ки вақте ки коргарон ба фаъолияти меҳнатӣ дар ҷойҳои кории муайян дохил мешаванд, ба вуҷуд меоянд. Яъне, ин на танҳо раванди кор, балки муносибатҳои иҷтимоии байни одамон дар доираи фаъолиятҳои касбӣ мебошанд, ки дар он ҳар як шахс нақши худро дар ҷараёни умумии меҳнат иҷро мекунад. Дар ин поя, шуғл на танҳо кори худаш, балки муносибатҳои иҷтимоие, ки байни коргарон ва корфармоён ва инчунин дар дохили дастаи корӣ ба вуҷуд меоянд, дар бар мегирад *[149,с 340]*.

Таҳлилгарони дигар низ ин нуқтаи назарро дастгирӣ мекунанд ва чунин мешуморанд, ки шуғл на танҳо меҳнат аст, балки қисми муҳимми аҳолии иқтисодан фаъолро ташкил медиҳад ва бо захираҳои истеҳсолӣ ва равандҳои ҷамъиятӣ алоқаманд аст. Дар ин замина, шуғл муносибатҳои байни одамонро дар раванди иштирокашон дар истеҳсоли ҷамъиятӣ тавсиф мекунад *[51,с.9]*.

Ҳамчунин, фаҳмиши васеътари шуғл вуҷуд дорад: аз як тараф, он таъмини одамон бо ҷойҳои корӣ, яъне иштирок дар истеҳсолот ва ҷамъоварии захираҳоро дар бар мегирад; аз тарафи дигар, он воситаи таъмини одамон бо ниёзҳои асосии зиндагӣ аз нуқтаи назари фонди истеъмол мебошад. Идеяи дигар ин аст, ки шуғл на танҳо кор аст, балки шарти муҳими ташаккули қувваҳои истеҳсолии ҷамъият буда, ҳамчун яке аз ниёзҳои асосии ҳаётии аҳолӣ хизмат мекунад*[125,с.97]*.

Олимони тоҷик низ, нисбат ба моҳияти шуғлнокӣ тавсифҳои гуногун додаанд. Олимов А.Л. *[80,с.43]* чунин мешуморад, ки шуғл фаъолияти одамонест, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ мусоидат мекунад, ба қонунгузорӣ мувофиқат дорад ва одатан даромад меорад. Абдуллоев Х. шуғлро ҳамчун категорияи иқтисодӣ мебинад, ки муносибатҳои марбут ба иштироки мардумро дар кор барои ба даст овардани даромад дар бар мегирад *[100,с.115]* Юсуфбеков Ю.Р. *[93,с.19]* бошад, шуғлро ҳамчун фаъолияти барои ҷамъият фоиданок мешуморад, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ равона шудааст ва одатан даромад ё даромади меҳнатӣ меорад.

Олими иқтисодчии тоҷик Бабаджанов Р.М. ба моҳияти иҷтимоии меҳнат ва шуғл диққати махсус додааст. Вай не танҳо шуғлро ҳамчун эҳтиёҷоти одамон барои ба даст овардани даромад, балки ҳамчун як воситаи асосии таъмини огоҳии инсон дар ҷамъият ва эҳтиёҷоти онҳо мебинад. Ба ибораи дигар, шуғл барои одамон на танҳо як роҳ барои зиндагӣ ва гирифтани пули кофӣ мебошад, балки ҳамчунин барои одамон муҳим аст, ки ҳиссиёти худро дар ҷомеа баён кунанд ва бо меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ба рушд ва пешрафти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ кумак кунанд. Вай эҳтиёҷоти одамонро ҳамчун ҷузъи асосии маъзарат ва вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як марҳилаи ҷомеа дар назар гирифтааст *[119,с.48]*.

Ҳамин тавр, олимон шуғлро ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Баъзеҳо бар онанд, ки шуғл муносибати байни одамон аст, ки бо иштироки онҳо дар истеҳсоли ҷамъиятӣ алоқаманд аст, яъне ин саҳми коргарон дар иқтисод тавассути кор мебошад. Дигарон мегӯянд, ки шуғл шарти зарурӣ барои таъмин кардани ҷомеа бо воситаҳои зиндагист, яъне одамон бояд кор кунанд, то даромад ба даст оранд ва худро таъмин намоянд.

Гурӯҳи сеюми олимон шуғлро бо ниёзҳои асосии мардум ва қувваҳои истеҳсолии ҷамъият алоқаманд мекунанд, яъне онро манбаи тавлиди неъматҳои моддие медонанд, ки барои ҳама зарур аст.

Ин назариёт ба мо кӯмак мекунанд, ки хусусиятҳои асосии шуғлро муайян кунем: аввалан, он як падидаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ аст, ки зиндагии ҷомеаро танзим мекунад; дуввум, шуғл қувваи асосии истеҳсолист, ки ҷомеа ба он такя мекунад.

Андешаҳои олимони гуногунро ҷамъбаст карда, мо шуғлро дар низоми иқтисоди бозорї ҳамчун раванди иштироки фаъоли аҳолии қобили меҳнатро дар намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, ки дар асоси шартномаҳои меҳнатї бо кордеҳон, фаъолияти соҳибкорї, худмашғулї ва тавссути муҳољирати меҳанатї сурат мегираду, ҳивзи иљтимоии онҳо аз тарафи давлат таъмин мешавад, барасси менамоем. Шуғл ба андешаи мо як мафҳуми муҳим дар соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ аст, ки на танҳо эҳтиёҷоти шахсии одамонро

барои кори меҳнатӣ ифода мекунад, балки ҳиссаи онҳоро дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ нишон медиҳад. Шуғл қувваи асосии истеҳсолии ҷомеаро ташкил медиҳад, ки дар навбати худ ба рушди иқтисодӣ ва пешрафти иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Шуғл инчунин тавассути меъёрҳои ҳуқуқии давлат танзим мешавад, зеро ин боис мегардад, ки устуворӣ дар бозори меҳнат таъмин гардад, ҳуқуқҳои коргарон ҳифз шаванд ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ таъмин шавад. Муҳим аст, ки фаҳмем, ки шуғл на танҳо эҳтиёҷоти шахсиро қонеъ мекунад, балки ба ноил шудан ба фароҳам овардани некӯаҳволии умумӣ мусоидат мекунад, зеро кори ҳар як инсон ба рушди ҷомеа ва ободии он таъсир мерасонад.

Гурӯҳбандии шуғл аз рӯйи намудҳо ва шаклҳо муҳим аст, зеро он кӯмак мекунад, ки мо фаҳмем, ки чӣ гуна захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳо ва бахшҳои гуногуни иқтисод истифода мешаванд. Мафҳуми "намудҳои шуғл" ба он ишора мекунад, ки захираҳои меҳнатӣ чӣ гуна дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт тақсим мешаванд, мисли кишоварзӣ, саноат, хизматрасонӣ ва ғайра. Дар навбати худ, "шаклҳои шуғл" ба усулҳои гуногуни ташкилӣ ва ҳуқуқии кор ишора мекунад. Масалан, ин метавонад шуғли расмии шахсони ҳуқуқӣ, шуғли ғайрирасмӣ (мисли коргарони мустақил ё фрилансерҳо), ё шуғл дар заминаи шартномавӣ ва дигар ҳолатҳо бошад. Шаклҳои шуғл инчунин шароити корро, ки ба меҳнат, шартҳои корӣ ва ҳуқуқи коргарон ва корфармоён дахл доранд, инъикос мекунанд.

Дар таҳқиқоти иқтисодӣ воқеан як равиши ягона барои гурӯҳбандии шаклҳои шуғл вуҷуд надорад, зеро муаллифон ба ҷиҳатҳои гуногун диққат медиҳанд ва барои таснифи шуғл аз меъёрҳои гуногун истифода мебаранд. Шуғлро метавон бо нишондиҳандаҳои гуногун гурӯҳбандӣ кард, масалан, бо режими вақти корӣ (шуғли пурра ё қисмӣ), мунтазамии фаъолияти меҳнатӣ (шуғли доимӣ ё муваққатӣ), қонунияти таъмин бо кор (шуғли расмӣ ё ғайрирасмӣ) ва шароити ташкилоти раванди меҳнат (масалан, кор дар хона ё дар офис). Дар кишварҳо ва минтақаҳои гуногун бозори меҳнат метавонад хусусиятҳои махсуси худро дошта бошад, ки ин ба мутобиқ кардани

гурӯҳбандии шуғл ба шароити маҳаллӣ ниёз дорад. Масалан, дар баъзе кишварҳо шуғли расмӣ бештар паҳн шудааст, дар ҳоле ки дар дигарон иқтисодиёти ғайрирасмӣ нақши калон мебозад. Вобаста ба ҳадафҳои таҳқиқот, муаллифон метавонанд он меъёрҳоро интихоб кунанд, ки барои таҳлили онҳо муҳимтар аст. Масалан, барои омӯзиши таъсири қонунгузорӣ ба шуғл муҳим аст, ки қонунияти таъмин бо кор мавриди таҳлил қарор гирад, дар ҳоле ки барои таҳлили чандирии бозори меҳнат — режими вақти корӣ муҳимтар аст. Бозори меҳнат зери таъсири инноватсияҳои технологӣ, бухронҳои иқтисодӣ ва тағйироти иҷтимоӣ пайваста тағйир меёбад. Ин тақозо мекунад, ки гурӯҳбандии шуғлро мунтазам баррасӣ ва навсозӣ кунанд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд шудааст, ки бозори меҳнати кишвар аз "се бахш" иборат аст: шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, ки аксаран ғайрирасмӣ ва назоратнашаванда мебошад ва ҳар як бахш ба таври баробар саҳм мегузорад *[10,с.85]*. Чуноне, ки ин ҷо мебинем, аз рӯи меъёри сегменти бозори меҳнат ва бақайдгирии он се гурӯҳи шуғлнокӣ ҷудо шудааст: шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ.

Дар адабиёти иқтисодӣ таснифоти мухталифи шуғлнокӣ вомехӯранд. Бар асоси таҳқиқоти В.М. Петюх, таснифи шуғл ба шаклҳои гуногун дар асоси якчанд меъёрҳо тақсим мешавад. Шаклҳои асосии шуғл, ки ӯ муайян кардааст, шомили:

1. Шуғли пурра – ин ҳолат вақте аст, ки одамони қобили меҳнат пурра ба талабот ва ниёзҳои худ аз меҳнат қонеъ мешаванд ва тамоми вақти худро ба кори пурра дар як ҷойи корӣ машғул мешаванд.
2. Шуғли нопурра – ин вақте аст, ки корманд камтар аз вақти пурра кор мекунад. Ин ҳолат метавонад аз интихоби шахсии корманд ё сабабҳои дигар, ба монанди набудани ҷойҳои кории пурра, ба вуҷуд ояд.
3. Шуғли намоён – шакли шуғл, ки онро ба таври равшан, масалан, тавассути маош ё маълумоти оморӣ чен кардан мумкин аст.

4. Шуғли нонамоён – шуғл, ки онро дар омор ба таври равшан муайян кардан душвор аст, аммо он дар иқтисод вуҷуд дорад. Он фарқияти байни қувваи корӣ ва дигар омилҳои истеҳсолотро инъикос мекунад.
5. Шуғли ихтиёрӣ – шакли шуғлест, ки шахс аз коре, ки барояш пешниҳод ё дастрас шудааст, даст мекашад, агар шароити корӣ барояш мувофиқ набошад. Масалан, шахс метавонад аз сабаби маоши паст ё ҷадвали номувофиқ аз кор даст кашад.
6. Шуғли маҷбурӣ – вақте ки шахс ба сабаби шароити зиндагӣ маҷбур аст кор кунад, ҳатто агар ин кор ба арзишҳо ва ниёзҳои ӯ мувофиқ набошад. Масалан, касе метавонад аз сабаби мушкилоти молиявӣ ба коре бо шароити сахт ё маоши паст розӣ шавад.

В.М. Петюх таснифи системавии шаклҳои шуғлро пешниҳод кардааст, ки ба хосияти ташкили ҷойҳои корӣ ва вақти корӣ асос ёфтааст. Равиши ӯ барои дарки беҳтари намудҳои гуногуни муносибатҳои меҳнатӣ ва шароити кории одамон кӯмак мекунад. Ҷанбаҳои асосии ин тасниф инҳоянд:

**1. Шуғли стандартӣ - и**н корест, ки бо реҷаи пурраи корӣ, дар асоси шартномаи меҳнатии бемӯҳлат анҷом дода мешавад. Коргар бояд миқдори муайяни соатҳоро ҳар рӯз ё ҳар ҳафта кор кунад. Шартномаи меҳнатӣ муҳлати муайян надорад, ки ин устувории шуғлро таъмин мекунад. Коргар таҳти роҳбарии бевоситаи корфармо ё менеҷери таъиншуда кор мекунад.

2. **Шуғли ғайристандартӣ** - шаклҳои шуғле, ки ба хусусиятҳои шуғли стандартӣ мувофиқат намекунанд, аз ҷумла, худшуғлӣ. Шаклҳои гуногуни вақти корӣ ва шароити меҳнатиро дар бар мегирад. Шартномаҳои меҳнатӣ метавонанд мӯҳлатнок ё лоиҳавӣ бошанд. Коргарон, аз ҷумла худшуғлҳо ва фрилансерҳо, зери назорати мустақими корфармо нестанд.

Методологияи IAMO Forum 2007 дар якҷоягӣ бо таҳқиқотҳои дигар нишон медиҳад, ки шуғли ғайрикишоварзӣ ва алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот ҳамчун роҳи равнақи иқтисодӣ ва беҳбуди зиндагии мардум дар деҳот маънидод мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди мамлакатҳои дигари пасошуравӣ мафҳуми шуғли алтернативӣ ба андешаи мо бояд ба таври дигар маънидод карда шавад. Бояд қайд кард, ки дар шароити тағйирот дар соҳаи кишоварзӣ, ки бо ҳосилнокии истеҳсоли меҳнат пайваст аст, коргарон бояд манбаъҳои алтернативии даромад пайдо кунанд. Вақте ки соҳаи кишоварзӣ самаранок ва муассир мегардад (масалан, бо истифода аз технологияҳои нав ё беҳтар кардани усулҳои кор), талабот ба меҳнати кишоварзӣ кам мешавад, зеро камтар коргарон барои иҷрои корҳои яксон лозим мешаванд. Ба ҷои ҷалби шумораи зиёди коргарон барои корҳои оддӣ, талабот ба мутахассисони бо тахассус ва малакаи баланд афзоиш меёбад. Ин метавонад бо зарурати кор дар соҳаҳои технологӣ ё беҳтар кардани раванди истеҳсолот алоқаманд бошад. агар даромад ва шуғл дар соҳаи кишоварзӣ коҳиш ёбад (масалан, дар натиҷаи кам шудани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ ё дигар сабабҳо), коргарон дар деҳот бояд барои таъмини даромад ва беҳтар кардани шароити зиндагӣ манбаъҳои нави даромад пайдо кунанд. Ин манбаъҳо метавонанд шомили фаъолиятҳои ғайрикишоварзӣ бошанд, ба монанди соҳибкории хурд, хизматрасонии маҳаллӣ, савдо ё дигар навъҳои шуғл, ки кӯмак мекунанд, то одамон ба таври устувор зиндагӣ кунанд ва аз таъсири манфии коҳиш ёфтани шуғли кишоварзӣ эмин бошанд. Аз ин лиҳоз мо дар таҳқиқот кӯшиш мекунем, ки мафҳуми "шуғли алтернативӣ" пурра ошкор кунем ва муайян кунем ки чӣ гуна коргарон метавонанд манбаъҳои нави даромад пайдо кунанд, ки бо тағйирот дар соҳаи кишоварзӣ мувофиқат кунад.

Дар кишварҳои пасошӯравӣ, бар хилофи дигар кишварҳо, дар деҳот хоҷагиҳои фермерии хусусӣ бештар ба коргарони кироя эҳтиёҷ доранд, на ба меҳнати оилавӣ. Ин ба он сабаб аст, ки аксари аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, ва роҳбарони хоҷагиҳо барои ҷуброн кардани камбуди меҳнат, ба коргарони кироя рӯ меоранд. Дар деҳот, аксарияти аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ барои кор ба кишварҳои дигар мераванд, ки ин боиси дарёфти коргарони кироя барои фермерон гардид. Агар дар соҳаи кишоварзии анъанавӣ кор дар корхонаҳои бегона ҳамчун коргарони кироя кор мекарданд, пас дар деҳот дар шароити пасоколлективӣ вазъият дигар аст. Чунки дар соҳаи кишоварзӣ маоши паст аст, бисёр коргарон ба хориҷи кишвар меравад. Дар ҳолатҳое, ки даромад аз шуғли кироя кам аст, онҳо маҷбур мешаванд, ки хоҷагии ёрирасон ё тиҷоратии худро таъсис диҳанд ва маҳсулоти кишоварзиро, ки корхонаҳои калон истеҳсол мекунанд, истеҳсол намоянд. Дар шароити паст будани маош ва баландшавии муҳоҷирати меҳнатӣ, коргарон ба ҷустуҷӯи манбаъҳои иловагии даромад мераванд ва худашон хоҷагиҳои фермерӣ ё тиҷоратиро таъсис медиҳанд.

**Баъдан,** тафовут байни фаъолияти маъмулӣ дар кишоварзӣ ва шуғли алтернативӣ дар он аст, ки вақте шахс, ки пештар дар як корхона ё муассисаи кишоварзӣ кор мекард, ҳоло дар хоҷагии худ ҳамон корро (масалан, истеҳсоли шир) мекунад, ин алтернатива намебошад, чунки ӯ ҳамоно дар ҳамин соҳа фаъолият мекунад, танҳо дар миқёси хурдтар. Ин равиш ба вазъияти бозор таъсир намерасонад, чунки маҳсулот ҳамоно ба ҳамон каналҳо меравад. Вале агар шахс ба фаъолияти дигар, масалан, парвариши буз ё меваи буттамева, ки қаблан дар фаъолияти кишоварзӣ набуд, шурӯъ кунад, инро метавон алтернативӣ ҳисобид. Ин маҳсулот метавонад ба бозор ворид шавад, ки қаблан чунин маҳсулот дар он ҷо набуд, ё ба бозорҳое, ки барои фурӯши онҳо имкониятҳои нав эҷод шудаанд. Пас, алтернатива вақте ба миён меояд, ки шахс аз ҳудудҳои анъанавии фаъолияти кишоварзӣ гузашта, ба соҳаҳои дигар ворид мешавад.

**Соният,** ҳамаи намудҳои фаъолият дар деҳот наметавонанд як варианти альтернативӣ барои одамоне бошанд, ки ҷойи кори худро дар соҳаи кишоварзӣ аз даст додаанд. Масалан, дар соҳаҳои тиб, таълим, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва идоракунии давлатӣ, талабот ба кувваи корӣ мустақиман аз вазъияти соҳаи кишоварзӣ вобаста нест. Ин соҳаҳо метавонанд ҷойҳои кориро пешниҳод кунанд, вале миқдори онҳо маҳдуд аст ва аз шумораи аҳолӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, ин соҳаҳо наметавонанд ба таври аслӣ ба деҳотиёне, ки ҷойи кори худро дар сохаи кишоварзӣ аз даст додаанд, ҳамчун як варианти асосӣ хизмат кунанд, зеро миқдори ҷойҳои кории мавҷуд дар ин соҳаҳо барои таъмин кардани ҳамаи ниёзмандон кофӣ нест.

Муаллиф таъкид мекунад, ки шуғли алтернативӣ дар деҳот ба корҳое ишора мекунад, ки ба кишоварзӣ рабт надоранд, ба истиснои хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва кори дар муассисаҳои давлатӣ. Шуғл метавонад гуногун бошад: доимӣ ё муваққатӣ, расмӣ ё ғайрирасмӣ. Шуғли алтернативӣ дар соҳаҳои дигар, чун хизматрасониҳо, идоракунии давлатӣ ё хизматрасониҳои иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад, зеро он кӯмак мекунад, ки иқтисодиёти минтақаҳои деҳот гуногун шавад ва имкониятҳо барои касоне, ки дар кишоварзӣ кор ёфтан намехоҳанд, фароҳам оварда шавад. Вале муҳим аст, ки ҷойҳои кории алтернативӣ бо устувор ва расмӣ бошанд, то ки ҳифзи иҷтимоии коргарон беҳтар гардад ва даромадҳои онҳо афзоиш ёбад. Аз ин рӯ, барои рушди устувори минтақаҳои деҳот, муҳим аст, ки барои одамон дар соҳаҳои гуногун ҷойҳои кории гуногун фароҳам оварда шавад, то ки онҳо на танҳо дар кишоварзӣ, балки дар дигар соҳаҳо кор кунанд, ки ин ба устувории иқтисодӣ ва сифати ҳаёт кӯмак мерасонад. Бо вуҷуди ин, ба гуфтаи муаллиф, дар кишвар дар маҷмӯъ масъалаи шуғл дар деҳот то ҳол ба андозаи кофӣ омӯхта нашудааст ва дар сиёсати давлатӣ оид ба шуғл ва таъмин кардани иҷтимоӣ ин масъалаҳо ба таври дуруст инъикос наёфтаанд.

Дар бораи он, ки чӣ гуна сокинони ноҳияҳои деҳот даромади иловагиро бо машғул шудан ба фаъолиятҳое, ки бо кишоварзӣ алоқаманд нестанд, ба даст меоранд, таҳқиқотҳо вуҷуд доранд. Ба ҷуз аз корҳои фермерии худашон, онҳо

ба ҳамсоягон ва дигар сокинони маҳаллӣ хидматҳо пешниҳод мекунанд, ки метавонанд корҳо дар соҳаҳои сохтмон, коркард кардани заминҳои кишоварзӣ, хизматрасонии нақлиётӣ, ҷамъоварӣ ва фурӯши маҳсулоти табиӣ (мисли асал, меваҳои ҷангалӣ, растаниҳои шифоӣ, решаҳо), шикор, моҳидорӣ, иҷораи манзил ва дигар намудҳои фаъолият бошанд. Ҳамчунин, зикр мешавад, ки дар солҳои охир дар деҳот туризм рушд мекунад, ки як маҷмӯи хизматрасониҳоро дар бар мегирад. Инҳо метавонанд иҷораи манзил, пансионатҳо бо хидматрасонӣ пурра ё қисман, инчунин хидматрасониҳои фароғатӣ, мисли савории асп, ҳаммом, шикор, намоиши анъанаҳои этникӣ ва ғайра бошанд. Ҳоло ин намуди фаъолиятҳо дар аксар ҳолатҳо хусусияти иловагӣ, муваққатӣ ва ғайрирасмӣ доранд. Онҳо асосан дар посух ба эҳтиёҷоти сокинони маҳаллӣ ё муштариён рушд мекунанд, вале бо гузашти вақт баъзе аз ин намудҳои фаъолият дар ҳоли ташаккул ёфтан ва муассиртар шудан ҳастанд, ва аслан ба фазои институтсионалӣ табдил меёбанд. *[53,с.25,54,с14,45,с286,46,с183,167,с111].*

**1.3. Иқтисодиёти деҳот ҳамчун макони рушди шуғли алтернативӣ**

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2018) бо назардошти зарурати рушди инфрасохтори деҳот, солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон карда шуда буданд *[17]*. Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019 (№1170) тасдиқ карда шудааст. Дар натиҷаи амалӣ гардидани ин фармон пешравиҳо дар рушди инфрасохтори деҳот рӯи кор омад, ки инро ВАО хабар медиҳад. Айни замон, дар мамлакат масъалаҳои таъмини рушди деҳот хусусият ва вазифаҳои дарозмуддатро доро мебошад. Дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 самтҳои афзалиятнок барои рушди минтақаҳои деҳот «муайян намудани самтҳои калидӣ барои ҳар як минтақа бо дарназардошти иқтидори мавҷуда, вазъи бозори меҳнат, хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ, инчунин

имкониятҳои воқеӣ барои иҷрои вазифаҳои аввалиндараҷа дар дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат» ба ҳисоб меравинд*[10]*.

Дар умум, таъмини рушди саноатии иқтисодиёти деҳот ҳамчун як омили муҳим барои гузариш ба модели иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ дар назар аст. Дар Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 таъкид мешавад, ки «рушди минтақаҳои кишвар яке аз самтҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ мебошад, ки ҳамчун мақсади ниҳоии ҳамаи талошҳои қатъии ҳукумат дар соҳаҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Инчунин, таъмини амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, рушди имкониятҳои коммуникатсионӣ ва афзоиши шуғли пурсамар низ дохил мешавад» *[10,с.8]* Ин водор менамояд, ки пеш аз ҳама ба таъмини рушди иқтисодиёти деҳот аҳамияти ҷиддӣ диҳем. Шарҳи мафҳуми "иқтисодиёти деҳот" бо шарҳи мафҳуми "ҳудуди деҳот" вобастагӣ дорад.

Аз ин рӯ, барои равшантар кардани мундариҷа ва муайян кардани иқтисодиёти деҳот мо аввал мафҳуми «деҳот»-ро баррасӣ мекунем. Мафҳуми "деҳот" одатан дар илмҳои ҷамъиятӣ ҳамчун минтақаи истиқоматӣ дар берун аз шаҳрҳои калон бо шароити табиӣ ва захираҳои он, аҳолӣ, инчунин, унсурҳои гуногуни фарҳанги моддӣ ва фондҳои асосӣ дар минтақа муайян карда мешавад. Минтақаҳои деҳот бояд дар марҳилаи кунунии рушди муносибатҳои иқтисодӣ ҳамчун як системаи мураккаби табиӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ баррасӣ карда шаванд, ки рушди он асосан бо дараҷаи камолоти пайвандҳои дохили система дар муҳити табиӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ (маъмурӣ) муайян карда мешавад. Сарфи назар аз усулҳои истифодаи замин, дараҷаи рушди иқтисодӣ ва густариши ҳар як бахши иқтисод, мафҳуми «деҳот» аҳамияти ҳудудӣ дорад. Ин ҷамъоварии оморро мушкил мекунад, зеро деҳот ҳатман бо ҳудуди маъмурӣ ё минтақаи таъсири як бахши иқтисодии муайян мувофиқат намекунад. Аммо, дар амал, он ҳамчун ҳудуди маъмурӣ тақсим карда мешавад, аз ин рӯ, бо назардошти тақсимоти маъмурӣ, таърифҳои "минтақаҳои деҳот" аксар вақт истифода мешаванд.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот" мавзеи аҳолинишини деҳот воҳиди ибтидоии тақсимоти маъмурӣ-ҳудудии кишвар муайян карда шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот" муносибатҳои ҷамъиятиро дар ташкил, ваколатҳо ва фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳаҳо танзим намуда, заминаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявии онҳоро муайян мекунад. Дар ин қонун "шаҳракҳо ва деҳаҳо ҳамчун воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ муайян карда мешаванд, ки дар ҳудуди онҳо худидоракунӣ мустақиман ё тавассути мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳаҳо амалӣ карда мешавад»*[8,с.33]*.

Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (OECD) муайян кардааст, ки минтақаҳои деҳот минтақаҳои мустақими иқтисодии таъсири марказҳои калони шаҳрӣ, одамон, замин ва дигар захираҳои манзараҳои кушод ва шаҳракҳои хурд мебошанд. Дар муқоиса бо шаҳрҳо, ба деҳот алоқаи танги саноатӣ хос аст. Шуғли умдаи аксарияти аҳолии деҳот меҳнати кишоварзӣ, интихоби хурди фаъолияти корӣ мебошад.

Солҳои охир ҳангоми истифодаи истилоҳоти марбут ба рушди деҳот, як қатор нофаҳмиҳои консептуалӣ ба вуҷуд омадаанд, ки тавзеҳотро талаб мекунанд. Ҳоло ба таври умум қабул карда шудааст, ки мафҳуми «кишоварзӣ» бо мафҳуми «истеҳсолоти кишоварзӣ» ҳаммаъно буда, маънои як бахши иқтисоди давлатро дорад, ки маҳсулоти кишоварзиро истеҳсол мекунад, ки ниёзҳои аксар маҳсулоти хӯрокворӣ ва ашёи хомро барои саноати сабук ва хӯрокворӣ қонеъ мекунанд. Дар айни замон, этимология ва маънои семантикии ибораи «кишоварзӣ» имконияти шарҳи васеи онро ҳамчун иқтисодиёти деҳот пешбинӣ мекунад, яъне, иқтисодиёти деҳот дар маҷмӯъ гуногунҷанба мебошад, ки мо дар поён дида мебароем. Баъзан мафҳуми «кишоварзӣ» ҳамчун тарзи ҳаёт, фаъолияти бисёрсоҳавии одамон дарк карда мешавад, ки дар он соҳаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ, ҷанбаҳои башардӯстона ва фарҳангӣ, фаъолияти иқтисодӣ мавҷуданд. Ин тафсири васеъ ба маънои шинохти васеи таъсири истеҳсолоти кишоварзӣ ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти

инсон ҷоиз аст, аммо ба назари мо, онро бидуни тавзеҳоти илмӣ истифода бурдан мумкин нест, зеро он метавонад дар истилоҳоти аз ҷониби умум қабулшуда бетартибии иловагӣ ҷорӣ кунад. Набудани хатҳои возеҳи маъноӣ дар байни таърифҳои "истеҳсолоти кишоварзӣ" ва "кишоварзӣ" дар амал аксар вақт боиси норасоии тафовути байни "деҳот" ва "минтақаҳои кишоварзӣ", инчунин, "рушди устувори деҳот" ва "рушди устувори кишоварзӣ" мегардад. Дар натиҷа, дар қаламрави ҷумҳурӣ муносибати соҳавии аграрӣ ва идоравии маҳдуд ва ё танг ба масъалаҳои рушди устувори деҳот бартарӣ дорад.

Ин масъала айни замон мубрамият пайдо намуда истодааст. Қаблан зарурати махсус барои фарқ кардани мафҳумҳои "ободонии деҳот" ва "рушди кишоварзӣ" набуд, зеро равиши асосии рушди деҳот рушди бахши аграрӣ буд. Дар айни замон, барои роҳ надодан ба иштибоҳи истилоҳот, бояд мафҳумҳои «истеҳсолоти кишоварзӣ», «кишоварзӣ», «деҳот», «иқтисодиёти деҳот» сарҳадҳои мушаххас гузошта шаванд.

Хусусияти қаламрави деҳот бо он муайян карда мешавад, ки он манбаи манфиатҳои зиёд аст: хӯрокворӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ, анбори захираҳои табиӣ, ҷои зист, иншооти фароғатӣ, ҷои аз худкунии партовҳо. Дар рушди иқтисодии хоҷагии деҳот анъана нақши пассив ва ёрирасон гузошта шудааст. Ҳадафи асосӣ дар аксари стратегияҳои рушд афзоиши саноат ва шаҳрҳо буд, ки ҳамчун «локомотив»-и тамоми иқтисодиёт муайян карда мешуданд ва деҳот дар навбати худ ҳамчун таъминкунандаи озуқаворӣ ва қувваи кории арзон ҳисобида мешуданд.

Аз ин рӯ, дар айни замон, огоҳӣ пухта истодааст, ки ақида дар бораи нақши ғайрифаъолонаи бахши аграрӣ дар рушд ба воқеият мувофиқат намекунад. Дар фаҳмиши раванди рушд тағйироти назаррас ба амал омадааст: имрӯзҳо бисёр муҳаққиқон стратегияи рушди устувори деҳотро ҳамчун пайванди калидии рушд мешуморанд. Агар мо ба рушди деҳот бидуни усули маҷмӯӣ наздик шавем, пас афзоиши саноат коҳиш меёбад ё метавонад боиси таназзули иқтисод, камбизоатӣ, нобаробарӣ ва бекорӣ гардад.

Дар марҳилаи кунунӣ фаҳмиши зарурати рушди устувор ва мақсадноки деҳот дар ҷомеа меафзояд. Аксари масъалаҳои он муайян карда шуданд, аммо роҳҳои ҳалли онҳо ҳанӯз муайян карда нашудаанд. Одатан, саъйҳо барои бартараф кардани мушкилоти деҳот бо кӯмаки фаъолиятҳои пароканда ва ба ҳам алоқаманд, бидуни ҳамоҳангсозӣ ва мувофиқаи мувофиқи барномаҳо ва лоиҳаҳо карда мешаванд. Ва ин на танҳо маҷмӯи тадбирҳои инфиродӣ оид ба дастгирии кишоварзӣ ва ё рушди соҳибкорӣ маънои бештар дорад. Диверсификатсияи фаъолияти иқтисодӣ, татбиқи чораҳо оид ба амиқгардонии рақобатпазирии минтақавӣ, инчунин, ба стратегияи рушди устувор марбутанд.

Роҳи классикии ҳалли мушкилоти деҳот интенсификатсияи маҷбурии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад, ки навсозии ҷиддиро талаб мекунад. Ин равишеро талаб мекунад, ки ҳалли ҳама масъалаҳои муҳимтарини деҳотро дар доираи консепсияи ягонаи рушди устувори он муттаҳид кунад. Ҳалли самараноки мушкилоти минтақаҳои деҳот муносибати мураккаберо талаб мекунад, ки аз доираи танҳо соҳаи кишоварзӣ берун меравад. Илова бар соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва хоҷагии об низ аҳамияти калон доранд, инчунин дигар намудҳои фаъолият, ки захираҳои табииро нигоҳ медоранд, ҷойҳои корӣ эҷод мекунанд ва устувории экосистемаҳоро таъмин менамоянд. Бе рушди ин соҳаҳо ба даст овардани рушди устувор душвор аст, зеро онҳо бо талаботи асосӣ ва захираҳои аҳолии деҳот алоқаманданд. Сиёсати деҳот ба некӯаҳволии тамоми аҳолии ин минтақа дахл дорад, дар ҳоле, ки равишҳои соҳавӣ ҳадафҳои тангтар доранд, ки баъзеи онҳо бо ҳадафҳои сиёсати рушди деҳот рост меоянд, қисми дигар қисман ва баъзеи дигар комилан мухолифанд.

Камбудиҳои намоёни лоиҳаҳои соҳавӣ ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ барои таҳияи барномаҳои ҳамаҷонибаи рушди деҳот, аз ҷумла, лоиҳаҳои гуногуни соҳавии рушд хидмат карданд. Хусусиятҳои асосии ин равиш инҳоянд: диққати бисёрсоҳавии онҳо, баланд бардоштани дарки одамон дар бораи тағйиротҳои пешниҳодшуда, равиши минтақавӣ. Равишҳои соҳавӣ ба рушди ҳудудиро сокинони деҳот танҳо мувофиқи нақши мушаххаси худ дарк мекунанд. Аммо, одамон бояд дар ҳама гуна зуҳуроти вазъи зиндагии худ

ҷиддӣ муносибат кунанд. Сокинони деҳа ниёзҳои гуногун ва як қатор мушкилоти гуногун доранд. Ҳамин тариқ, аҳолӣ бо мушкилоти худ нуқтаи ибтидоии рушди устувор мебошад ва бо назардошти мушкилоти инсонӣ дар маҷмӯъ усулҳои байнисоҳавии ҳалли онҳоро талаб мекунад. Чаҳорчӯбаи фазоии рушди устувори деҳотро минтақаи мушаххас муайян мекунад. Он ба як воҳиди фазоии ба ҳам алоқаманд, ки аз сатҳи маҳаллӣ ва аз сатҳи миллӣ пасттар аст, ишора мекунад. Ғайр аз ин, муносибатҳои ба ҳам вобастагии функсионалӣ нақши муҳим доранд. Равиши минтақавӣ ба он ақида асос ёфтааст, ки аҳолии ин ё он минтақа дар як фазои ягонаи табиӣ ва иқтисодӣ зиндагӣ мекунад ва бо шароити шабеҳи чаҳорчӯби иҷтимоӣ-фарҳангӣ тавсиф мешавад.

Бояд қайд кард, ки ислоҳоти аграрӣ дар кишвар асоси рушд ва гуногуншавии иқтисодиёти деҳотро фароҳам овард. Пештар, кишоварзӣ асоси асосии шуғл дар деҳот буд, аммо акнун кори сокинони деҳот метавонад танҳо ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ маҳдуд нашавад. Натиҷаи ин ислоҳот имкониятҳои нави шуғл дар соҳаҳои дигарро ба вуҷуд оварда, сокинони деҳот метавонанд дар соҳаҳои гуногун кор кунанд, на танҳо дар кишоварзӣ. Минтақаи деҳот на танҳо як минтақаест, ки аҳолӣ дар он зиндагӣ мекунад, балки як қисми мураккаб ва муҳими тамоми системаи иҷтимоӣ мебошад. Муҳимияти минтақаҳои деҳот на танҳо бо аҳолии он ё истеҳсоли кишоварзӣ маҳдуд мешавад. Ин минтақаҳо — системаи мураккабест, ки одамон, захираҳо, анъанаҳо ва хусусиятҳои фарҳангии марбут ба рушди онҳоро дар бар мегирад. Онҳо чизи бештар аз маҳалҳои аграрӣ мебошанд; ин ҷо ҷойгиршавии раванди иҷтимоии, иқтисодӣ ва экологӣ аст. Минтақаи деҳот на танҳо маҳсулоти кишоварзиро истеҳсол мекунад, балки дар рушди устувори кишвар нақши муҳим мебозад. Рушди минтақаҳои деҳот танҳо барои одамон, ки дар ин минтақаҳо зиндагӣ мекунанд, муҳим нест, балки барои иқтисодиёт дар маҷмӯъ низ муҳим аст, зеро ин имкониятҳои нави кор ва рушди устуворро ҳам барои соҳаи кишоварзӣ ва ҳам барои дигар соҳаҳо меорад. Асосӣ: барои истиқомати доимӣ ва ё барои иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ (доимӣ ва

муваққатӣ). Барои таъмин кардани рушди устувори минтақа ва сохтани шароити муносиб барои истиқомати доимӣ, лозим аст, ки якчанд омилҳои калидӣ дар назар гирифта шаванд. Аввалан, шароити табиӣ ва иқлимӣ бояд мувофиқ ва ба зиндагии одамон мусоидат кунанд. Дуюм, мавҷудияти захираҳои табиӣ, ки барои истифода дар фаъолиятҳои иқтисодӣ мувофиқанд, низ нақши муҳим мебозад. Ва дар охир, муҳим аст, ки дар минтақа талаботи одамон ба молҳо ва хизматрасониҳои инфиродӣ ва ҷамъиятӣ, аз ҷумла манзил, тандурустӣ, таҳсилот ва дигар чизҳои муҳими барои зиндагии комфортӣ қонеъ гардонида шаванд. Ҳамаи ин унсурҳо якҷоя асоси рушди устувор ва некӯаҳволии аҳолии минтақаро ташкил медиҳанд.

Категорияҳои "хуб" ва " эҳтиёҷот " яке аз категорияҳои муҳимтарини ҳаёти инсон мебошанд. Амали иҷрои онҳо дар тӯли мавҷудияти инсонҳо ба қонеъ кардани эҳтиёҷот ба мол тавассути истифодаи захираҳо ва имкониятҳои мавҷуда рабт дорад. Одам ҳамчун генератори эҳтиёҷот амал мекунад, ки тавассути системаҳои арзишҳои асосии инфиродии ӯ, ки ба муносибат ба некиву бадӣ, ростӣ, зебоӣ ва озодӣ, ташаккул меёбанд. Эҳтиёҷот эҳсоси набудани чизе мебошад.

Эҳтиёҷот ва талаботҳоро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд:

- моддӣ ва берунӣ, ки бо қонеъ кардани онҳо инсон лаззат ва шодии нафсӣ меёбад ва ҳолати физиологии ӯро дастгирӣ мекунад;
- маънавӣ ва ахлоқӣ, ки ба донистани ҳақиқат ва зебоӣ, иҷрои вазифаҳо ва озодии рӯҳии инсон алоқаманд мебошад.

Неъматҳои моддӣ дар иқтисодиёт метавонанд аз ду ҷиҳат таҳлил шаванд: аз ҷиҳати саҳми меҳнат ва захираҳо ва аз ҷиҳати фоидабахшӣ (қобилияти қаноатмандӣ). Ин ду ҷанба дар маҷмӯъ нишон медиҳанд, ки на танҳо чӣ гуна ва кадом захираҳо барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ истифода мешаванд, балки чӣ қадар онҳо ба қаноатмандии мардум кӯмак мерасонанд.

Бо назардошти хусусияти объективии бисёрфункционалии деҳот ва аҳамияти махсуси онҳо барои рушди сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар, ҳар як функсияро танҳо дар шароите амалӣ кардан мумкин аст, ки агар онҳо

дар муносибатҳои системавӣ баррасӣ шаванд. Ба ибораи дигар, дар заминаи татбиқи стратегияи ягонаи рушди давлатии деҳот онҳо бояд ҳамаҷониба баррасӣ шаванд. Дарвоқеъ, вазъи бӯуҳрони демографӣ ва экологӣ, нокифояи сифати зиндагӣ ва нерӯи инсонӣ, даст кашидан аз истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва ғайраҳо ба рушди миллӣ халал мерасонад.

**Ҷадвали 1.4. - Ҷанбаҳои асосии рушди деҳот**

| Ҷанбаҳои рушди деҳот | Тавсиф |
| --- | --- |
| **Ҷанбаи сиёсӣ** | Пеш аз ҳама ба ҳифзи тамомияти арзии давлат ва суботи сиёсии кишвар вобаста аст. |
| **Ҷанбаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ** | деҳоти хазинаи андухти сармояи фарҳангӣ ва иҷтмои мебошад, ки ҷалби фаъоли кӯдакон ба он ва бо ин васила мушкилоти иҷтимоигардонии насли наврасро ҳал мекунад. На танҳо функсияҳои такрори нерӯи меҳнатии деҳа, балки вазифаҳои ташаккули сармояи инсонии кишвар низ амалӣ карда мешаванд. |
| **Ҷанбаи фароғатӣ ин ҳифзи табиат ва манзараҳо** | Ҳифзи шахсияти гурӯҳҳои этникӣ мебошад, меҳнати кишоварзӣ, алахусус барои мардуми шаҳр, як навъ истироҳати фаъолона ва солимгардонӣ, агротуризм рушд мекунад |
| **Ҷанбаи экологӣ** | Дар ҳоле, ки ҳифзи муҳити зист ва истеҳсоли ғизои аз ҷиҳати экологӣ муҳимтар мегардад, аҳамияти деҳот барои ҷомеа меафзояд |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф

Дар натиҷа, муносибати стратегиро ба ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии деҳот дар асоси афзалияти рушди деҳоти ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ метавон ҳал кард. Зеро, ки иқтисодиёти деҳот ҳамчун "низоми соҳаҳо ва намуди фаъолиятҳо мебошанд, ки он ба ғайр аз кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал, саноати истихроҷ ва коркард, бахши хизматрасонӣ, ки дар деҳот фаъолият мекунанд ва инфрасохторро дар бар мегирад*[84,с.572]*. Аммо, ба назари мо, иқтисодиёти деҳот на танҳо ҷамъбасти соҳаҳои алоҳида ё намуди фаъолиятҳои гуногун, балки як системаи мураккаб ва динамикӣ мебошад, ки дар он агенти иҷтимоиву иқтисодӣ ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Ин ҳамкориҳо на танҳо ба истеҳсолот ва мубодилаи молҳо марбутанд, балки ба паҳлӯҳои васеи дигар низ вобаста мебошанд: чӣ гуна одамон захираҳоро истифода мебаранд, чӣ гуна муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ташкил мешаванд, ва чӣ гуна инфрасохтор

ва хидматрасониҳое, ки ҳаёти деҳотро дастгирӣ мекунанд, рушд мекунанд. Мавриди зикр аст, ки раванди иқтисодӣ дар деҳот якчанд омили мухталифро дар бар мегирад: аз ҳамкории кишоварзон ва кормандон то таъмини устувории захираҳои табиӣ, беҳтар кардани сифатии ҳаёт, маориф ва тандурустӣ. Ин як шабакаи мураккаби узвҳои бо ҳам вобаста аст, ки бояд барои расидан ба рушди дарозмуддати минтақа якҷоя кор кунанд.

Муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар иқтисодиёти деҳот раванди табдили захираҳоро бо тариқи фаъолияти меҳнатии аҳолии деҳот, ки ба қонеъ гардонидани талабот ва амалӣ гардонидани манфиатҳои гуногуни иқтисодӣ равона шудааст, инъикос мекунанд. Вобаста ба ин, мазмуни иқтисодиёти деҳотро аз мавқеи муносибатҳои равандӣ, низомӣ ва функсионалӣ баррасӣ кардан мумкин аст, ки он барои таҳкими сиёсати давлатӣ ҷиҳати густариш додани шуғли алтернативӣ зарур аст:

- аз нуқтаи назари равиши равандҳо, иқтисодиёти деҳотро метавон ҳамчун маҷмӯи амалҳои ба ҳам алоқаманди агентҳои иқтисодӣ баррасӣ кард, ки ба истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои ҳудудҳои деҳот дар раванди такрористеҳсол равона карда шудаанд;

- аз нуқтаи назари муносибати низомӣ, он як низоми иқтисодии кушод аст, ки масалан, зернизомҳои зеринро дар бар мегирад: захираҳо, имкониятҳо ва идоракунӣ;

- равиши функсионалӣ - иқтисодиёти деҳот тавассути призмаи робитаҳо ё ҳамбастагиҳои мутақобилаи байни ҳудудҳои деҳот, ҷамоатҳои деҳот, муҳити берунаи иҷтимоию иқтисодӣ ва табиӣ, ки ба қонеъ кардани талабот ва дархостҳои онҳо нигаронида шудаанд, баррасӣ карда мешавад *[166, с.34]*.

Хулоса аз боби якум: 1. Дар замони муосир вобаста бо табдил ёфтани иқтисодиёти деҳот ва шуғл дар он ба як низоми кушоди мураккаб консепсияи илмии рушди маҳали деҳот, ки ба тамсилаи барномагирии мақсаднок поя мегираду дар асоси сиёсати давлатии рушди деҳот ва шуғли аҳолӣ қарор мегирад, рушд ёфта истодааст. Рушд дар асоси истифодаи оқилонаи тамоми захираҳои ҳудудҳо ё минтақаҳои деҳот ва кӯмак ба ҳамгироии ҳамаи агентҳои

иқтисодии фаъолияткунанда ва намудҳои гуногуни шуғл дар иқтисодиёти деҳот ва соҳаҳои КАС дар сатҳи маҳаллӣ мушахас бо назардошти афзалиятҳои рақобатпазирии он таъмин карда мешавад. Диверсификатсияи истеҳсолоту шуғлнокӣ тавассути коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, такмили механизми идоракунии ландшафт, туризми аграрӣ, истеҳсоли маҳсулоте, ки ба ҳар як минтақаи мушаххаси деҳот ихтисос дода шудаанд ва ғайра ба амал меоянд.

2. Дар манотиқи деҳот чунин заминаҳо, ба монанди воқеъ будани захираҳои канданиҳои фоиданок, пайваста бо ноил шудан ба стратегияи раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ пайдо шудани шароити наздикӣ ба марказҳои нақлиётӣ, нуқтаҳои аҳолинишини шаҳр ва ғайра, манотиқи деҳот метавонад ба объекти истеҳсоли саноатӣ, ҷойгирнамоии корхонаҳои саноатӣ табдил ёбад, ки дар манотиқи қисми бештари аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ қарор дорад ва онҳоро бо кор таъмин намуд. Ин шароиту заминаҳо дар марҳилаи нави рушди мамлакат гузаштанро ба шакли индустриалию аграрии иқтисодиёт ба таҳаввулоти саноатӣ, ташкили истеҳсолот ва таъмин рушди шуғли ғайрикишоварзӣ дар асоси таҳкими заминаи техникиву технологии истеҳсолот ва истифодаи захираҳои гуногуни манотиқи деҳот мусоидат менамояд. Дар ин шакли шуғл ва фаъолияти иқтисодӣ омезиши иқтисодиёти аграрӣ ва саноатӣ рӯи кор меояд.

3. Хусусияти индустриалии иқтисодиёти деҳот дар рушди сатҳи истеҳсоли моли ниҳоӣ, коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, гузариши истеҳсолту шуғли меҳнатӣ дар пояи низоми мошин (механиконӣ, автоматикунонӣ), рушди муносибатҳои ҳамгироӣ ва ё интегратсионӣ ва баланд шудани сатҳи фарҳангу ихтисоси кормандони минтақаҳои деҳот зоҳир мегардад. Ҳамин тариқ, дар иқтисодиёти деҳот, тамоюли рушди шуғли ғайрикишоварзӣ ва ё алтернативӣ суръат мегирад.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ ШУҒЛНОКӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ДЕҲОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлили тамоюли муосир ва сохтори шуғлнокӣ дар иқтисоди деҳот

Шумораи аҳолӣ ва захираҳои меҳнатии деҳот унсури асосии иқтидори истеҳсолии иқтисодиёти кишоварзӣ ва қувваи умдаи ҳаракатдиҳандаи рушди бахши аграрии иқтисодиёт мебошанд. Бинобар ин, беҳтар намудани сифати онҳо, истифодаи нисбатан пурра ва самараноки захираи инсонӣ ба ҳайси яке аз омилҳои нисбатан муҳими рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот баромад мекунанд. Дар ҳоли ҳозир муҳиммияти шуғлнокии деҳот баробари қабули як қатор барномаҳои давлатии рушди кишоварзӣ ва танзими бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва маводи хӯрокворӣ баланд гардид, чунки дар онҳо рушди устувори деҳот, баланд бардоштани сатҳи шуғлнокӣ ва некӯаҳволии аҳолии деҳот чун мақсадҳои асосӣ нишон дода шудаанд.

Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои то соли 2030 ба он ишора мекунад, ки рушди минтақавӣ як қисми асосии ислоҳоти иқтисодӣ аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳукумат барои беҳбудии иқтисод ва таъмини рушди устувор дар минтақаҳои мухталиф кӯшиш мекунад. Ҳадафи ин стратегияи миллӣ — фароҳам овардани шароити равнақ ва рушди баланди иқтисодӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар, бо эҷоди имкониятҳо барои сокинон ва беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ. Рушд дар минтақаҳо на танҳо ба пешравии иқтисодӣ, балки ба ҳамгироии иҷтимоии кишвар низ кӯмак мекунад. Ислоҳот дар соҳаи рушди минтақавӣ ба коҳиш додани тафовути байни минтақаҳо, таъмини дастрасии баробари аҳолӣ ба ҳамаи хизматрасониҳои асосӣ (маорифи ибтидоӣ, ёрии тиббии аввалия, таъмини захираҳои энергетикӣ, оби тозаи ошомиданӣ, шабакаи муносиб барои корез ва ғайра), рушди сармояи инсонӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон равона шудааст”*[10,с.18]*. Дар ниҳоят, стратегия пешбинӣ мекунад, ки барои рушди ҳамоҳанги Тоҷикистон муҳим аст, ки ба

ҳар як минтақа таваҷҷуҳ дода шавад ва барои рушди он имкониятҳои баробар таъмин гарданд.

Барои баланд бардоштани сифати шуғлнокии аҳолии деҳот, таъмини онҳо ба шуғлнокии пурмаҳсул ин як такони ҷиддие мебошад.

Воқеан ҳам барои мамлакат таъмини рушди босуботи иқтисодӣ дар тамоми манотиқи мамлакат, эҷод намудани шароити мусоид барои рушди иқтисодиёти деҳот, диверсификатсияи фаъолияти иктисодӣ ва шуғлнокии дар деҳотҷойҳо, рӯз аз рӯз муҳимият пайдо менамояд. Зеро, ки дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат шумораи аҳолии доимӣ дар деҳаҳо афзуда истодааст. Бинобар он, мо аввал ба тамоюли афзоиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатии деҳот пас аз солҳои 2000- ум назар менамоем.

**Ҷадвали 2.1. - Динамикаи аҳолии деҳот**

| Нишондиҳандаҳодааст | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2020** | **2023** | Соли 2023 нисбат ба соли 2000, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар | 6250,0 | 6842,2 | 7621,2 | 8551,2 | 9716,8 | 10288,3 | 164,6 |
| Аз ҷумла, аҳолии деҳот | 4594,0 | 5032,3 | 5600,7 | 5600,7 | 6920,6 | 7318,7 | 159,2 |
| Бо % | 73,5 | 73,5 | 73,4 | 65,5 | 71,2 | 71,1 | 96 |
| Афзоиши табиӣ, ба 1000 нафар аҳолӣ | 22,3 | 21,8 | 27,3 | 27,3 | 21,3 | 21,4 | 96 |

**Манбаъ:** Аз ҷониби муалиф. Аз рӯйи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с. 10.26-27 ҳисоб карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 шумораи аҳолии доимӣ 10078.4 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2000-ум беш аз 61% зиёд шудааст. Аз онҳо аҳолии деҳот 4961,1 ҳазор нафарро ташкил дода, нисбат ба соли 2000 беш аз 6% маротиб зиёд шудааст. Ҳиссаи аҳолии деҳот дар тамоми шумораи аҳолии мамлакат соли 2023 - ум 49,2%- ро ташкил дода, нисбат ба соли 2000-ум 24,2 банди фоизӣ афзудааст. Метавон гуфт, ки аслан афзоиши шумораи аҳолии деҳот афзоиши шумораи аҳолии мамлакатро муаяйн намудааст. Суръати афзоиши аҳолии деҳот аз суръати афзоиши аҳолии шаҳр пеш аст, коэффитсенти суръати пешравии он 1,1 (152,6/138,2) - ро ташкил дод.

Дар давраи таҳлилӣ дар афзоиши табиӣ аҳолии деҳот тамоюли пастравиро доро мебошад, афзоиши табиӣ, ба 1000 нафар аҳолӣ, аз 23,1 то 20,1 нафар поён рафтааст. (2.1.)

Пайваста бо афзудани шумораи аҳолӣ захираҳои меҳнатӣ, ки омили муҳими ташкили фаъолияти иқтисодӣ ва рушди он мебошад, низ афзудааст. Зеро ин тамоюл ба иқтисодиёти деҳот низ мансуб аст, чунки солҳои охир ҳиссаи бошандагони манотиқи деҳот дар шумораи аҳолии мамлакат беш аз 73% -ро ташкил медиҳад ва захираҳои меҳнатии он соли 2020-ум 2066,1 ҳазор нафарро ташкил додааст*[77,с.37]*.

**Ҷадвали 2.2. - Динамикаи захираҳои меҳнатӣ ва аҳолии машғул дар иқтисодиёти Тоҷикистон (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2023 | Соли 2023 нисбат ба соли 2000, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар | 6250,0 | 6842,2 | 7621,2 | 8551,2 | 9716,8 | 10288,3 | 164.6 |
| Захираҳои меҳнатӣ – ҳамагӣ, ҳазор нафар | 3186 | 3893 | 4530 | 5111 | 5585 | 5990 | 188,0 |
| Бо % | 50,9 | 56,9 | 59,4 | 59,7 | 59,2 | 58,2 | 114 |
| Қувваи корӣ | 1794 | 2154 | 2280 | 2437 | 2587 | 2675 | 149,1 |
| аз онҳо: | | | | | | | |
| аҳолии машғулин | 1794 | 2154 | 2280 | 2437 | 2534 | 2675 | 149,1 |
| Қувваи корӣ истифода нашуда дар иқтисодиёт | 1392 | 1739 | 2250 | 2674 | 3068 | 3315 | 238,1 |
| аз он, хонандагон | 343 | 476 | 557 | 602 | 670 | 725 | 211,3 |
| бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар | 49 | 42 | 48 | 57 | 51 | 50 | 102,0 |
| Дараҷаи бекорӣ (шумораи расман эътирофшудаи бекорон бо фоиз нисбат ба аҳолии дар иқтисодиёт фаъол) | 2,7 | 2,0 | 2,1 | 2,3 | 2,1 | 1,8 | 66,6 |

**Манбаъ:** Аз ҷониби муалиф ҳисоб карда шуд. Аз рӯйи: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 с.26,81.*

Чи тавре, ки рақамҳои ҷадвали 2.2. нишон медиҳад захираҳои меҳнатии мамлакат дар давраи солҳои 2000-2023-ум 88% афзудааст. Ҳиссаи он дар шумораи умумии аҳолӣ соли 2023-ум 58,2 фоизро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2000-ум 7,3 банди фоиз афзудааст. Кувваи корӣ бошад, дар ин давра аз 1794 то 2675 ҳазор нафар ва ё беш аз 49,1 фоиз афзудааст. Аз он аҳолии машғулин соли 2023-ум 2675 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2000-ум 49,1 фоиз афзудааст. Дар ин давраи таҳлилӣ қувваи кории истифода нашуда дар иқтисодиёт, аммо аслан дар фаъолияти фоиданок машғул буда, аз 1392 то 3315 ҳазор нафар ва ё беш аз 2,3 маротиба афзудааст. Аз он, шумораи хонандагон аз 343 то 725 ҳазор нафар ва беш аз 2,1 маротиба зиёд шудааст. Таносуби қувваи кории истифода нашуда, нисбат ба захираҳои меҳнатӣ соли 2023 – ум 55% –ро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда соли 2000-ум 43% буд. Чуноне, ки мебинем ин нишондиҳанда афзуда истодааст ва ин таносубро бояд дар сатҳи оптималӣ нигоҳ дошт. Ин қисми аҳолӣ манбаи шуғлнокии ғайрирасмиро ташкил медиҳад.

Дар давраи муайян шумораи одамоне, ки расман бекор эътироф шудаанд, аз 49 ҳазор то 50 ҳазор афзоиш ёфтаанд, ки ин 2% зиёдшавиро нишон медиҳад. Ҳарчанд шумораи бекорон афзоиш ёфтааст, фоизи бекорон дар байни аҳолии қобили кор (мекунанд, ё фаъолона дар ҷустуҷӯйи кор мебошанд) 0,9 банд коҳиш ёфтааст. Ин маънои онро дорад, ки ҳарчанд шумораи бекорон зиёд шудааст. Аммо бояд таъкид намуд, ки суръати афзоиши нишондиҳандаҳои шумораи аҳолӣ, захираи меҳнатӣ ва шуғли аҳолӣ дар мамлакат давра ба давра тамоюли пастравӣ доранд. Масалан, дар панҷсолаи 2000-2005 ва ё аҳолии доимӣ 109,4 % -ро ташкил дода буд, дар панҷсолаи 2005-2010 ва 2010-2015 якбора баланд гардида, (мувофиқан 111,3% ва 112,2%), аммо соли 2015-2023 ин нишондиҳанда 108,9%-ро ташкил дода, нисбат ба панҷсолаи 2000-2005 ба дараҷаи 0,5 банди фоиз кам шудааст. (ниг. ҷадвали 2.3.).

Чунин тамоюли пастравии давргӣ нисбат ба индекси захираҳои меҳнатӣ хеле аён мушоҳида мешавад: солҳои 2000-2005 – 122,1 солҳои 2005-2010 –

116,3, солҳои 2010-2015 – 112,8 ва солҳои 2015-2023 – 108,0%. Поён фаромадани сатҳи аҳолии машғулин бараъло мушоҳида мешавад.

**Ҷадвали 2.3. - Суръати афзоиши шумораи аҳолӣ ва шуғлнокӣ дар ҳар панҷсолаи солҳои 2000-2023 (%)**

| Нишондиҳандаҳо | 2000- 2005 | 2005-2010 | 2010-2015 | 2015-2023 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол | 109,4 | 111,3 | 112,2 | 108,9 |
| Захираҳои меҳнатӣ | 122,2 | 116,3 | 112,8 | 108,0 |
| Қувваи корӣ | 120,9 | 105,8 | 106,8 | 103,1 |
| аз онҳо: | | | | |
| аҳолии машғулин | 121,1 | 105,7 | 106,5 | 103,4 |
| Қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт | 124,9 | 129,4 | 118,8 | 112,4 |
| аз он, хонандагон | 138,7 | 117,0 | 108,0 | 107,4 |

**Манбаъ:** Аз ҷониби муалиф ҳисоб карда шуд. Аз рӯйи: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 с. 39, 133.*

Агар ин нишондиҳанда дар панҷсолаи 2000-2005-ум 121,1 фоиз афзуда бошад, пас дар солҳои 2015-2023-ум 103,4 фоизро ташкил додааст, ки нисбат ба панҷсолаи 2000-2005-ум 17,7 банди фоизӣ паст мебошад. Айнан чунин тамоюл дар дигар нишондиҳандаҳо - қувваи корӣ истифода нашуда дар иқтисодиёт ва аз он хонандагон, низ мушоҳида мешавад. Дар давраи солҳои 2000-2005 рушди нишондиҳандаҳои машғулият ба назар мерасид, ки бо суръат гирифтани рушди иқтисодиёти кишвар алоқаманд буд, ки нишондиҳандаҳои он ба 10-12% мерасид. Ин ба маънии ҷалби бештари кувваи кории ҷомеа ба иқтисодиёт буд, зеро рушди иқтисодӣ талаб мекард, ки шумораи коргарон барои дастгирии ва рушд додани соҳаҳои гуногун афзоиш ёбад. Сипас, дар дигар давраҳо вобаста ба бӯҳронҳои иқтисодиву молиявии ҷаҳонӣ сатҳи рушди аҳолии машғулин тадриҷан поён рафт. Сиёсати демографӣ дар давраи 2015-2023 нишон медиҳад, ки суръати афзоиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ коҳиш ёфтааст. Ин тағйирот, ки ба як тамоюли умумидунёӣ пайвастагӣ дорад, нишон медиҳад, ки дар муқоиса бо солҳои панҷсолаҳои қаблӣ, шиддати рушди аҳолӣ, кувваи корӣ ва аҳолии машғул кам шуда аст.

Ин албатта натиҷаҳо ва самараҳои татбиқи сиёсати шуғли аҳолии давлат дар солҳои охир мебошад. Бинобар он, вобаста бо муътадил шудани суръати

афзоиши захираҳои меҳнатӣ, аҳолии машғулин, умуман нисбатан коҳиш ёфтани шиддатнокии бозори меҳнат дар мамлакат, дар марҳалаи нави рушди мамлакат истифодаи самараноки ин захираҳои меҳнатӣ, ҳидоят намудани онҳо ба шуғлнокии пурмаҳсул вазифаи аввалиндараҷа маҳсуб мешавад. Зеро, таҳлили вазъи бекорӣ ва бозори меҳнат шаҳодат медиҳад, ки дар мамлакат ҳоло ҳам тамоюли болоравии сатҳи бекорӣ дар шакли аёнӣ ва ноаён мушоҳида мешавад. Тавре ки маълумоти ҷадвали 2.4 нишон медиҳанд, дар давраи солҳои 2015-2023, шумораи одамоне, ки фаъолона кор ҷустуҷӯ мекунанд ва дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, аз 72,4 то 110,3 ҳазор нафар афзуд, ки ин 52,5% зиёдшавӣ мебошад

**Ҷадвали 2.4. - Вазъи бекорӣ ва бозори меҳнат дар мамлакат (нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | 2022 | 2023 | Соли 2023 нисбат ба соли 2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд | 72409 | 72521 | 77349 | 79619 | 92631 | 106542 | 103457 | 110484 | 152,5 |
| аз он ҷумла, мақоми бекоронро доранд | 55502 | 51122 | 53087 | 49662 | 47522 | 48967 | 49888 | 53519 | 96,4 |
| аз он занҳо | | | | | | | | | |
| ҷавонони 15-29 сола | 28742 | 27313 | 27359 | 25472 | 22562 | 21887 | 23840 | 26569 | -92,4 |
| Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандон | 10335 | 7275 | 9224 | 7998 | 8982 | 10201 | 9416 | 18935 | 183,2 |
| Шумораи бекороне, ки ба як ҷои холи кор талабгоранд | 8,1 | 10,0 | 8,4 | 10,0 | 10,3 | 10,4 | 11,0 | 17,1 | 211,1 |

**Манбаъ:Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 С .93

Аммо як тамоюли мусбӣ, ки ба назар мерасад, пастшавии шумораи шахсоне мебошад, ки мақоми бекоронро доранд. Дар давраи таҳлилӣ, шумораи онҳо аз 55,5 то 53,5 ҳазор нафар кам шуда, ки ин 3,5% камшавиро нишон медиҳад. Ғайр аз ин, шумораи бекорон байни ҷавонони синни 15-29 сола 7,6% коҳиш ёфтааст. Аммо, изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандон тамоюли пастравӣ дорад ва дар ин давра талаботи онҳо аз10,3 то 18,9 ҳазор нафар ва ё 63,5% зиёд шудааст. Бинобар он, дар соли 2023 шумораи бекороне, ки ба як ҷои холии кор талабгоранд 17,1 нафарро ташкил медиҳад, ки 2 маротиба зиёд шудааст. Дар давраи солҳои 2015-2023 шумораи барои кор муроҷиаткардаҳо ба хадамоти шуғли аҳолӣ аз 72,4 то 106,25 ҳазор нафар ва ё 46,6% зиёд шудааст. Соли 2023 аз 106,2 ҳазор нафар 74,5 ҳазор нафари онҳо, баробар ба 67,4%-и барои кор муроҷиаткардаҳо ба кор таъмин шудаанд. Ҳарчанд ин нишондиҳанда нисбат ба солҳои қаблӣ тамоюли боравӣ дорад, аммо беш аз 30%-и муроҷиаткардаҳо берун аз шуғл мондаанд. (ҷадвали 2.5.)

**Ҷадвали 2.5. - Шумораи барои кор муроҷиаткардаҳо ба хадамоти шуғли аҳолӣ ва таъминшудагон (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2022 | 2023 | С. 2023 нисбат ба с.2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ барои кор муроҷиаткардаҳо** | 72,4 | 72,5 | 77,3 | 79,6 | 92,6 | 106,5 | 103,5 | 106,2 | 146,6 |
| **Бо кор таъмин шудаанд** | 38,9 | 37,9 | 39,1 | 49,5 | 63,1 | 76,4 | 72,2 | 74,5 | 191,5 |
| **ба ҳисоби фоиз аз муроҷиаткардагон** | 53,7 | 52,3 | 50,6 | 62,1 | 68,1 | 71,7 | 69,8 | 67,4 | 125,5 |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, С .94*

Вобаста бо сатҳи рушди иқтисодии минтақаҳои мамлакат вазъи бозори меҳнат ва сатҳи бекорӣ фарқ мекунанд. Чуноне, ки маълумоти ҷадвали 2.6 нишон медиҳад ҳиссаи шумораи бекорон дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатон дар шумораи умумии бекорони дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташудаи мамлакат баланд мебошад. Соли 2023 дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ беш аз 36,6%-и бекорони дар хадамоти шуғли аҳолии мамлакат ба

қайд гирифташударо (19,8 ҳаз. наф) ташкил додааст. Дар вилояти Хатлон, нишондиҳандаи бекорон 31,5% ва 17,2 ҳазор нафарро ташкил кардааст. Ин маънои онро дорад, ки беш аз 68% бекорони кишвар ба ин минтақаҳои деҳотӣ, ки бештар аз аҳолии деҳот дар он ҷо зиндагӣ мекунанд, рост меояд. Бо вуҷуди ин, тамоюли мусбӣ, ки ба назар мерасад, ин пастшавии шумораи бекорон дар хадамоти шуғли аҳолӣ мебошад, ки дар ин минтақаҳо ба қайд гирифта шудааст. Дар иқтисодиёти вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе, ки рушди иқтисодиёташон нисбатан баландтар аст ва индустриалӣ ба ҳисоб меравconfigure, шумораи бекорон кам ба назар мерасад.

**Ҷадвали 2.6. - Шумораи бекорони дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда дар минтақаҳои мамлакат**

| **Нишондиҳандаҳо** | ***2015*** | ***2016*** | ***2017*** | ***2018*** | ***2019*** | ***2020*** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи бекорон – ҳамагӣ дар мамлакат, ҳаз. Нафар** | 53,9 | 55,5 | 51.0 | 53,1 | 49,7 | 47,5 | 49,0 | 49,9 | 54,6 |
| **аз он ҷумла, дар** | | | | | | | | | |
| **ВМКБ** | 3,2 | 3,3 | 3,0 | 4,4 | 4,9 | 5,1 | 4,5 | 4,7 | 3,7 |
| **в. Хатлон** | 22,8 | 24,3 | 21.0 | 18,9 | 16,0 | 15,0 | 14,6 | 15,0 | 17,2 |
| **в. Суғд** | 11,4 | 10,9 | 11.0 | 10,8 | 9,7 | 8,1 | 8,9 | 7,9 | 7,8 |
| **ш. Душанбе** | 2,4 | 2,5 | 2,7 | 2,5 | 2,5 | 2,7 | 3,3 | 4,9 | 5,9 |
| **НТҶ** | 14,0 | 14,5 | 13,3 | 16,6 | 16,6 | 16,6 | 17,6 | 17,5 | 19,8 |

**Манбаъ:Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 С .96*

Вазъи бозори меҳнат дар деҳот, тағйироти таркибии он ва муътадил гаштани он бо сатҳи давомоти ҷустуҷӯи кор ва дарёфти он вобастагӣ доранд. Чуноне, ки аз маълумоти ҷадвали 2.7 бармеояд, дар давоми солҳои 2015 -2023 шумораи бекороне, ки дар муддати як моҳ кор пайдо кардаанд, сол аз сол зиёд шудааст. Ҳамин тамоюл ба шумораи бекороне, ки аз 3 то 12 моҳ кор меҷустанд, низ ба назар мерасад. Аммо бекороне, ки зиёда аз як сол кор ҷустанд, тамоюли афзоишро доранд: дар давраи таҳлилӣ аз 8999 то 10462 нафар расидаанд.

Умуман, дар ин давраи таҳлилӣ вакти миёнаи ҷустуҷӯи кор аз 8 то 8,5 моҳ зиёд шудааст. Яъне мушкилот дар дарёфти кори мувофиқ пайдо шудааст. Албатта, ин рақамҳои дар хадамоти шуғли аҳолии ноҳияҳои манотиқи деҳоти

мамлакат қайдшуда мебошад. Агар ба ҳаёти воқеӣ назар афканем, ин нишондиҳандаҳо боз ҳам балантар мебошанд. Яке аз роҳҳои беҳтар намудани шуғли аҳолӣ дар иқтисодиёти деҳот – ин таъмин намудани рушди шуғли ғайрикишоварзӣ мебошад.

**Ҷадвали 2.7. - Тақсимоти шумораи бекорони сокинони деҳоти мамлакат бо кор таъминшуда, ки дар хадамоти шуғли аҳолӣ аз рӯи давомоти ҷустуҷӯи кор ба қайд гирифта шудаанд**

| **Нишондиҳандаҳо** | ***2015*** | ***2016*** | ***2017*** | ***2018*** | ***2019*** | ***2020*** | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи бекорон – ҳамагӣ дар деҳот, нафар** | 39380 | 40566 | 37310 | 38751 | 37203 | 37243 | 34838 | 34232 | 34232 |
| **кор ҷустанд:** | | | | | | | | | |
| **то 1 моҳ** | 3262 | 2624 | 2226 | 2394 | 1837 | 2990 | 2832 | 2722 | 2722 |
| **аз 1 то 3 моҳ** | 7052 | 7463 | 7483 | 8289 | 7000 | 8387 | 8134 | 7388 | 7388 |
| **аз 3 то 6 моҳ** | 9592 | 10252 | 10334 | 9739 | 8788 | 7815 | 7024 | 7129 | 7129 |
| **аз 6 то 12 моҳ** | 10475 | 10429 | 8516 | 7431 | 7419 | 6482 | 5979 | 6531 | 6531 |
| **зиёда аз 1 сол** | 8999 | 9798 | 8751 | 10898 | 12159 | 11569 | 10869 | 10462 | 10462 |
| **вақти миёнаи ҷусту-ҷӯи кор, моҳ,** | 8,0 | 8,2 | 8,0 | 8,9 | 9,1 | 8,6 | 8,5 | 8,5 | 8,5 |

**Манбаъ:Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 С .101*

Бинобар он, мо дар таҳлили минбаъдаи худ тағйироти мусбӣ ва муаммоҳое, ки дар самти истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва қувваи корӣ, ки давраи шаш соли охир дар манотиқи деҳот ва мамлакат ба вуқӯъ омадаанд, мавриди таҳлил қарор медиҳем. Агар ба тағйирёбии аҳолии қобили меҳнат дар деҳот назар афканем, пас муайян мегардад, ки дар давраи солҳои 2015-2023 дар деҳот аз 3554, 1 то 4103,6 ҳазор нафар ва ё ба сатҳи 15,4 % зиёд шудааст. Ҳамин нишондиҳанда дар шаҳр бошад, ба 14,2 фоиз зиёд шудааст. Дар деҳот соли 2023 шумораи умумии аҳолии қобили меҳнати кишвар, ки дар деҳот зиндагӣ мекард, 75,5%-ро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда ба андозаи 0,2 банд фоизӣ нисбат ба давраи қаблӣ афзоиш ёфтааст. Дар шаҳрҳо соли 2023 ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат 27,5%-ро ташкил дод. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2015, ки он 0,2 банд фоизӣ бештар буд, кам шудааст. Ҳамин тавр, дар

деҳот ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат афзоиш ёфта, дар шаҳрҳо каме коҳиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2.8. - Фарқияти аҳолии қобили меҳнат дар деҳот ва шаҳр (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 1 январи с 2015 | | | 1 январи с 2023 | | | Тағйирот, % | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | умуми | шаҳр | Деҳот | умуми | шаҳр | деҳот | шаҳр | Деҳот |
| Аҳолии қобили меҳнат | 4920,1 | 1366,0 | 3554,1 | 5918,9 | 1814,8 | 4104,1 | 448,8 | 550 |
| Тансуби шаҳру деҳот % | 99,9 | 27,7 | 72,2 | 70 | 0,6 | 69,4 | -27,1 | -2,8 |
| Аз синну соли қобили меҳнат калонтар | 396,8 | 106,9 | 289,9 | 571,3 | 97,4 | 473,9 | -9,5 | 184,0 |
| Ҷавонони синни 14-30 сола | 2800,5 | 757,4 | 2043,1 | 2071,9 | 24,4 | 2047,5 | -733 | -4,4 |
| Тансуби шаҳру деҳот % | 100 | 27,1 | 72,9 | 70 | 1,1 | 68,9 | -26 | -4 |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016, с с 28-29; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 с. 29-30

Шумораи ҷавонони синни 14-30 сола дар деҳот дар давраи таҳлилӣ аз 2043,1 то 2047,5 ҳазор нафар ва ё 4,4% ҳазор нафар кам шудааст. зиёд шудааст. Аммо, ҳиссаи онҳо дар ҳамаи ҷавонони синни 14-30 солаи кишвар аз 72,9% ба 72,7% кам шудааст, яъне 0,2%. Дар шаҳр бошад, ин нишондиҳанда 0,2 банди фоиз зиёд шудааст. Чунин тамоюл дар аҳолии аз синну соли қобили меҳнат калонтар низ мушоҳида мешавад. Чуноне, ки рақамҳои ҷадвали 2.8 шаҳодат медиҳад, дар маҷмӯъ захираҳои калони меҳнатии мамлакат дар деҳот консентратсия шудааст ва онҳо захираҳои беҳамтои корӣ дар шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ мебошанд.

Соли 2023 ҳамаи аҳолии машғул дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ 2545,0 ҳазор нафарро ташкил дода, нисбат ба соли 2015-ум 9,4% зиёд шудааст. Шумораи афроди машғул дар кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ 1608,8 ҳазор нафар буд, ки ҳиссаи онҳо дар маҷмуъи умумии машғулини иқтисодиёти кишвар 63,2%-ро ташкил мекард.

**Ҷадвали 2.9. - Динамикаи шуғлнокии аҳолӣ дар кишоварзӣ, шикор, ҷангалпарварӣ ва моҳипарварӣ (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2022 | 2023 | Соли 2023 ба соли 2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи дар иқтисодиёт машғулбудаҳо, ҳазор нафар | 2325,4 | 2379,7 | 2385,3 | 2407,0 | 2425,5 | 2463,4 | 2506,2 | 2545,0 | 109,4 |
| Аз ҷумла, кишоварзӣ, шикор ва ҷангал-парварӣ, ҳазор нафар | 1524,2 | 1545,2 | 1538,6 | 1466,1 | 1481,9 | 1507,3 | 1525,6 | 1608,8 | 105,5 |
| Моҳипарварӣ, ҳазор нафар | 0,2 | 0,4 | 0,4 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 150 |
| Мутаносибан бо % кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ дар ҳамагӣ | 65,5 | 64,9 | 64,5 | 60,9 | 61,1 | 61,1 | 60,8 | 63,2 | -2,3бф |
| Моҳипарварӣ | 0,01 | 0,0 | 0,02 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | - |

**Манбаъ:Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 с. 89-90*

Дар ин давраи таҳлилӣ ҳиссаи онҳо низ, аз 65,5 то 60,8% ва ё ба 4,7 банди фоиз кам шудааст. Ин тамоюли пастравӣ сифати объективӣ доранд, ки бинобар он, сатҳи пасти музди меҳнат дар соҳаҳои кишоварзӣ, аҳолии қобили меҳнат бояд шуғли алтернативӣ ҷӯяд. Ин масъалаҳо дар параграфи навбатӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Рушди шуғли алтернатӣ ва ё ғайрикишоварзӣ, ҳамчунин, шуғли ғайрирасмӣ пайваст ва бо пайдоиши институти меҳнати кироя, ки муносибатҳоро доир ба маҷмӯи қоидаҳои расмиву ғайрирасмӣ ва механизмҳои иҷтимоӣ ифода менамоянд, сурат мегирад.

Тавре ки маълумот дар ҷадвали 2.10 нишон медиҳад, шумораи миёнаи солонаи кормандони кироякор дар кишвар дар давоми солҳои 2015-2023 аз 1083,5 ҳазор то 1244,0 ҳазор нафар, яъне 14,8% зиёд шудааст. Баландтарин

сатҳи афзоиши кормандони кироякор дар вилояти Хатлон мушоҳида гардида, дар ин минтақа шумора 23,6% зиёд шудааст.

**Ҷадвали 2.10. - Динамикаи шумораи миёнаи солонаи кормандони кироякор дар мамлакат ва минтақаҳои он**

| Минтақаҳо | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2022** | **2023** | **С. 2023 бар с. 2015,%** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар мамлакат | 1083,5 | 1097,6 | 1102,4 | 1147,7 | 1166,6 | 1197,8 | 1214,2 | 1244,0 | 114,8 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | | | |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 114,8 | 118,4 | 119,8 | 116,7 | 114,7 | 114,4 | 112,3 | 107, | 93,2 |
| Вилояти Суғд | 401,5 | 402,0 | 401,9 | 402,7 | 408,2 | 421,5 | 432,4 | 438,0 | 109,1 |
| Вилояти Хатлон | 396,1 | 404,6 | 403,8 | 447,7 | 456,7 | 473,2 | 476,0 | 489,8 | 123,6 |
| ВМКБ | 22,8 | 23,4 | 23,6 | 25,0 | 24,5 | 23,2 | 24,1 | 24,9 | 109,2 |
| Ш. Душанбе | 148,3 | 149,3 | 153,2 | 155,6 | 162,5 | 165,5 | 169,3 | 183,7 | 123,8 |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи:*Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с 68-70.*

Дар шумораи умумии кормандони кироякор ҳиссаи вилояти Хатлон низ, хеле баланд мебошад: агар соли 2014-ум 36,7% буд, пас соли 2023 ин нишондиҳанда 39,4%-ро ташкил додааст, яъне дар ин давра 2,7 % банди фоизӣ афзудааст. Дар вилояти Суғд ҳарчанд афзоиши кормандони кироя нисбат ба вилояти Хатлон пастар мебошад, аммо ҳисси иқтисодиёти ин вилоят, низ дар шумораи умумии коргарони кирояи мамлакат нисбат ба дигар минтақҳо зиёд аст. Агар соли 2015 ин нишондиҳанда 36,9% буд, пас соли 2023 ин он 35,2%-ро ташкил додааст, яъне тамоюли паstравиро гирифтааст. Афзоиши шумораи миёнаи солонаи кормандони кироякор дар шаҳри Душанбе мушоҳида мешавад (114,1), ки он аз ҳисоби шомил шудани кувваҳои кории ноҳияҳои тобеи мамлакат зиёд шудааст. Афзоиши шумораи коргарони кироя дар вилояти Хатлон шаҳодат медиҳад, ки дар минтақаҳои ин вилоят захираҳои иқтисодӣ аз худ шуда истодааст ва пайваста бо рушди иқтисодии он шуғлнокии манфиатовар ва алтернативӣ низ афзуда истодааст.

Дар деҳоти ҷумҳурӣ занҳо зиёда аз нисфи шумораи машғулинро ташкил медиҳанд. Онҳо барои ғанӣ гардонидани даромади оилаҳои худ дар фаъолияти иқтисодӣ (расман ва ғайрирасмӣ) иштирок менамоянд. Дар ин ҷода рушди институти меҳнати кироя шароити мусоид фароҳам овард, пайваста бо рушди муносибатҳои иқтисодӣ тафаккури иқтисодиву тиҷоратии онҳо боло гирифт. Дар давраи солҳои 2015-2023 шумораи миёнасолонаи занҳои аз рӯйи кироя дар соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат аз 458,5 то 592,1 ҳазор нафар ва ё беш аз 29,1 зиёд гардид. Соли 2023 бештар аз 46,5 фоизи шумораи занҳои аз рӯйи кироя коркунанда ба соҳаҳои кишоварзӣ, шикор, ҷангалпарварӣ рост меояд. Аммо, шумораи миёнаи солонаи занҳо – коргарону хизматчиёни кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ дар давраи солҳои 2015-2023 ба миқдори 71,7 ҳазор нафар зиёд шудааст ва ҳиссаи он дар шумораи миёнасолонаи занҳо дар иқтисодиёти мамлакат 2,1 банди фоизӣ зиёд шудааст. Ин ҳама оид ба афзудани фаъолияти занҳои деҳот ба шуғлнокӣ ва шуғлнкоии ғайрикишоварзӣ низ шаҳодат медиҳад (ҷадвали 2.11.).

Таҳлилҳои маълумоти ҷадвали 2.11. ва дигар таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар байни аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол дар деҳот ҳиссаи нафақахӯрон ва шахсоне, ки аз ёрдампулиҳо ва даромадҳо аз хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ зиндагӣ мекунанд, назар ба ин категорияи аҳолии шаҳр хеле зиёд мебошанд. Аз ин рӯ, ҳиссаи ин категорияи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол назар ба мардҳо дар байни занони деҳот бештар буда, гувоҳи ин гуфтаҳо сатҳи пасти таъминоти занон бо нафақа ва таҳияи барномаҳои гуногуни иҷтимоӣ ҳангоми таваллуд ва парастории кӯдакон мебошад.

Фарқиятҳо миёни аҳолии деҳот ва шаҳр бо назар ба шуғли кор ва фаъолиятҳои соҳибкорӣ баррасӣ менамоем: Дар деҳот соҳибкорӣ камтар рушд кардааст, нисбат ба шаҳрҳо, ва имкониятҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ маҳдуд мебошанд. Ин бо он вобаста аст, ки дар деҳот шароит барои рушди бизнес камтар аст ва бештари мардум ҳамчун кормандони кироя кор мекунанд. Вале дар деҳот шумораи кормандони кироя бештар аст, назар ба шаҳрҳо, гарчанде ки дар соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ ҳиссаи кормандони кироя дар

деҳот ба 19% мерасад, ки ин нишондиҳанда ба шаҳр наздик аст. Вале худшуғлӣ, махсусан дар соҳаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои ҷангал ва моҳипарварӣ дар деҳот бештар паҳн шудааст. Дар ин соҳаҳо одамон асосан мустақилона кор мекунанд, на ҳамчун кормандони кироя. Ба ғайр аз ин, меҳнати кироя дар байни занон дар деҳот бештар аст, чунки онҳо аксар вақт дар соҳаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ фаъолият мекунанд.

**Ҷадвали 2.11. - Динамикаи шумораи занҳои аз рӯйи кироя дар соҳаи кишоварзӣ, шикор, ҷангалпарварӣ ва моҳипарварӣ коркунанда**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2022 | 2023 | С. 2023 бар с. 2015,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи миёнасолонааз ҳисоби занҳо – коргарон ва хизматчиён, ҳазор нафар | 458,5 | 526,8 | 486,6 | 473,4 | 529,3 | 554,1 | 567,2 | 592,1 | 129,1 |
| Аз ҷумла, кишоварзӣ, шикор ва ҷангал-парварӣ, ҳазор нафар | 204,2 | 247,7 | 204,2 | 194,8 | 236,4 | 254,4 | 262,9 | 275,9 | 135,1 |
| Бо % | 44,5 | 47,01 | 41,9 | 41,1 | 44,6 | 45,9 | 46,3 | 46,5 | 104,4 |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с. 92

Ба ин тартиб, фаъолиятҳои соҳибкории деҳот ва робитаи он бо меҳнати кироя, дар муқоиса бо шаҳрҳо, хеле пасттар аст. Масалан, дар шаҳрҳо аз ҳар 3 нафар, ки дар соҳаи ғайрикироя кор мекунанд, як нафар одамони иловагӣ ҷалб мекунанд, дар ҳоле ки дар деҳот ин рақам танҳо аз ҳар панҷ нафар як нафар аст.

Ҳамин тавр, дар деҳот бештар коргарони кироя мавҷуданд, ва соҳибкории мустақил ва ҷалби кормандони иловагӣ камтар паҳн аст, ки ин ба фарқиятҳои иқтисодӣ ва имкониятҳо вобаста аст. Дар деҳот асосан соҳибкории оилавӣ суръат гирифтааст ва коргарони коргоҳи оилавӣ - ин коргароне мебошанд, ки подош ва ё музди меҳнати худро дар асоси тақсими дохиликоргоҳии даромадҳо мегиранд. Бояд таъкид намуд, аслан азоёни хоҷагиҳои деҳконӣ, ки

оилавӣ мебошанд, бо ҳамин принсипи тақсими даромадҳо фаъолият менамоянд. Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун намуди худмашғулин ва соҳибкории аграрӣ дар давраи солҳои 2015–2023 афзудааст. Ин ҷалби бештар одамонро ба соҳаи кишоварзӣ ва хидматрасонии аграрӣ нишон медиҳад. Аз 123,3 ҳазор то 171,9 ҳазор хоҷагиҳо (39,4%) зиёдшавии ин нишондод нишон медиҳад, ки дар маҷмӯъ, фарогирии бештар ва фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагидорӣ ба назар мерасад. Тағйироти ё динамикаи шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар давраҳои 2015–2023, ки дар расм 2.1 оварда шудааст, нишон медиҳад, ки ба таври назаррас, ин нишондиҳанда беш аз 4,5 маротиба афзудааст. Ин афзоиш метавонад ба нишондиҳандаи рушд ва беҳбудии соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагидорӣ дар кишвар робита дошта бошад.

Агар соли 2015 дар 94 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ занон роҳбар бошанд, пас соли 2023-ум дар 133,9 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ занон роҳбар буданд. Дар ин маврид, мардҳои ин оилаҳо ҳам дар хоҷагӣ кор мекунанд ва ҳам ба фаъолияти ғайрикишоварзӣ машғуланд.




**Расми 2.1. - Тағйироти шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ**

**Манбаъ:** Нишондиҳандаҳои гендерӣ оид ба фаъолияти истеҳсолии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 2014 - 2019 - Агентии омори назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон, 2023, с. 15

Таҳлилҳо нишон дод, ки шуғлнокӣ дар деҳот як қатор хусусиятҳо дорад, ки аз сатҳи пасти тамаркузи (консентратсияи) истеҳсолот ва аз ҳам ҷудо будан, тобеияти истеҳсолоти кишоварзӣ ба омилҳои табиӣ, ҷойгиршавии захираҳои табиӣ, коммуникатсияи роҳу нақлиётӣ, бозори манзил ва омилҳои дигар бар меоянд. Вобаста ба ин, мо хусусиятҳои зеринро ҷудо намудем:

Якум, низомии пасти сафарбаршавии аҳолии деҳот: дар деҳот одамон аксар вақт наметавонанд осон ба иқтисодиёт умумӣ шомил шаванд, чунки онҳо дар ҷойҳои муфаззаи зиндагӣ мекунанд ва истеҳсолот дар деҳот низ яклухт ё фалокатнок буда, ин барои шомилшавии аҳолии деҳот ба бозори меҳнат мушкилӣ ба вуҷуд меорад.

Истеҳсоли кишоварзӣ ба омилҳои табиӣ ва хавфу хатарҳои гуногун вобаста аст, ки метавонанд ба самаранокии ин соҳа таъсир расонанд. Масалан, ҳолатҳои обуҳаво, ки дар амалҳои кишоварзӣ нақши муҳим доранд, метавонанд даромад ва истеҳсолотро тағйир диҳанд. Мавсимияти шуғл низ метавонад боиси ноустуворӣ дар даромади меҳнаткашон шавад, зеро вақтҳои муайян барои кор ва истеҳсолот маҳдуданд. Ин хавфҳо дар маҷмӯъ барои меҳнаткашон дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди он таъсири манфӣ расонида, метавонанд ба устувории иқтисодӣ ва иҷтимоии деҳот зарар зананд. Дар деҳот шуғл бештар мавсимӣ аст, ки боиси табодули даромад дар тӯли як сол мегардад, ки дар натиҷа, даромадҳо ё манбаъҳои молӣ барои аҳолии деҳот яксон нестанд. Кишоварзон дар деҳот бояд бо истифода аз технологияҳои чандир ва қабули қарорҳои мустақилона зуд ҷавобгӯ ба тағйирот ва вазъият бошанд. Низомҳои маъмурии қатъӣ дар раванди кор ба он чӣ гуна анҷом додани фаъолиятҳои меҳнатӣ мувофиқ нестанд. Ҳамчунин, нишон дода мешавад, ки иқтисодиёти деҳот бо чанд мушкили асосӣ, ки ба табиат, мавсимият ва роҳҳои ҳаллу фасл вобаста аст, рӯбарӯст. Дар ин маврид мушкилоти иловагӣ дар ҷорӣ намудани технологияи индустриалӣ пайдо мешавад.

Сеюм, гуногуншаклии вазифаҳое, ки коргарони касбу кори асосии кишоварзӣ иҷро мекунанд. Сатҳи пасти рушди тақсимоти ҷамъиятии меҳнат.

Чорум, маҳдудияти интихоби соҳаи татбиқи меҳнат ва касб, ки аз сатҳи пасти диверсификатсияи иқтисодиёт дарак медиҳад.

Панҷум, таъминнокии пасти механизатсияи истеҳсолот, таносуби баланди коргарони бо меҳнати ҷисмонии вазнин ва меҳнати шароити номусоид машғулбуда.

Шашум, сатҳи пасти пардохти музди меҳнат ва таъхири тӯлонии пардохти он, ки зарурати иловатан машғул шудан дар хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ ба миён меояд.

Ҳафтум, аз ҷиҳати иҷтимоӣ таҳти ҳифозат қарор надоштани шуғлнокӣ, зеро рушди нокифояи муносибатҳои расмии меҳнатӣ ва танзими қарордодию шартномавии шароити шуғлнокӣ ба чашм мерасад.

Ҳаштум, сатҳи пасти таъминоти молиявии ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ.

Нуҳум, аз ҳад зиёд будани шуғлнокӣ. Хоҳиши коргоҳҳои кишоварзӣ оид ба нигоҳ доштани иқтидори кадрӣ дар шароити камшавии маҷбурии ҳаҷми истеҳсолот.

Ин хусусиятҳо типологияи шуғлнокии деҳотро аз рӯйи миқдор ва мувофиқати ҷойи истифодаи меҳнат ва хосияти онҳо муайян карда, барои коркарди чораҳои мушаххаси танзими сатҳ, мақоми ҳуқуқӣ ва даромаднокии шуғли аҳолии деҳот ҳамчун асос хизмат мекунанд. Дар шароити муносибатҳои бозорӣ шомилкунии захираҳои меҳнатӣ ба истеҳсолот тавассути бозори меҳнат анҷом дода мешавад, бинобар ин, шаклҳо ва методҳои танзими он ҳамзамон, шаклҳо ва методҳои танзими шуғлнокӣ мебошанд. Аммо бозори озоди меҳнат дар деҳот наметавонад дар сатҳи зарурӣ танзимро ба иҷро расонад. Танзими шуғлнокии деҳот раванди давомнокии ташкил ва назорати фаъолият, инчунин, рушди бозори меҳнати деҳот мебошад, ки тавозуни талабот ва пешниҳодоти қувваи корӣ, беҳтар намудани шароити шуғлнокӣ, таҳаввулоти махсуси муносибатҳои меҳнатиро на танҳо дар бахши аграрӣ, балки дар дигар соҳаҳои иқтисодиёти деҳот тақозо менамояд. Илова ба ин, идоракунии муназзами таҷдиди қувваи кориро аз

тариқи низоми омодакунӣ, аз нав омодакунӣ, ҷобаҷогузорӣ ва истифодаи қувваи корӣ бояд пешбинӣ намояд. Дар ин ҷода, чи тавре таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, нишон медиҳад нақши давлат, дахлпазирии давлат ба тавозуни бозори меҳнати аграрӣ хеле баланд ва созанда мебошад.

Дар ҳоли ҳозира, наметавон гуфт, ки кишоварзӣ манбаи аслии шуғл дар деҳот боқӣ монда аст. Агар дар оғози солҳои 1990-ум беш аз ним аҳолии деҳот дар соҳаи кишоварзӣ кор мекард, дар давоми даҳсолаҳо ин ҳисса кам шуда, баъд аз соли 2005 танҳо нисфи аҳолии шуғлдошта дар деҳот дар соҳаи аграрӣ машғул аст. Ин тамоюл вобаста ба рушди ҳиссаи намудҳои фаъолияти ғайрикишоварзӣ дар деҳот (аммо аслан на аз сабаби васеъшавии миқдори мутлақи ҷойҳои корӣ ғайриаграрӣ дар иқтисодиёти деҳот) сурат гирифтааст. Дар деҳот, на танҳо соҳаи кишоварзӣ, ки қаблан асоси фаъолияти иқтисодӣ буд, дигар манбаи аслии даромад нест, балки дигар намудҳои фаъолияти меҳнатӣ ҳам, ки пештар таҳти таъсири кишоварзӣ қарор доштанд, ҳоло барои аҳолии деҳот манбаи асосии даромад гардидаанд. Ин маънои онро дорад, ки одамон дар деҳот барои таъмини зиндагонии худ ба фаъолияти дигаре, ғайр аз кишоварзӣ, рӯ овардаанд. Масалан, хоҷагиҳои ёрирасон, ки дар асоси корҳои ҳаррӯза ва фаълӣ ба вуҷуд омадаанд, акнун манбаи асосии даромади аҳолии деҳот мебошанд.

Дар ҳоли ҳозир, ҳарчанд сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ то ба 15%-и аҳолӣ коҳиш ёфта бошад ҳам, аммо дар деҳот, ки соҳаи асосии фаъолият истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад, дар миёни аҳолии қобили меҳнат, ҳатто миёни коркунандаҳо нуфузи муаайни камбизоат ва осебпазирро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар натиҷаи ин, сатҳи даромади ташаккулёбандаи аҳолӣ нисбат ба нархҳои воқеии бозори музди меҳнат бемайлон коҳиш ёфта истодааст. Аз ин рӯ, музди меҳнатро метавон гуфт, ки барои қисми зиёди аҳолӣ манбаи асосии даромади оила ҳисоб намеёбад (ҷадвали 2.12.). Чуноне, ки ракамҳои ҷадвал нишон медиҳад ҳарчанд соли 2023 даромади аҳолии ба ҳар як нафар аъзои оила нисбат ба соли 2015-ум 232,2 сомонӣ зиёд шуда бошад ҳам, аммо ҳиссаи даромади меҳнатӣ дар маҷмӯи даромад тамоюли пастравӣ

дорад, дар ин давра аз 44,01 то 43% кам шудааст, яъне дар ин давра ба 1,01 банди фоиз паст шудааст. Дар сохтори даромади аҳолӣ дигар даромадҳои пулӣ, пеш аз ҳама даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ ва фаъолияти мустақилонаи касбӣ тамоюли афзоишро дорад: дар ин давраи таҳлили андозаи он аз 92, 6 то 328,42 сомон афзудааст, ҳиссаи он дар маҷмӯи даромадҳо соли 2023 41,4 % - ро ташкил додааст. Пас ин аз он шаҳодат медиҳад, ки аҳолӣ бештар ба фаъолияти алтернативӣ шуғл доранд.

**Ҷадвали 2.12. - Динамикаи сохтори даромади аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои як аъзои оила дар моҳ)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | 2023 | | Тағйирот | |
| | Бо сомонӣ | Бо % | Бо сомонӣ | Бо % | Бо сомонӣ | Бо % |
| Даромади маҷмӯӣ, | 293,58 | 100,0 | 794,12 | 100,0 | 232,2 | - |
| Аз он ҷумла | | | | | | |
| Даромади меҳнатӣ | 129,23 | 44,01 | 341,76 | 43,0 | 212,5 | -1,01 |
| Нафақа, ёрдампулӣ, стипендия | 15,53 | 5,30 | 41,65 | 5,2 | 26,07 | -0,1 |
| Ҷубронпулиҳо, бо дарбаргирии ёриҳои башардӯстона | 0,61 | 0,21 | 17,85 | 2,2 | 1,59 | 1,99 |
| Даромад аз моликият | 0,17 | 0,06 | 17,16 | 2,2 | 16,99 | 2,14 |
| Даромад аз фурӯши амволи ғайриманқул | 0,73 | 0,25 | 4,83 | 0,6 | -4,1 | 0,35- |
| Даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ | 54,71 | 18,63 | 42,45 | 5,3 | 12,26 | - 13,3 |
| дигар даромадҳои пулӣ (аз ҷумла даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ ва фаъолияти мустақилонаи касбӣ) | 92,60 | 31,54 | 328,42 | 41,4 | 20,48 | 9,86 |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024с. 116-118*

Дар деҳот тамоюле мушоҳида мешавад, ки қисми зиёди даромадҳо на аз кор дар соҳаи кишоварзӣ, балки аз иҷрои корҳои шахсӣ ва соҳибкории хурд ташаккул мееёбад. Ин намуди фаъолияти иқтисодӣ тадриҷан ба як манбаи муҳими даромад табдил ёфтааст. Ҳарчанд даромад аз меҳнат бештар аз 43% ташкил медиҳад, аммо ин даромад барои пӯшонидани ҳамаи хароҷоти оилавӣ кофӣ нест. Бинобар ин, одамон бо кори доимӣ, гарчанде ки даромад доранд, ба гурӯҳи афроди дорои даромади паст дохил мешаванд. Хоҷагиҳои ёрирасони

хусусӣ барои аксари аҳолии деҳот манбаи даромад мебошанд, аммо даромад аз ин фаъолият таназзул ёфтааст.

Мавриди зикр аст, ки аҳолии деҳот дорои манбаъҳои даромади бештар диверсификатсияшуда ва гуногун аст, ки ба онҳо имконият медиҳад, ки бо як манбаи ягона вобаста набошанд. Барои муқоиса, дар шаҳрҳо бештар одамон танҳо як манбаи даромад доранд.

Ба гуфтаи муаллиф, дар деҳот камтар аз 35% одамон танҳо як манбаи даромад доранд, ки хеле камтар аз 55% аҳолии шаҳрҳо мебошад. Ин нишон медиҳад, ки дар деҳот одамон метавонанд манбаъҳои гуногуни даромад дошта бошанд ва ба як манбаъ вобаста набошанд, ки кӯмак мекунад, ки иқтисодиёти деҳот устувортар бошад.

Дар деҳот, бо вуҷуди таърифҳои асосии соҳаҳои кишоварзӣ, шуғл дар ин соҳаҳо на ҳама вақт ба аҳолии деҳот хос аст. Агарчи дар соҳаҳои кишоварзӣ зиёда аз 1,6 миллион нафар машғул мебошанд, ки аз ин теъдод беш аз 16% шаҳрӣ ва аксарияти ин кормандон синни 50 то 64-сола доранд, ки ба гурӯҳи шахсони пас аз нафақа ё пеш аз нафақа дохил мешаванд. Ин гурӯҳ асосан аҳолии шаҳрҳоро ташкил медиҳад, ки дар хоҷагиҳои ёрирасони худ фаъолият мекунанд ва аз фурӯши маҳсулот даромад ба даст меоранд. Бо вуҷуди ин, бо баланд шудани сатҳи зиндагӣ, шумораи гурӯҳе, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд, эҳтимолан кам мешавад. Дар оянда, мумкин аст холдингҳои аграрии бузург дар кишвар таъсис ёбанд, ки идоракунии онҳо асосан ба шаҳрҳо вогузор мешавад, ки дар натиҷа шумораи шуғлнокии шаҳриро дар соҳаи кишоварзӣ нигоҳ медоранд.

Дар шаҳрҳо, соҳаи кишоварзӣ нақши каме дар иқтисод доро аст, зеро дар онҷо танҳо 1-2% аҳолии қобили меҳнат машғул мебошанд. Аммо дар деҳот, соҳаи кишоварзӣ то ҳол ҳамчун соҳаи асосии муайянкунандаи сатҳи шуғлнокӣ боқӣ мемонад.

Ғайр аз ин, дар деҳот миқдори назарраси шуғлнокии ғайрирасмӣ, ки бо соҳаи кишоварзӣ марбут аст, вуҷуд дорад. Ин на танҳо кормандони расмии ба қайд гирифташуда дар фермерҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ, балки одамоне,

ки дар хоҷагиҳои хонагӣ ба кишоварзӣ машғуланд, вале фаъолияти худро расман ба қайд намегиранд, низ дар бар мегирад. Ин хосияти деҳот мебошад, махсусан вақте ки сухан дар бораи рушди хоҷагиҳои хурд дар деҳот меравад, ки аз иқтисоди шаҳрӣ фарқ мекунад. Ҳамин тавр, миқдори хоҷагиҳои аҳолӣ дар солҳои истиқлолияти давлатии мамлакат 1,7 маротиба ва истифодаи замин аз тарафи онҳо 2,5 маротиба зиёд шуданд.

Шуғлнокӣ дар соҳаи аграрӣ ба се бахши асосӣ вобаста аст: муассисаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои фермерӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ. Дар давраи ислоҳоти аграрӣ, шуғлнокӣ асосан дар хоҷагиҳои фермерӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ афзуд, чунки то ислоҳот чунин шаклҳои шуғлнокӣ мавҷуд набуданд. Ҳарчанд дар марҳилаҳои аввали ислоҳот шуғлнокӣ дар соҳаи кишоварзӣ кӯчкӣ буд, ки боиси коҳиш ёфтани истеҳсолоти умумии меҳнат дар бахши аграрӣ барои давраи тӯлонӣ шуд. Агар истеҳсолоти меҳнатро ҳамчун нисбати истеҳсоли маҷмӯии маҳсулот ва шумораи коргарон, ки дар истеҳсолот шомил буданд, арзёбӣ кунем, пас кишвар дар ин бахш аз бисёре аз кишварҳои ИДМ, ки ҳамчунин дар давраи ислоҳот камшавии истеҳсолотро ҳис мекарданд, ақиб мемонад. Аммо кишварҳои ИДМ дар давраи ислоҳот нисбат ба коҳиши ҳаҷми истеҳсолот ба таври тезтаре коҳиши шуғлнокии аграриро гузарониданд.

Тавре, ки қайд кардем, динамикаи таҷдиди аҳолӣ дар ҷумҳурӣ тамоюли инкишофи аҳолии деҳот дар давоми солҳои 2015-2023 нигоҳ дошта шуд. Дар давраи баррасишаванда ба ҳисоби миёна дар як сол аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 2,0-2,2 %, аз ҷумла, тибқи минтақаҳо дар ВМКБ 2,0-2,2 %, вилояти Суғд 1,5-2,0%, вилояти Хатлон 2,0-2,4%, НТМ 2,0-2,4% ва шаҳри Душанбе 2,2-2,6% афзоиш ёфтааст. Дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ сатҳи кори якранги афзоиши шумораи аҳолӣ нигоҳ дошта мешавад.

Трансформатсияи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, демографӣ ва сиёсӣ, ки дар деҳоти кишвар ба амал омадаанд, ва ҳамчунин ноқис будани омодагии аҳолӣ ба шароити нав ва муносибатҳои бозорӣ, сабаби пайдоиши шаклҳои нави фаъолият, зиндагӣ ва рафтор дар соҳаи кишоварзӣ гардиданд. Дар давраи гузариш, хусусан то соли 2000, сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва кормандони

соҳа ногаҳон паст рафта, сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ афзоиш ёфта, нобаробарии даромадҳо пурзӯр шуд. Дар соҳаи кишоварзӣ ҷойҳои кор мавҷуд буданд, аммо онҳо наметавонистанд эҳтиёҷоти асосии кормандон ва аъзои оилаи онҳоро таъмин кунанд. Агар дар даврони Шӯравӣ сарвари оила бо меҳнати худ ва кӯмакҳои давлат (мисли низоми ҳифзи иҷтимоӣ, таълим, хизмати тиббӣ ва дигар фондҳои ҷамъиятӣ) оилаи худро таъмин мекард, пас дар шароити иқтисоди бозорӣ ин кӯмакҳо дигар наметавонистанд амал кунанд. Ҳақиқати ҳаёти нав дигар аъзоёни оила, хусусан, чи тавре дар боло таъкид намудем, занҳоро ба фаъолнокии меҳнатӣ ҳавасманд кард. Бо назардошти музди меҳнати ночиз дар шаклҳои расмии хоҷагиҳо онҳо корҳои иловагиро дар шуғли алтернативӣ дар бахши ғайрирасмӣ ҷустуҷӯ намуданд. Иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ дар соҳаи шуғли алтернативӣ ва бахши ғайрирасмӣ алоқаи зичи бевосита доранд, аммо он берун аз мақомоти давлатӣ ва бидуни пардохти андоз сурат мегирад.

Бояд таъкид кард, ки бо сабаби рушди сусти бахши расмии иқтисодиёт ва мушкилоти иқтисодии, ки дар оила ва зиндагӣ ба миён омада буданд, занон дар Тоҷикистон ба роҳҳои нави ҷустуҷӯи даромад маҷбур шуданд. Дар натиҷаи ин вазъият, бозори меҳнати занона, ки бо ҳалли даромад барои занон алоқаманд буд, дар шакли озод ва ғайрирасмӣ (бе қайд ва эътирофи расмии давлат) ташкил шуд. Ин бозор шоҳиди ҷорӣ шудани ба кор андохтани занон дар шаклҳои ғайрирасмӣ ва камтар ҳифзшуда буд, ки шенасоии нисбӣ бо бозори мардона (шумораи коргарони мард) дошт, ки мардону занон дар коре, ки қариб яксон аст, иштирок мекарданд, масалан дар корҳое, ки мардикорҳо анҷом медиҳанд. Ин намуди мардикорӣ аввалан дар шаҳрҳои Хуҷанд, Истаравшан ва Панҷакенти вилояти Суғд мушоҳида шуданд*[52,с.12]*. Дар айни замон он дар тамоми деҳоти ҷумҳурӣ вуҷуд дорад.

Намуди паҳншудаи бозори меҳнати ғайрирасмӣ ё шуғли алтернативӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ «мардикорӣ» мебошад. Ин намуди бозори меҳнат то инқилоб ва дар даврони шӯравӣ нисбатан тараққӣ карда буд. Дар солҳои сохтмони сотсиалистӣ давлат ашхоси ба шуғли ғайрирасмӣ машғулбударо чун

муфтхӯрон баррасӣ менамуд ва бо ҳамаи роҳҳои имконпазир онҳоро ба меҳнат дар бахши расмии иқтисодиёт ҷалб мекард. Аммо, то пошхӯрии ИҶШС шуғлнокии ғайрирасмии навъи «мардикорӣ» пурра дар байни мардони ихтисоси баланддошта ва коргарони беихтисос ба таври пинҳонӣ вуҷуд дошт. Барои халосӣ аз таъқиби ҳукуматдорон «мардикорҳо» барои дастрас намудани маълумотнома оиди бо кор таъмин будани худ муваққатан ба бахши давлатӣ ва ё колхозию кооперативӣ шомил мешуданд, вале дар асл чун «мардикор» дар назди шахсони воқеӣ фаъолият мекарданд*[53,с.7]*.

Сабаби асосии ин рафтори «мардикорҳо» аз он иборат буд, ки речаи меҳнат дар корфармоёни хусусӣ озод буда, аз онҳо назар ба бахши давлатӣ даромади бештар ба даст овардан мумкин аст. Ҳатто нафақае, ки дар бахши давлатӣ кор карда, дар пиронсолӣ ба он соҳиб шудан мумкин аст, диққати «мардикоронро» ба худ ҷалб намекард. Инчунин, дар гармои тобистон 12-14 соат дар як рӯз кор кардан ва аз тарафи давлат нагирифтани ягон намуди кӯмакпулии иҷтимоӣ онҳоро аз ин роҳ боздошта наметавонист. Рӯзе 2-4 маротиба аз ҳисоби корфармо хӯрдани хӯрок, пардохти роҳкиро ва ғайраҳо «мардикорҳоро» қонеъ мекард.

## 2.2 Сабабҳои иқтисодиву иҷтимоии рушди шуғлнокии алтернативӣ

Баробари рушди муносибатҳои бозорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ равандҳои дигаргуншавӣ дар ҳаёти аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ фаъол гардиданд. Дар натиҷа, дар деҳот шаклҳои нави меҳнат, рушди муассири шуғлнокии алтернативӣ ва инкишофи муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ пайдо шуданд. Рушди муносибатҳои бозорӣ сохтор ва нишондиҳандаҳои бозори меҳнатро тағйир дода, бисёр монеаҳо ва маҳдудиятҳо бекор карда шуданд, ки боиси чандирият ва серҳаракатии шуғлнокӣ гардиданд.

Пас аз анҷоми ислоҳоти аграрӣ ва тағйирот дар институтҳои соҳаи иқтисодиёти аграрӣ, дар кишвар асосҳои иқтисоди бозорӣ ва сохтори бисёрқабатаи иқтисодиёти аграрӣ ташаккул ёфтанд. Ин боиси тағйироти вазъи иҷтимоии-иқтисодии аҳолии деҳот гардид, яъне зиндагии мардум дар деҳот

тағйир ёфт, чунки шароити нави иқтисодӣ, ки бо гузариш ба иқтисоди бозорӣ вобаста аст, ба вуҷуд омад. Дар натиҷаи ислоҳот нобаробарии иҷтимоӣ ва тафриқаи калони аҳолӣ аз рӯи даромад фаъол гардида, ҳамин хел, на ҳамаи қишрҳои аҳолии деҳот аз шаклҳои бозории хоҷагидорӣ фоидаи моддӣ ба даст овარданд. Дар давраи пасошӯравӣ бисёре аз кишварҳо бо оқибатҳои манфии низоми маъмурии қадимӣ, ки ба идораи марказӣ ва нақшавии иқтисодӣ равона шуда буд, рӯ ба рӯ шуданд. Ин низом бо усулҳои диктаторӣ идора мешуд, ки на танҳо рушди бозори озод ва соҳибкориро ташвиқ намекард, балки равандҳои иқтисодии табииро боз медошт.

Аҳолии деҳот, ки пештар аз дастгирии давлат вобаста буд, бо тағйироти марбут ба гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ омода набуд. Фаъолияти камтабори соҳибкорӣ ва набуди қобилият дар мутобиқшавӣ бо шароити нав, боиси афзоиши камбизоатӣ дар минтақаҳои деҳот гардид. Низоми маъмурӣ механизми мавҷудаи фаъолияти иқтисодиёти деҳотро вайрон кард, ва тағйирот дар гузариш ба модели бозорӣ хеле зуд сурат гирифт, ки на ҳамеша хосиятҳои марбут ба аҳолии маҳалиро дар назар гирифт. Барои халосӣ аз ниҳодҳои низоми қаблӣ ва дар деҳот ташаккул додани инсони ташаббускор, ки тавонад зиндагии хешро пеш барад, даҳсолаҳо лозим мебошанд.

Ҳамин тариқ, дар раванди давраи гузариш дар минтақаҳои деҳот як масъалаи асосӣ — сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат ва маош ба вуҷуд омад. Ин, навбатан, ба рушди шаклҳои алтернативии шуғл, чун шуғли ғайрирасмӣ, мусоидат кард. Сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат ва маош омилҳое гардиданд, ки мардумро водор карданд, ки манбаъҳои иловагии даромад ҷустуҷӯ кунанд, аксар вақт тавассути фаъолиятҳои ғайрирасмӣ.

Дар ин ҷо, мо пеш аз ҳама, динамикаи шуғлнокӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро баррасӣ менамоем.

Тавре, ки аз маълумоти ҷадвали 2.13. дида мешавад, солҳои охир суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз суръати шуғлнокии кормандони истеҳсолоти аграрӣ пеш мебошад. Дар давраи солҳои 2015-2020 суръати афзоиши истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз суръати

афзоиши шуғлнокӣ дар соҳаи истеҳсолоти аграрӣ пеш гузашт ва коэффитсиенти пешгузарӣ дар ин давра аз воҳид болотарро ташкил дода буд.

**Ҷадвали 2.13. - Динамикаи шуғлнокӣ ва истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон(бо нархи соли 2022)**

| Солҳо | Шуғлнокӣ дар соҳаи истеҳсолоти аграрӣ, ҳазор нафар | Суръати афзоиш, % | Маҷмӯи маҳсулот, (миллион сомонӣ, бо нархи соли 2020) | Суръати афзоиш нисбати соли гузашта, % | Таносуби суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулот нисбат ба суръати афзоиши шуғлнокӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 1545,2 | 101,4 | 31368,4 | 103,2 | 1,02 |
| 2016 | 1538,6 | 99,6 | 32990,7 | 105,2 | 1,05 |
| 2017 | 1466,1 | 95,2 | 35251,2 | 106,8 | 1,12 |
| 2018 | 1481,9 | 101,0 | 36668,9 | 104,0 | 1,03 |
| 2019 | 1507,3 | 101,7 | 39276,0 | 107,1 | 1,05 |
| 2020 | 1525,6 | 101,2 | 42765,6 | 108,8 | 1,07 |
| 2021 | 1535,3 | 100,6 | 45633,1 | 106,8 | 1,06 |
| 2022 | 1608,8 | 104,8 | 49272,5 | 107,9 | 1,03 |
| 2023 | 1618,7 | 100,6 | 63028,4 108,9 | 1,082 | |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с.86. 275*

Тавре, ки маълумоти ҷадвали 2.14. ва расми 2.2. шаҳодат медиҳанд, дар давраи солҳои 2015-2023 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз 35,2 то 49,2 миллиард сомонӣ ё беш аз 40,0% зиёд шудааст. Маҳсулоти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 3,3 маротиба афзуд, ки ин нишон медиҳад, ки истеҳсолот дар ин бахш хеле зиёд шудааст. Ҳамчунин, маҳсулоти бахши ҷамъиятӣ 48,5% зиёд шудааст, ки ин низ таъсири мусбӣ ба ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дорад. Ин нишон медиҳад, ки равандҳои истеҳсолӣ дар ин бахшҳо дар натиҷаи тағйиротҳои иқтисодӣ, ба мисли ислоҳоти аграрӣ, рушд ва беҳбуд ёфтаанд. Суръати афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзии истеҳсолкардаи хоҷагиҳои аҳолӣ чандон бузург набуда 16,2% зиёд гардидааст.

Аммо, дар давраи мавриди таҳлил ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолкардаи хоҷагиҳои аҳолӣ дар маҷмӯи махсулоти кишоварзӣ ба ҳисоби миёна қариб 55%-ро ташкил дода буд. (Ба ҷадвали 2.15. нигаред).

**Ҷадвали 2.14. - Динамикаи маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи категорияҳои хоҷагиҳо (бо нархҳои муқоисавии с. 2023), млн. сомони.**

| Солҳо | Ҳамагӣ маҷмӯи маҳсулот | Аз он ҷумла | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Бахши ҷамъиятӣ | Хоҷагиҳои аҳолӣ | Ҳоҷагиҳои деҳқонӣ |
| **2015** | 35251,2 | 1820,4 | 19780,6 | 13650,2 |
| **2018** | 36668,9 | 2057,8 | 20410,5 | 14200,5 |
| **2019** | 39276,0 | 2911,5 | 20405,1 | 15959,4 |
| **2020** | 42765,6 | 3861,1 | 21618,5 | 17286,0 |
| **2021** | 45633,1 | 5001,3 | 22300,3 | 18331,5 |
| **2023** | 49272,5 | 6063,4 | 22969,4 | 20239,6 |
| **С 2023 ба 2015,%** | 140 | 333,1 | 116,2 | 148,5 |

**Манбаъ; Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: *Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ), 2024, с.16.*

Агарчи таносуби он нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи таҳлилшаванда ва ё массаи таъғирти сохтории он ба андозаи 12,5 банди фоизӣ кам гардидааст, вале ҳиссаи он дар соли 2023 нисбат ба дигар шаклҳои хоҷагидорӣ баланд буд – 49 %-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.15. - Тағйироти сохторӣ дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ**

| Нишондиҳан-даҳо | 2015 | 2018 | 2019 | *2020* | *2021* | *2023* | Массаи таъ ғирот % | Индекси таъғирот нисбат ба соли 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ маҷмӯи махсулот | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | - | - |
| Бахши ҷамъиятӣ | 6,3 | 5,3 | 5,3 | 5,7 | 7,4 | 8,8 | 2,5 | 39,7 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 60,5 | 58,1 | 54,2 | 53,8 | 50,1 | 49,0 | - 11,5 | - 19,0 |
| Ҳоҷагиҳои деҳқонӣ | 33,2 | 36,5 | 40,4 | 40,5 | 42,4 | 42,1 | 8,9 | 26,7 |

**Манба: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: рақамҳои ҷадвали 2.2.2.

Ин маънои онро дорад, ки ҳиссаи худшуғлӣ, ки онро пурра ба ҳисоби машғулбудаҳои соҳаи истеҳсолоти аграрӣ шуморидан имконпазир нест, манбаи асосии истеҳсоли маҷмӯи маҳсулот мебошад. Илова бар ин, баҳогузории ҳосилнокии меҳнати воқеӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ мушкил аст.

Агар, шумораи умумии аҳолии ба худшуғлӣ машғулбудаҳоро ба ҳисоб гирем, он гоҳ нишондиҳандаи ҳосилнокии меҳнат коҳиш меёбад. Раванди мусбат он аст, ки дар давраи солҳои 2015-2023 ҳиссаи истеҳсолоти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулот зиёд гардидааст. Ин нишондиҳанда дар давраи таҳлилӣ аз 33,2 то 42,1 фоиз зиёд шудааст. Массаи таъғироти сохторӣ 8,9 фоизро ташкил дода индекси таъғирот сохтори, ки суръатнокии тағироттро нишон медиҳад, нисбат ба соли 2015 –ум 26%-ро ташкил додааст. Яъне, таъғироти сохторӣ ба манфиати хоҷагиҳои деқонӣ суръат гирифтааст ва барои рушди кишоварзӣ низоми манфиатҳо дар ин шакди хоҷагиҳо рушд ёфтааст. Аммо бояд таъкид намуд, ки ин нишондиҳандаҳо (масса ва индескси таъғироти сохторӣ) дар бахши ҷамъиятӣ тамоюли болоравиро низ гирифтааст, яъне дар давраи таҳлилӣ ҳиссаи онҳо 2,5 банди фоиз зиёд шудааст, ки ин дар бораи ташкигардии хоҷагиҳои давлатӣ шаҳодат медиҳад. Иштироки хоҷагиҳои аҳоли дар истеҳсолоти кишоварзи тамоюли пастравӣ гирифта истодааст, дар давраи таҳлилӣ ҳиссаи онхо ба 11,5 банди фоизӣ кам шудааст. Ҳамин тариқ, баланд шудани нақши хоҷагиҳои фермерӣ ва ҷамъиятӣ дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ имконият медиҳад, ки расмикунонии шуғлнокӣ қисман ҳал шавад, аммо наметавонад ба рушди шуғлнокии алтернативӣ монеаъ гардад.

Ҳамин гуна, дар ҳамаи кишварҳои ИДМ ҳолати иқтисодӣ ва рушди нишондодҳои меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ аниқ аст. Вазъият дар кишварҳои минтақаи Балтика беҳтар аст, ки он ба таври фаврӣ бо ислоҳот ва баланд шудани меҳнат ҳосилнокӣ дар соҳаи кишоварзӣ шенасоии беҳтар меёбад. Дар ин кишварҳо, истеҳсолкунандагони расмии кишоварзӣ, ки барои онҳо замин ва ҳайвонот зиёде ба ҳисоб меравад, дохил мешаванд. Қисмати зиёди хоҷагиҳои хонагӣ дар категорияи таъсир расидан ба машғулиятҳои кишоварзӣ шомил намешуданд, ки ин ба коҳиши меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ ва зиёд шудани истеҳсолоти каммасъулиятӣ сабаб шуд.

Чунин ҳолат дар деҳоти ҷумҳурӣ низ, ба мушоҳида мерасад. Пастравии ҳосилнокии меҳнат дар бахши аграрӣ якбора таносубан кам гаштани музди

меҳнатро ҳамроҳӣ мекунад. Тавре, ки маълумоти ҷадвали 2.16. далолат мекунанд, ҳарчанд суръати афзоиши музди меҳнати моҳонаи кормандони соҳаҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ зиёд гардад ҳам, сатҳи он аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт вобаста аз ҳосилнокии меҳнат фарқ мекунад. Музди меҳнати кормандони соҳаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар давраи 2015-2023 аз 1144,19 сомонӣ ба 1760,29 сомонӣ расид, ки ин нишондиҳандаи зиёда аз 1,5 маротиба афзоишро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 2.16. - Таносуби музди миёнаи меҳнати моҳонаи кормандони кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон (сомонӣ)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **С 2023 нисбат ба соли 2015, %а** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Музди миёнаи моҳона дар мамлакат | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 | 1393,78 | 1540,84 | 1760,29 | 153,8 |
| Аз он ҷумла дар соҳаҳои: | | | | | | | |
| Нақлиёт, хоҷагии анборӣ ва алоқа | 2183,65 | 2336,96 | 1960,95 | 1557,65 | 1922,47 | 2395,39 | 109,6 |
| Савдо, хӯроки умумӣ | 1038,97 | 1147,72 | 1235,43 | 1246,57 | 1339,88 | 1528,82 | 147,1 |
| Саноати коркард | 1273,88 | 1460,02 | 1580,28 | 1698,28 | 1995,53 | 2208,07 | 173,3 |
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 451,46 | 492,13 | 544,37 | 572,79 | 633,91 | 716,16 | 158,6 |
| Таносуб нисбат ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ, % | 0,39 | 0,40 | 0,41 | 0,41 | 0,41 | 0,41 | 105,1 |
| Таносуб нисбат ба ҳисоби миёна дар саноат | 0,35 | 0,34 | 0,34 | 0,34 | 0,31 | 0,32 | -91,4 |

**Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи:: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с. 134*

Дар давраи таҳлилӣ, музди меҳнати номиналии кормандони соҳаи кишоварзӣ беш аз 1,58 маротиба афзудааст, ки ин нишондиҳандаи баландтарин сатҳи рушдро нишон медиҳад. Ин 1,3 маротиба аз суръати афзоиши музди меҳнати умуман кормандони соҳаи иқтисодиёт баланд мебошад. Аммо соли 2023 музди миёнаи меҳнати моҳонаи кормандони кишоварзӣ ба 41 фоизи музди меҳнати миёнамоҳонаи соҳаи иқтисодиёт ва ба

32 фоизи музди миёнаи меҳнати моҳонаи кормандони саноатро ташкил додааст. Дар ҳақиқат сатҳи музди меҳнати номиналии кормандони соҳаи кишоварзӣ дар муқоиса бо миқдори музди меҳнати соҳаҳои дигари иқтисодиёт паст буда, ин тамоюли коҳишёбӣ нигоҳ дошта мешавад ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи маҳсулнокии соҳаҳои истеҳсолоти аграрӣ паст мебошад.

**Ҷадвали 2.17. - Тақсимоти хонаводаҳо ва аҳолӣ дар онҳо аз рӯи андозаи даромади пулии дар ихтиёрдошта ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар дар соли 2023 (бо ҳисоби фоиз)**

| | Дар шаҳр | | Дар деҳот | |
|---|---|---|---|---|
| | Шумораи хонаводаҳои тадқиқшаванда | Аҳоли и онҳо | Шумораи хонаводаҳои тадқиқшаванда | Аҳолии онҳо |
| Ҳамагӣ | 1150 | 5591 | 1850 | 11081 |
| то 120,0 | 7 | 45 | 83 | 576 |
| 120,01- 160,00 | 14 | 95 | 94 | 709 |
| 160,01- 200,00 | 33 | 218 | 161 | 1175 |
| 200,01- 240,00 | 46 | 285 | 166 | 1130 |
| 240,01-280,00 | 69 | 425 | 185 | 1252 |
| 280,01- 320,00 | 89 | 520 | 172 | 1108 |
| 320,01-360,00 | 85 | 475 | 157 | 964 |
| 360,01-400,00 | 86 | 458 | 139 | 776 |
| 400,01- 440,00 | 71 | 363 | 94 | 510 |
| 440,01- 480,00 | 76 | 380 | 89 | 465 |
| 480,01- 520,00 | 67 | 319 | 78 | 399 |
| 520,01- 560,00 | 59 | 274 | 59 | 277 |
| 560,01- 600,00 | 62 | 268 | 50 | 266 |
| 600,01- 640,00 | 43 | 191 | 35 | 177 |
| 640,01- 680,00 | 37 | 157 | 31 | 155 |
| 680,01- 720,00 | 41 | 168 | 22 | 100 |
| 7200,01-760,00 | 31 | 140 | 24 | 111 |
| 760,01 -800,00 | 26 | 106 | 26 | 111 |
| 800,01 ва зиѐда – 800,01 | 208 | 704 | 185 | 820 |

Манбаъ: *Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с. 20-21*

Агар музди меҳнати номиналии кормандони соҳаи кишоварзӣ ба назардошти таворум сатҳи ҳақиқии онро ҳисоб намоем, боз ҳам пастар мешавад. Чи тавре дар параграфи гузашта муаяйн намуда будем, қариб нисфи даромади аҳолиро даромади меҳнатӣ яъне музди меҳнат ташкил медиҳад. Бинобар он, даромади аҳолии деҳот нисбатӣ аҳолии шаҳр хеле паст мебошад. Оид ба ин тақсимоти хонаводаҳо ва аҳолӣ дар онҳо аз рӯи андозаи даромади пули дар ихтиёрдошта ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар дар соли 2021, ки дар натиҷаи таҳқиқоти буҷети хонаводаҳои шаҳру деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян шудааст, шаҳодат медиҳад.

Ҳамон тавр, ки маълумоти ҷадвалҳои 2.17. нишон медиҳанд, дар деҳот зиёда аз 83 хоҷагиҳои хонагӣ ба ҳар як нафар то 120 сомонӣ даромад доштанд, ки бештар аз 576 нафарро фаро гирифта буданд. Ин нишондиҳанда дар хоҷагиҳои хонагии шаҳрҳо паст аст: мутобиқан аз 7 хонавода 45 нафарро ташкил додааст. Умуман, дар деҳот 1157 хонавода, ки аҳолии 7690 нафарро (69,3%) дар бар мегирифт, то 400 сомонӣ ба ҳар як нафар даромад доштанд. Дар шаҳр бошад, 429 хонавода бо аҳолии 2884 нафар, яъне 51,5 фоизи аҳолӣ то 400 сомонӣ ба ҳар як нафар даромад доштанд. Ҳамин тариқ, даромади гурӯҳҳои хоҷагиҳои хонагӣ то сатҳи даромади 400 сомон дар муқоиса бо аҳолии шаҳрҳо паст мебошад.

Ҳамин тавр, фарқияти байни хоҷагиҳои хонагии ба ҳар як аъзои хоҷагии даромадгиранда (байни миқдори даромади паст ва баланд) беш аз 9 маротибаро ташкил мекунад. (ниг ба расми 2.3.) Ғайр аз ин, дар соҳаи кишоварзӣ одатан пардохти музди меҳнат на фақат пул, балки маҳсулот низ мебошад. Ин ба макони ҷойгиршавии хоҷагиҳо вобаста аст. Дар минтақаҳои дурдаст аз шаҳрҳо, кормандон метавонанд розӣ шаванд, ки як қисми музди меҳнаташонро дар шакли маҳсулот қабул намоянд, зеро ин барои ҳар ду ҷониб, яъне барои корманд ва корфармо, иқтисодан фоидаовар аст.

Барои муассисаҳои кишоварзӣ чунин намуди пардохт имконият медиҳад, ки дар шароити маҳдудиятҳои молиявӣ сарфаи пулӣ кунанд, ки ин дар ҳолатҳое, ки онҳо маблағҳои гардишии кофӣ надоранд, махсусан муҳим аст.

**Расми 2.3. - Гурӯҳбандии аҳолӣ аз рӯйи андозаи даромадҳои пулӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар дар соли 2023**




**Манбаъ:** Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020, - С. 22.

Расми 2.3. Гурӯҳбандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳои пулӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар дар соли 2023 *[74,с.22]*.

Мо барои таҳқиқи мушаххаси сабаб ва заминаҳои рушди шуғлнокии алтернативӣ корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлонро, бахусус, минтақаи Кӯлоби онро ҳамчун маҷмааи генералӣ мушоҳида ва таҳлили оморӣ қарор додем. Зеро, сатҳи бекории аёну ноаён дар вилояти Хатлон нисбат ба дигар манотиқи мамлакат бештар аст. Чуноне, ки дар параграфи қаблӣ нишон дода будем, дар ин вилоят беш аз 30%-и шумораи бекорони дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташудаи мамлакатро ташкил медиҳад. Қимати максималии индекси консентратсияи Херфинделя-Хиршман ҳама вақт ба 1 баробар аст, пас қимати минималии он миёни чор минтақаи мамлакат (1/n) бояд ба 0,25 ва ё 25 % баробар бошад. Чуноне, ки мебинем дар вилоят ҳиссаи бекорон дар шумораи умумии бекорони дар хадамоти шуғли аҳолии мамлакат ба қайд гирифташуда аз қимати миёна дар сатҳи 5% баланд мебошад. Ин ҳолат водор менамояд, ки доири андешидани тадбирҳо оид ба таъмини рушди шуғли алтернативӣ дар минтақаҳои деҳот бештар ба вилояти Хатлон, ки калонтарин минтақаи мамлакат буда, дорои иқтидори бузурги захираҳои иқтисодӣ (табиӣ, моддӣ, меҳнатӣ ва ғ.) мебошад, имконияти васеи ташкили шуғли ғайрикишоварзӣ вуҷуд дорад, зарур аст.

Чуноне, ки рақамҳои ҷадвали 2.18. нишон медиҳад, ҳарчанд шумораи бекорон дар давраи солҳои 2015-2023 тамоюли пастравӣ дорад, аз 22,8 то 15 ҳазор нафар кам шудааст, аммо ҳиссаи он, чуноне, ки қайд намудем, дар шумораи бекорони мамлакат баланд аст. Илова бар ин, пайваста бо ташкили ҷойҳои кории нави ғайрикишоварзӣ метавон бекорони манотиқи деҳои НТҶ, ки дар он беш аз 35%-и шумораи бекорони мамлакат воқеъ мебошанд, бо шуғл шомил намуд. Дар вилояти Хатлон бекорони синну соли 25-29, ки маҳз дар ин синну сол талабот ба меҳнат воқеан ҳам зуҳур менамояду таҷрибаи кофии меҳнатиро касб менамоянд, соли 2023 ҳамасола ҳиссаи онҳо беш аз 56%-ро ташкил додааст. Беш аз 11,6 ҳазор нафар бекорон дорои маълумоти миёна ва 1,6 ҳазор нафарро бекорони маълумоти миёнаи касбӣ ташкил додааст. Ин нишон медиҳад, ки бояд барои касбомӯзии шахсони бо маълумоти миёна ва омодагии дигар гурӯҳҳои бекорон, ки ба талаботҳои бозори меҳнат мувофиқат мекунанд, ва инчунин барои ташкил намудани намудҳои гуногуни шуғлҳои алтернативӣ чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

**Ҷадвали 2.18. - Тақсимоти бекорони дар мақомоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда, аз рӯи синну сол ва маълумот дар вилояти Хатлон**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи бекорон – ҳамагӣ дар вилоят, ҳаз. Нафар | 22,8 | 24,3 | 21.0 | 18,9 | 16,0 | 15,0 | 14,6 | 15,0 |
| аз он ҷумла, занҳо | 12,5 | 13,5 | 12.8 | 11,0 | 9,5 | 7,5 | 6,4 | 6,5 |
| ба ҳисоби фоиз, % | 54,8 | 55,6 | 61,0 | 58,2 | 59,4 | 50,0 | 43,8 | 43,3 |
| Бекорони синну соли | | | | | | | | |
| то 18 | 0,4 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 0,1 |
| 18-24 | 2,6 | 4,0 | 4,2 | 4,2 | 3,4 | 1,5 | 1,5 | 1,2 |
| 25-29 | 10,7 | 8,1 | 7,0 | 7,1 | 6,3 | 8,7 | 8,1 | 8,4 |
| пеш аз нафақа | - | - | - | - | 0,09 | - | - | 0,3 |
| дигарон | 8,7 | 9,4 | 8,4 | 7,4 | 5,2 | 6,9 | 4,3 | 5,3 |
| аз рӯи дараҷаи маълумотнокӣ | 1,7 | 1,7 | 1,4 | 1,1 | 0,8 | 0,6 | 0,7 | 1,0 |
| Оли | 1,7 | 1,7 | 1,4 | 1,1 | 0,8 | 0,6 | 0,7 | 1,0 |
| миёнаи касбӣ | 3,9 | 3,7 | 2,1 | 1,8 | 1,7 | 1,1 | 1,0 | 1,6 |
| ибтидои касбӣ | 3,1 | 3,1 | 2,1 | 1,3 | 1,2 | 0,9 | 0,8 | 0,8 |
| миёнаи умумӣ | 14,1 | 15,7 | 15,4 | 14,7 | 12,4 | 12,4 | 12,1 | 11,6 |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи:*Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с. 157-161*

Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ барои пардохти музди меҳнат шакли натуралӣ истифода мешавад. Яке аз сабабҳои, ки коргарон ба шуғли алтернативӣ шомил мешаванд, ҳамин тарзи пардохт мебошад. Дар таҳқиқоте, ки дар 150 корхонаҳои кишоварзии ноҳияҳои Данғара ва Восеи вилояти Хатлон гузаронида шуд, муайян карда шуд, ки андозаи музди меҳнат ва ҳиссаи пардохтҳои натуралӣ вобаста ба дурии корхонаҳо аз бозори меҳнати шаҳрӣ муайян мешавад.

Дар Данғара, ки истеҳсолоти кишоварзӣ бештар интенсивӣ мебошад, музди меҳнат дар баҳисобгирии пулӣ аз музди меҳнат дар ноҳия Фарҳор паст буд, ки истеҳсолот камтар интенсивӣ дорад. Вале дар Данғара, коргарон як қисми музди меҳнатро ба шакли натуралӣ, ки асосан бо нархҳои дохилии арзёбӣ шудааст, мегирифтанд, ки эҳтимолан ба арзиши аслии маҳсулот наздик буд. Агар бо арзиши воқеии бозории маҳсулот ҳисоб кунем, ки ба шакли музди меҳнат пардохт шудааст, он бештар хоҳад буд.

Бинобар ин, дар ҳисоби ниҳоӣ, музди меҳнат дар ноҳияи Данғара аз музди меҳнати ноҳияи Фархор баланд аст. (ҷадвали 2.19.)

**Ҷадвали 2.19. - Музди меҳнати миёнамоҳонаи ҳисобкардашуда дар муассисаҳои кишоварзӣ, соли 2023**

| Ноҳияҳо | Сомонӣ дар моҳ | Ҳиссаи пардохти натуралӣ, бо % |
|---|---|---|
| Ба ҳисоби миёнаи ҳамаи хоҷагиҳои ҷудокардаҳо | 348,9 | 25,1 |
| Аз ҷумла, ноҳияи Данғара | 361,33 | 10,2 |
| Ноҳияи Восеъ | 349,33 | 13,4 |

**Аз рӯйи маълумоти пурсишномаҳои кормандони соҳаи кишоварзӣ ҳисоб карда шудааст.**

Пурсиш нишон дод, ки зиёда аз 25%-и музди меҳнатро пардохти натуралӣ ташкил медиҳад.

Дар соҳаи кишоварзӣ музди меҳнат нисбат ба дигар бахшҳои иқтисодиёт хеле паст аст. Бо вуҷуди ин, муҳим аст, ки қайд намоем, ки сифат ва муҳтавои кор дар соҳаи кишоварзӣ, ҳарчанд ки камтар мавриди таҳлил қарор мегирад, накши муҳимме дар таъйини сатҳи музди меҳнат дорад. Ин метавонад нишон

диҳад, ки агар кор дар соҳаи кишоварзӣ дуруст арзёбӣ нашавад, ин метавонад ба дараҷае, ки меҳнати кормандон арзёбӣ мешавад ва, мутаносибан, музди меҳнат муқаррар мешавад, таъсир расонад. Мувофиқгардии муайяни тавсифоти иҷтимоӣ-демографӣ (синни ниҳоят ҷавон ё баръакс калонсол, таҳсилоти паст, надоштани таҷрибаи корӣ барои баъзеҳо ва номувофиқатии нерӯи инсонии махсус ва саломатии бад барои дигарон ва ғайраҳо) шуғлнокии расмии доимиро барои онҳо ғайриимкон ва нофорам мегардонад. Сатҳи таълим дар соҳаи кишоварзӣ назар ба дигар соҳаҳои иқтисодӣ хеле пасттар аст. Масалан, дар иқтисодиёт, умумӣ, ҳиссаи одамон бо таълимоти касбӣ тақрибан 2-3% ташкил медиҳад, аммо дар соҳаи кишоварзӣ ин ҳисса хеле камтар аст, ва ҳиссаи одамон бо таҳсилоти олӣ дар соҳаи кишоварзӣ се маротиба пасттар аст, нисбат ба иқтисодиёти умумӣ. Ҳоло аксари кормандони соҳаи кишоварзӣ маълумоти миёна ё миёнаи касбӣ доранд, ва ҳатто хоҷагиҳои кишоварзии, ки мехоҳанд рушд кунанд, бо мушкилоте рӯ ба рӯ мешаванд, ки кормандони баландихтисос барои иҷрои корҳои асосии кишоварзӣ намерасад.

Бояд қайд кард, ки сатҳи пасти таҳсилоти кормандон дар соҳаи кишоварзӣ на танҳо як факири муқаррарии муайянкунандаи касбияти онҳо мебошад. Интизоми кормандон, мушкилотҳое, чун дуздӣ ва дигар вайронкуниҳо низ дар фаъолияти меҳнатии онҳо ва озодшавии онҳо аз кор таъсир мерасонад. Масалан, интизоми паст ва ҳолатҳои зиёдии дуздӣ яке аз сабабҳои аз кор озод шудани кормандон аст. Ба далели ҳамин омилҳо, сифати меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ коҳиш меёбад, ки ин ба навбати худ ба сатҳи пасти музди меҳнат оварда мерасонад. Ҳамчунин, чун касбияти кормандон паст аст, ин мушкилотҳоро барои иттиҳод ё беҳтар кардани сифати захираҳои меҳнатии оянда ба миён меорад. Таҳқиқтчиен қайд мекунанд, ки бисёре аз сокинони деҳот ғорат дар муассисаҳои соҳаи кишоварзиро муқаррарӣ ва дуруст мешуморанд, ва то 45%-и пурсишшудагон инро ҳамчун рафтори иҷозатдодашуда қабул мекунанд. Ин инчунин ба ахлоқи иҷтимоӣ ва тасаввуроти умумии фаъолиятҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ таъсир мерасонад.

Эҳтиёҷот омили муҳим дар ҷӯиши кори иловагӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки ҳоло сабаби истеъмолии муносиби сохтори истеъмолоти аҳолии мамлакат вуҷуд надорад ва истеъмолот хосияти анъанавӣ дорад *[165, с.34]*. Маҳсулоти нонӣ ҳолати бартариятро ишғол карда, аҳолӣ ба калориянокии хӯрок, ки аз растаниҳо ва ҳайвонот ҳосил шудаанд (маҳсулоти ширӣ, нахуд, сабзавот, меваҷот ва ғайраҳо) таваҷҷӯҳ намекунанд. Бинобар ин, аҳолии деҳоти Ҷумҳурӣ кӯшиш мекунанд, ки бо мақсади гирифтани даромади иловагӣ ҷиҳати муътадил гардонидани миқдори истеъмолот дар соҳаи шуғли алтернативӣ ё ғайрирасмӣ машғул шаванд.

Аммо фаъолияти меҳнатии ғайрирасмӣ барои кормандон на танҳо боиси давомнокии калони вақти корӣ, балки гум кардани кафолатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ мегардад. Фарқият дар мақоми касбият ва миқдори пардохти музди меҳнати ба тарзи ғайрирасмӣ машғулбудаҳо оид ба монанд набудани ин сегменти бозори меҳнат далолат мекунад. Хосияти ин фарқиятҳо барои тахмин кардани мавҷудияти чандин моделҳои шуғлнокии ғайрирасмӣ мусоидат мекунад. Ба ҳайси яке аз онҳо метавон стратегияи зинда монданро ном бурд, ки ба ашхоси музди изофаи ғайрирасмидошта ҳангоми набудани кори дигар хос мебошад.

Музди меҳнати паст ва нишондиҳандаи пасти маҳсулнокии меҳнат дар минтақаҳои деҳот воқеан ба рушди шуғли ғайрирасмӣ мусоидат мекунад. Вақте ки шуғли расмӣ наметавонад даромад ё ҷойҳои корӣ таъмин кунад, одамон мекӯшанд роҳҳои алтернативии кору даромадро пайдо кунанд, ки ин шомили шаклҳои ғайрирасмии фаъолият мебошад. Ин одатан ба кор дар соҳаҳое марбут мешавад, ки ниёз ба мутахассисони баландихтисос доранд, масалан, тиб, ҳуқуқшиносӣ, таълим ва инчунин корҳои гуногуни хонаводае, ки метавонанд оилаҳоро дар шароити ноустувории иқтисодӣ дастгирӣ кунанд.

Дар минтақаҳои деҳот шуғли ғайрирасмӣ нақши муҳимеро дар зиндагӣ ва нигоҳ доштани сатҳи зиндагӣ мебозад. Ин метавонад як роҳи муваққатӣ бошад, ки кӯмак мекунад, ки одамон ба тағйироти иқтисодӣ, чун бӯҳронҳо, тағйироти шароити бозор ё мушкилот бо шуғли расмӣ мутобиқ шаванд.

Ҳамзамон, ин нишон медиҳад, ки дар иқтисод устуворӣ нест, чун ин гуна шуғл аксаран муҳофизати иҷтимоӣ ва даромади устувор намедиҳад. Аз ин рӯ, шуғли ғайрирасмӣ ба воситаи муҳим дар нигоҳ доштани беҳбудии иқтисодӣ барои аҳолӣ табдил меёбад, махсусан дар шароите, ки ҷойҳои кории расмӣ маҳдуд ё ба андозаи кофӣ пардохт намешаванд.

Аз ҷумла, В. Гимпельсон, коршинос русии соҳаи шуғлнокӣ, зикр мекунад: «аз як тараф, ин истифодаи захираи меҳнатии ҳосилнокиаш паст дар шакли шуғли ноустувор ва камдаромади дар худ таҷассумкунандаи гуногуншаклии ғайришуғлнокӣ ва бекории пинҳонӣ аст» [15,с.30]. В. Гимпельсон, қайд мекунад, ки паст будани ҳосилнокии меҳнат ва шуғлнокии ноустувор ин як амалияи маъмулӣ аст, ки одамон ба кори ғайрирасмӣ ё бекории пинҳонӣ машғул мешаванд. Ин намуди шуғлнокӣ метавонад барои одамон беҳтар аз бекорӣ бошад, зеро он имкон медиҳад, ки онҳо ҳадди ақҷал пул ба даст оранд, аз кӯмакпулии давлатӣ вобаста нашаванд ва аз давраҳои дарозмуддати бекорӣ фаро нараванд.

Шуғлнокии ноустувор инчунин дар ҳолатҳое муҳим аст, ки талабот ба кор дар бахши расмӣ коҳиш меёбад ё ҳифзи иҷтимоии хуб ва ё кӯмакпулӣ барои бекорон нест. Аз ин рӯ, дар шароити душвори иқтисодӣ шуғлнокии ғайрирасмӣ як роҳи зарурӣ барои одамон мегардад, махсусан дар деҳот, ки дар он ҷо шуғли расмӣ метавонад маҳдуд ё бадпардоз бошад. Ин хулосаҳо бо ҳисобҳои коҳишёбии ҳосилнокии меҳнат дар деҳот мувофиқат мекунанд, ки назарияи Гимпелсонро тасдиқ мекунанд.

Воқеъан ҳам, гузариши кормандон аз соҳаи кишоварзӣ ба хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ сабаби пастравии умумии ҳосилнокии меҳнат дар бахши аграрӣ гардид. Бо вуҷуди ин, бояд дар назар гирифт, ки як қисми шуғлнокии ғайрирасмӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо истеҳсоли хурди маҳсулот дар хоҷагиҳои хонагӣ, ки аз назароти расмии оморӣ пӯшида аст, алоқаманд аст. Ин намуди кор ҳатто бо вуҷуди андозбандӣ ва танзимоти дигаре, ки фаъолияти ғайрирасмиро дарбар мегиранд, нигоҳ дошта мешавад. Мо ба баррасии амиқи

ин масъала баъдтар бармегардем, ҳоло бошад, ба сатҳи паҳншавии шуғлнокии ғайрирасмӣ дар деҳот тамаркуз мекунем.

Мавриди зикр аст, ки соҳаи кишоварзӣ пас аз соҳаи хизматрасонӣ ҷойи дуюмро дар миёни тамоми бахшҳои ғайрирасмии иқтисодиёти кишвар ишғол мекунад. Ин маънои онро дорад, ки бахши калонтарин ғайрирасмии шуғлнокӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҷойгир аст. Аз миёни онҳое, ки шуғлнокии ғайрирасмиро ҳамчун кор асосӣ мепазиранд, тақрибан 27%-и онҳо кишоварзиро ба кор асосӣ табдил медиҳанд ва 73%-и дигарон кишоварзиро ҳамчун шуғли иловагӣ интихоб мекунанд. Ин нишон медиҳад, ки соҳаи кишоварзӣ на танҳо манбаи асосии даромад барои як қисмати назарраси аҳолӣ мебошад, балки бештар ҳамчун роҳи иловагии касб барои гирифтани даромад дар баробари дигар намуди фаъолият истифода мешавад. Бо оғозиислоҳот бештар аз 85%-и аҳолии Тоҷикистон дар ҳолати камбизоатӣ қарор доштанд. Тибқи баҳогузории ташкилотҳои байналмилалӣ, миқёси камбизоатӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ зиёдтар буд.

Ҳамон тавр, ки қайд кардем, қисми муҳими даромади аҳолиро даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ ё даромад аз категорияи «дигар воридот» ташкил медиҳанд, ки қисми зиёди он аз ҳисоби корҳои худӣ, даромадҳо аз муҳоҷирати меҳнатии берунӣ ва соҳибкории хурд ташаккул меёбанд. Даромади аҳолӣ микдори сабаби истеъмолиро, ки аз қисматҳои асосии хароҷоти одам ё оила барои намудҳои гуногуни хӯрокворӣ, маҳсулоти ғайрихӯрока ва хизматрасониҳо ташаккул меёбанд, муайян мекунад.

Бинобар ин, таҳлили сохтори хароҷоти даромади маҷмӯи аҳолӣ аҳамияти калон дорад (ҷадвали 2.19.). Дар давраи таҳлилӣ беш аз 90 % даромади аҳолӣ истифода шудааст. Масалан, соли 2023 тамоми даромади аҳолӣ истифода шудааст, ки ин далели имконияти маҳдуди аҳолӣ барои пасандоз кардани даромади худ мебошад. Соли 2023 хароҷот якҷоя бо арзиши воридоти натуралӣ (асл) дар ҷамъи даромади умумии истифодашуда 123 % фоиз буд, ки ин нишондиҳанда соли соли 2017-ум қариб 90%- ро ташкил додааст. Хароҷоти аҳолӣ барои озуқа соли 2023-ум 60,5%- ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-

ум 9,2 банди фоиз паст шудааст. Маълумоти ҷадвали 2.20. нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлилӣ дар деҳот дараҷаи рушди даромади умумии хонаводаҳо, ки 160,2%-ро ташкил медиҳанд нисбат ба дараҷаи рушди ҷамъи даромади умумии истифодашуда, ки 219,6% мебошад паст аст. Яъне хонаводаҳо аз ҳисоби пасоянди қаблии худ умр ба сар бурда истодаанд. Ин албатта тамоюли манфӣ, мебошад, ки барои пасандоз намудани даромад, ҳамин тариқ сармоягузорӣ намудан барои рушди оилаҳо имконият пайдо намешавад. Умуман, соли 2023 дар муқоиса бо соли 2017 хароҷоти аҳолӣ барои хариди маҳсулоти ғайриозуқа, хароҷот барои пардохти хизматрасониҳои хусусӣ ва истеҳсолӣ тамоюли зиёдшавиро дошта, хароҷот барои хариди маҳсулоти хӯрока тамоюли камшавиро касб карда буд.

**Ҷадвали 2.20. - Динамикаи истифодаи даромади умумии аҳолӣ дар деҳот (ба ҳисоби миёна ба як нафар аъзои хонавода дар як моҳ, бо сомонӣ)**
**Динамикаи истифодаи даромади умумии аҳолӣ дар деҳоти в. Хатлон**
(ба ҳисоби миёна ба як нафар аъзои хонавода дар як моҳ, бо сомонӣ)

| **Нишондиҳандаҳо** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **С. 2023 ба с.2017, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъи даромад | 323,64 | 297,61 | 351,14 | 374,12 | 409,78 | 475,72 | 518,19 | 160,1 |
| Ҷамъи даромади умумии истифодашуда | 290,06 | 265,68 | 321,36 | 329,68 | 358,49 | 429,89 | 637,47 | 219,36 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| барои хӯрокворӣ | 153,89 | 139,03 | 174,53 | 162,05 | 166,67 | 197,26 | 386,91 | 113,8 |
| барои молҳои ғайриозуқаворӣ | 72,68 | 66,31 | 76,32 | 89,37 | 100,09 | 106,35 | 170,06 | 251,4 |
| барои машруботи спиртдор | 0,25 | 0,30 | 0,24 | 0,25 | 0,25 | 0,20 | 1,19 | 4,7 мар. |
| барои пардохти хизматрасонӣ | 34,63 | 35,04 | 38,76 | 44,78 | 51,04 | 62,57 | 68,34 | 107,3 |
| Андозҳо, ҷамъоварӣ, пардохтҳо ва дигар хароҷот | 28,62 | 25.0 | 31,51 | 33,23 | 40,44 | 63,51 | 18,05 | 63,0 |

**Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: *Омори солонаи вилоят Хатлон, 2024, с. 188-189, 190- 191*

Соли 2023 нисбат ба соли 2017 рушди баланди хароҷоти аҳолӣ барои молҳои ғайриозуқаворӣ – 251,4% ва сатҳи баланди рушди хароҷот барои машруботи спиртдор – 4,7 маротибаро ташкил додааст.

Бояд қайд намуд, ки афзудани пардохти хизматрасонӣ иконият медиҳад, ки аз як тараф сатҳи индустрияи иқтисодии оилаҳо ва таҳсилоти онҳо баланд гардад ва аз тарафи дигар дар иқтисодиёти деҳот талаботи самаранок (спрос) ба маҳсулоти саноативу соҳаҳои хизматрсонӣ боло рафта, ба рушди ин соҳаҳои иқтисодиёт ангезиш бахшад. Аммо сатҳи даромад ба ҳисоби миёна ба як нафар аъзои хонавода, масалан, соли 2023 андозаи 439,47 сомониро ташкил дода буд, ки барои ҳамаи оилаҳо якранг намебошад. Мисол, агар 10% камтаъминшудатарин одамонро бо 10% зиёдтаъминшудатарин одамон муқоиса кунем, фарқияти шароити зиндагии онҳо хеле калон хоҳад буд. Ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки қатъаи камбизоаттарин аҳолии деҳот бо мушкилот рӯбарӯ мешавад, монанди камбуди даромад, душвориҳо дар дастрасӣ ба хидматҳои босифат, таълим ё тандурустӣ, ҳангоми ки одамони бойтар метавонанд шароити беҳтар ва имкониятҳои бештар дошта бошанд.

**Ҷадвали 2.21. - Нишондиҳандаҳои ҷудогонаи буҷети хонаводаҳои деҳот аз рӯйи гурӯҳҳои даҳфоизаи аҳолӣ, сомонӣ (с.2023)**

| Нишондиҳандаҳо | 10 фоизи аҳолии таъминоташ камтарин | 10 фоизи аҳолии таъминоташ пурра | Фарқият, маротиба |
|---|---|---|---|
| Хароҷоти пулӣ | 228,16 | 829,54 | 3,6 |
| Аз он ҷумла | | | |
| Харочоти истеъмолӣ | 212,03 | 687,07 | 3,2 |
| Хароҷот барои хурока | 134,13 | 261,21 | 1,9 |
| Харочоти барои молҳои ғайриозуқа | 45,42 | 309,40 | 6,8 |
| пардохти хизматрасонӣ | 32,37 | 115,90 | 3,58 |

**Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ -** *Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, №4-2019 с.48*

Чуноне, ки маълумоти ҷадвли 2.21. нишон медиҳад, фарқияти хароҷоти пулии ин гурӯҳҳо 3,6 маротиба, бахусус, хароҷот барои молҳои ғайриозуқа хеле баланд аст, ки 6,8 маротиба мебошад. Фарқияти хароҷот барои хӯрока, нисбатан камтар аст – 1,9 маротиба мебошад, ки бештар барои гурӯҳи 10 фоизи

аҳолии таъминоташ камтарин ба ҳайси стратегияи зинда мондан, такрористеҳсоли одии аъзоёни оила хизмат мекунанд, аммо барои рушди шахсият кофӣ намебошад.

Барои гурӯҳи одамони бо даромади паст (10% камтарин таъминшудагон), кор дар бахши ғайрирасмӣ ё шуғлҳои алтернативӣ як роҳи асосии зинда мондан аст. Дар миёни онҳо бисёр коргарони кироя ё касоне, ки бо шартномаи муваққатӣ кор мекунанд, пайдо мешаванд. Ин одамон одатан ҷойи кори расмии худро бо дафтари меҳнатӣ доранд, ки дар ҷомеа мақоми муайянро ба онҳо медиҳад. Гарчанде ки даромади асосии онҳо мумкин аст, ки аз шуғлҳои ғайрирасмӣ гирифта шавад, вале онҳо вазъи касби худро беҳтар аз дигарон, ки танҳо ба шуғлҳои ғайрирасмӣ машғуланд, арзёбӣ мекунанд, зеро ҷойи кори онҳо расмӣ буда, бо худ баъзе кафолатҳои иҷтимоӣ меорад.

Стратегияи дигар, барои онҳое хос мебошад, ки шуғлнокии алтернативию ғайрирасмӣ барои онҳо кори асосии доимӣ мебошад. Ин категорияи ба таври ғайрирасмӣ машғулбудаҳо нисбатан баландтар пардохтшаванда мебошанд.

Ҳамон тавре, ки қаблан зикр кардем, соҳаи кишоварзӣ бо маҳсулнокии пасти меҳнат хос аст. Ба ҳамин сабаб, сатҳи шуғлнокӣ дар ин соҳа дар кишварҳои рушд наёфта бештар аст, чунки аксари мардум дар деҳот ба корҳои кишоварзӣ машғуланд ва ин манбаи асосии даромад ва шуғлнокӣ барои онҳо мебошад. Дар назарияи навсозии иқтисодиёти деҳот бояд камшавии шумораи дар истеҳсолоти аграрӣ машғулбудаҳо бурда шавад. Дар Ҷумҳурӣ коҳишёбии сатҳи ҳосилнокӣ дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва баландшавӣ дар хоҷагиҳои хонагӣ мушоҳида шуданд.

Бинобар ин, дар муассисаҳои кишоварзӣ камшавии шуғлнокӣ ва дар хоҷагиҳои ёрирасони хусусӣ зиёдшавии он ба амал омад. Истифодаи технологияҳои нав дар кишоварзӣ метавонад ду натиҷа дошта бошад: аз як тараф, ин боиси озодшавии меҳнат ва кам шудани ниёз ба қувваи корӣ дар соҳа мешавад, аммо аз тарафи дигар, талабот ба сифати қувваи корӣ меафзояд. Бо вуҷуди ин, дар давраи ислоҳоти бозорӣ дар деҳот, вазъият барои ҷавонон беҳтар нашуд. Ҷавонон, ки қувваи кории қобилиятманд мебошанд, барои кор

дар соҳаи кишоварзӣ манфиат ва ҳавас ками доранд. Ин метавонад ба сабаби шароити мураккаб ва муҳоҷирати ҷавонон ба шаҳрҳо барои кор дар соҳаҳои дигар бошад. Дар ҳоли ҳозир дар бозори меҳнати деҳот барзиёдии қувваи корӣ ва камёб будани кормандони боихтисос дида мешавад.

Тачрибаҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки шумори кормандони соҳаи кишоварзӣ дар оянда коҳиш хоҳад ёфт, ва танҳо бо рушди соҳаҳои ғайрикишоварзӣ дар деҳот мешавад, ки бекорӣ кам карда шавад. Ин ба беҳтар шудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, муҳофизати минтақаҳои аҳолинишин ва диверсификатсияи манбаъҳои даромад барои сокинони деҳот мусоидат хоҳад кард. Дар навбати худ ин барои ҷалби кадрҳои баландихтисос, аз ҷумла, ба истеҳсолоти аграрӣ сабаб шуда, самаранокӣ зиёд мегардад.

### 2.3 Арзёбии шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот

Чи тавре, ки дар боби аввали диссертасия таъкид намуда будем, дар адабиёти ҷаҳонӣ шуғлнокии алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзиро ҳамчун шуғлнокӣ берун аз фермаи худ тавсиф дода мешавад. Дар таҳқиқоти илмӣ мавзуи ихтилоф дар мавриди шомил кардани фаъолияти моҳидорӣ ё шикор ба шуғли кишоварзӣ, ки берун аз хоҷагиҳои фермерӣ анҷом меёбад, мавҷуд аст. Ин масъала муҳим аст, зеро вобаста ба он, ки оё чунин намудҳои фаъолият ба соҳаи кишоварзӣ дохил мешаванд ё не, нишондиҳандаҳои оморӣ ва фаҳмиши иқтисодиёти деҳот метавонанд фарқ кунанд. «Бахши ғайрикишоварзӣ дар худ ҳамаи дигар намудҳои фаъолият дар деҳот, ғайр аз машғулият дар соҳаи кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикорро дар бар мегирад». Ҳамин тавр, аксари муаллифон ба фаъолияти ғайрикишоварзӣ ҳар хел фаъолияти ғайриаграриро мансуб медонанд. Он метавонад кори аъзоёни оилаи фермериро дар шаҳр ё мамлакати дигар дар бар гирад *[196, с.25]*.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ислоҳоти бозорӣ шуғлнокии алтернативӣ ё ғайрикишоварзӣ миқёси калонро касб кард. Муносибати нисбатан самаранок барои муайян кардани шуғлнокии алтернативӣ ин нисбат додани тавсифоти он ба муносибатҳои мушаххаси меҳнатӣ, пеш аз ҳама дар

бахши ғайрирасмии иқтисодиёт мебошад. Маркази таҳқиқоти мо аз омӯхтани шуғлнокии алтернативӣ аз мавқеи бозори меҳнат ва сиёсати иҷтимоии ҷумҳурӣ иборат аст. Ба омилҳои калидӣ, пеш аз ҳама, набудани муносибатҳои қарордодии устувор, мукофотонӣ ё суғуртаи иҷтимоӣ баромад мекунанд. Чунин муносибат барои муайян кардани шуғлнокии алтернативӣ солҳои охир дар таҳқиқоти коршиносони Ташкилоти байналмилалии меҳнат фаъолона коркард шуда истодаанд.

Дар Тоҷикистон таҳқиқоти профессор Исломов С.И. ба чунин консепсияи шуғлнокии алтернативӣ нисбатан наздик аст, вале онҳо гурӯҳи алоҳидаи аҳолӣ (масалан, ҷавонон) ва ё минтақаи алоҳидаро дар бар мегиранд. Ба вазифаҳои таҳқиқот муайян кардани шуғлнокии алтернативӣ ё ғайрирасмӣ, баҳогузории миқёси ин ҳодиса дар ҳолати охири соли 2000, яъне давраи оғози рушди иқтисодӣ ва то ҷорӣ намудани қонунгузориҳои нав дар бораи андоз, меҳнат ва нафақа, омӯзиши сохтори ба таври ғайрирасмӣ машғулбудаҳо аз рӯи маҷмӯи тавсифоти демографӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо мақсади ошкорсозии омилҳои эҳтимолии дар асоси ин шакли шуғлнокӣ қарордошта, баҳои муқоисавии шартҳои шуғлнокии ғайрирасмӣ ва расмӣ дохил мешаванд.

Қайд кардан зарур аст, ки набудани ризоияти умумӣ оид ба муайянкунии шуғлнокии алтернативӣ боиси он гардид, ки ин ҳодиса дар маркази диққати намояндагони фанҳои гуногун ва самтҳои мухталифи илмӣ қарор дорад. Ҷузъиёти ин таҳқиқот ба масъалаи дастрасии машғулбудаҳо ба кафолатҳои асосии меҳнатӣ ва иҷтимоии бо шуғлнокӣ алоқаманд равона шуда буд. Бинобар ин, муносибатҳои ғайрирасмии меҳнатӣ дар доираи шуғлнокии алтернативӣ ҳамчун ҳар як намуди муносибатҳои меҳнатии (дар доираи бақайдгирии қарордодҳо, пардохти музди меҳнат, рухсатиҳо, давомнокии рӯзи корӣ) ба мувофиқаи шифоҳӣ асосёфта муайян шуда буданд. Азбаски набудани қарордод ё шартномаи меҳнатии хаттӣ вайрон кардани ҳуқуқ ва кафолатҳои меҳнатию иҷтимоиро ба ҳадди аксар мерасонад, онро метавон чун шуғлнокии ғайрирасмӣ ё шуғлнокии ба қайд гирифтанашуда (яъне ба мувофиқаи шифоҳӣ асосёфта) дар бахши расмӣ ва ғайрирасмӣ баррасӣ намуд.

Ҳамин тавр, мо гурӯҳҳои гуногуни одамонеро, ки дар шуғли ғайрирасмӣ машғуланд, ҷудо мекунем. Аз як тараф, ин шахсони худшугл ҳастанд, ки бе иҷозатномаҳои расмӣ кор мекунанд, масалан, соҳибкорони инфиродӣ, ки сабтнашударо талаб намекунанд, инчунин коргароне, ки дар хоҷагиҳои оилавӣ ё хонагӣ кор мекунанд ва маҳсулот истеҳсол мекунанд, ё барои фурӯш ё барои истеъмоли шахсӣ. Аз тарафи дигар, ин коргарони муассисаҳои расмии давлатӣ ҳастанд, ки бе шартномаи расмӣ кор мекунанд, ва инчунин гурӯҳҳои случайной занятости, ки на ҳамеша ҷойи кор ё шуғл доимӣ доранд. Идеяи аслӣ дар он аст, ки шуғли ғайрирасмӣ як қатор шаклҳои гуногуни фаъолияти меҳнатиро дар бар мегирад, ки ҳам одамонро, ки ба худ кор мекунанд, ва ҳам одамонро, ки барои дигарон кор мекунанд, аммо дар шароити ғайрирасмӣ, фаро мегирад.

Иттилоотро доир ба масъалаҳои шуғлнокӣ метавон аз Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо намуд. Аммо, дар он шуғлнокӣ дар бахши ғайрирасмӣ ва алтернативӣ инъикоси пурра надорад. Бинобар он, дар омӯзиши шуғлнокии алтернативӣ гузаронидани таҳқиқоти сотсиологии деҳотӣ ва коркарди он натиҷаҳои судманд хоҳад дод. Пеш аз ҳама, ба вазъи ҳайати хонаводаҳои деҳоти мамлакат назар менамоем. Аз маълумоти ҷадвали 2.22. бармеояд, ки ҳайати хонаводаҳо ба ҳисоби миёна ба 100 хонавода аъзоёни онҳо дар давраи солҳои 2017-2023 аз 698 то 677 нафар, яъне 21 нафар кам шудааст. Чуноне, ки мебинем поёнравии шумораи аъзоёни оилаҳо аслан аз ҳисоби кам шудани шумораи кӯдакони то 16 сола, ки дар давраи таҳлилӣ 47 нафар кам шудааст, ба вуқӯъ омадааст.

Аммо имрӯз оилаҳои тоҷик бештар ба ташкили сифати зиндагӣ аҳамият дода истодаанд, ки он ба даст овардани даромади иловагиро талаб менамояд. Мутассифона, дар хонаводаҳо шумораи аъзоёни коркунанда тамоюли пастравиро гирифтааст: дар давраи таҳлилӣ ба ҳар 100 хонавода 18 нафар кам шудааст, шумораи нафақахӯрон бошад, тамоюли болоравиро гирифтааст, ба ҳар 100 хонавода 8 нафар зиёд шудааст.

Ҳиссаи коргарони хонаводаҳо дар шумораи умумии мавҷудбуда соли 2023-ум 19,3%-ро бар муқобили 21,7%-и соли 2017 ташкил додааст, дар ин давраи таҳлилӣ ин нишондиҳанда 2,4 банди фоиз поён рафтааст.

**Ҷадва ли 2.22. - Вазъи ҳайати хонаводаҳои деҳот**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тағйироти с .2023 нисбат ба с.2017, нафар |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи хонаводаҳои тадқиқшуда | 1850 | 1850 | 1850 | 1850 | 1850 | 1850 | 1850 | - |
| Ба ҳисоби миёна ба 100 хонавода (нафар) | 698 | 548 | 704 | 705 | 696 | 689 | 677 | -97 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| Мавҷуд | 617 | 627 | 634 | 633 | 621 | 613 | 599 | -97 |
| Коркунанда | 134 | 136 | 140 | 138 | 131 | 126 | 116 | -86,5 |
| Нафақахӯрон | 42 | 41 | 42 | 44 | 47 | 46 | 48 | 114,2 |
| Стипедиягирандагон | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 | 1 | 1 | - |
| Дигар аъзоёни хонавода | 440 | 449 | 452 | 451 | 443 | 440 | 434 | -98,6 |
| аз онҳо кӯдакони то 16 сола | 276 | 278 | 254 | 267 | 248 | 247 | 229 | -82,9 |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: *Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон -Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023, с. 12*

Ҳиссаи шумораи дигар аъзоёни хонавода, масалан, соли 2023-ум 64, 1 %-ро ташкил додааст, яъне аз 677 нафар ба ҳисоби миёна ба 100 хонавода, 434 нафарашро дигар аъзоёни хонавода ташкил додааст. Чӣ тавре мебинем шумораи коргарони хонаводаҳо поён рафта истодааст, аммо хонаводаҳо бояд барои ташкили зиндагии мувофиқ бояд даромади муносиб пайдо намоянд, яъне ба шуғли муносиб (новобаста аз он, ки расмӣ ва ё ғайрирасмӣ бошад) шомил гарданд. Аз ин ҷиҳат, метавон гуфт, ки нафақахӯрон дар якҷоягӣ бо дигар аъзоёни хонавода, ки соли 2023 492 нафарро ташкил доданд (яъне 71,2 фоизи аъзоёни хонаводаро), имконияти шуғлнокиро дар бахши шуғли алтернативӣ муайян мекунанд.

Воқеан ҳам, ин гурӯҳи аъзоёни оилаҳо ба шуғли иловагӣ ва алтернативӣ шомил мегарданд, зеро аслан дар деҳот хонаводаҳое зиндагӣ мекунанд, ки бештар фарзандони то 16 сола доранд ва 5 нафар зиёдтар фарзанд доранд. Бинобар он, фарқият дар андозаи хароҷоти истеъмолӣ ба ҳар нафар аҳолӣ дар як моҳ миёни аҳолии деҳот хеле баланд мебошад. Дар соли 2022 таносуби даромади миёнаи гурӯҳҳои мухталифи даҳфоизаи аҳолӣ 9,2 баробарро ташкил кардааст. Чуноне, ки рақамҳои ҷадвали 2.23. нишон медиҳад, хонаводаҳое, ки даромадҳои онҳо ба ҳар сари аҳолӣ аз 120 то 400 сомонӣ мебошанд, 64,7%-и хонаводҳоро ташкил дода, 62,6%-и аҳолиро фаро гирифтааст. Хонаводаҳое, ки фарзандони то 16 сола доранд 72% ва иборат аст 5 нафар ва зиёдтар фарзанд доранд беш аз 79 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, нуфузи хонаводаҳо ва аҳолие, ки даромади онҳо танҳо барои такрористеҳсоли оддӣ зиндагӣ мерасаду халос ҳоло хеле бисёр мебошанд ва онҳо аслан даромади худро барои хароҷоти истеъмолӣ сарф менамоянд. Барои ноил гаштан ба зиндагии сатҳи стандартӣ, баланд бардоштани сифати зиндагӣ аъзоёни хонаводаҳои деҳот маҷбуранд ба шуғли алтернативӣ шомил гарданд. Пайдо намудани даромади иловагӣ на танҳо барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии оилаҳо зарур аст, балки дар шароити иқтисоди бозорӣ рафтори сармоягардонии даромадҳо зуҳур мегардад ва хонаводаҳо ҷуръат менамоянд, ки даромадҳои мувофиқро барои сармояи аввалия дар кушодани фаъолияти соҳибкоии хурду оилавӣ пайдо намоянд. Ин тамоюли объективӣ ҳаст, ки хонаводаҳои деҳот ва аъзоёни онҳо ба шуғли алтернативӣ ва ё ғайрикишоварзӣ машғул шаванд. Тасдиқи ин гуфтаҳоро таҳқиқи сотсиологӣ саҳеҳтар нишон медиҳад.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд намудем, таҳқиқи сотсиологии аҳолӣ имконият медиҳад, ки ба таҳлил на танҳо тағйироти иқтисодӣ, балки дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва демографиро дохил карда, ба мафҳуми мавриди омӯзиш аз ҳар як кунҷу канори биниш назар карда шавад. Вақте ки омӯзиши пешакии таркиби ҳодисаи омӯхташаванда барои минбаъд аниқ кардани мафҳум ва фарзия тақозо карда мешавад онҳо хуб мебошанд.

Таҳқиқи мо ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ 1000 адад хоҷагиҳои хонагии ноҳияҳои Данғара, Восеи вилояти Хатлонро дар бар гирифт. Дар таҳқиқот аҳолии калонсоли аз 18-сола боло ҷалб шуданд. Таҳқиқот имконият дод, ки на танҳо кормандони кироя ва шахсони дар асоси мувофиқаи шифоҳӣ коркунанда, балки худшуғлҳои бо патент, иҷозатнома ва бидуни онҳо коркунандаҳо муайян карда шаванд. Шуғлнокии алтернативӣ ба таври расмӣ ва ғайрирасмӣ дар асоси ҷавобҳо ба саволҳои «Муносибатҳои меҳнатии шумо чӣ гуна ба расмият дароварда шудааст?» ва «Музди баризофаи шумо чӣ тавр ба расмият дароварда шудааст?» (барои се намуди фаъолияти меҳнатӣ ва музди бар илова) ҷудо карда шуданд. Аз ин рӯ, нуқтаи бақайдгирии мавҷудияти шуғлнокӣ ва музди иловагӣ лаҳзаи пурсиш ҳисоб гардид.

**Ҷадвали 2.23. - Тақсимоти хонаводаҳо ва аҳолии онҳо аз рӯи андозаи ҳисоби миёнаи хароҷоти истеъмолӣ дар соли 2023 (аз рӯи маълумоти тадқиқоти интихобии хонаводаҳо; ба ҳисоби фоиз)**

| Гурӯҳи даромадҳо | Шумора | Аҳолии онҳо, нафар | Хонаводаҳое, ки: | |
|---|---|---|---|---|
| | | | фарзандони то 16 сола доранд | иборат аст 5 нафар ва зиёдтар фарзанд доранд |
| **Хонаводаҳои тадқиқшуда** | 3000 | 16904 | 2494 | 2028 |
| **то 120,00** | 8 | 1 | 1 | 1 |
| **120,01-160,00** | 3 | 4 | 3 | 3 |
| **160,01-200,00** | 7 | 10 | 9 | 11 |
| **200,01-240,00** | 11 | 14 | 12 | 14 |
| **240,01-280,00** | 13 | 14 | 14 | 16 |
| **280,01-320,00** | 10 | 11 | 12 | 13 |
| **320,01-360,00** | 9 | 9 | 10 | 10 |
| **360,01-400,00** | 8 | 7 | 8 | 7 |
| **400,01-440,00** | 6 | 5 | 6 | 5 |
| **440,01-480,00** | 4 | 4 | 4 | 3 |
| **480,00-520,00** | 4 | 3 | 3 | 3 |
| **520,01-560,00** | 3 | 2 | 2 | 2 |
| **560,01-600,00** | 2 | 2 | 2 | 1 |
| **600,01-640,00** | 2 | 1 | 1 | 1 |
| **640,01-680,00** | 1 | 1 | 1 | 1 |
| **680,01-720,00** | 1 | 1 | 1 | 1 |
| **720,01-760,00** | 1 | 1 | 1 | 1 |
| **760,01-800,00** | 1 | 1 | 1 | 1 |
| **800,01 ва зиёд** | 6 | 4 | 4 | 2 |

**Манбаъ:** *Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021, №4-2024, с 54*

Ба кор машғулбуда ҳамон шахсе ҳисоб шуд, ки дар лаҳзаи пурсиш ҷавоб дод, ки ягон намуди кори мунтазам пардохтшавандаро дорад. «Музди иловагӣ дорам», гӯён шахсоне ҷавоб доданд, ки дар лаҳзаи пурсиш фаъолияти мунтазам пардохтнашавандаро иҷро мекунанд.

Ба таври ғайрирасмӣ машғулбудаҳо инҳо кормандони кирояи дар асоси мувофиқаи шифоҳӣ коркунандаҳо, соҳибкорони бидуни бақайдгирии муносибатҳои меҳнатӣ фаъолияткунанда, худшуғлҳои бидуни патенту иҷозатнома коркунанда дохил мешаванд. Шахсоне, ки музди баризофаи ғайрирасмӣ доранд, онҳое мебошанд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ба расмият даровarда наметавонанд. Мушкилоти асосӣ дар он буд, ки савол оиди бақайдгирии муносибатҳои меҳнатӣ танҳо ба пурсидашудагоне дода шуд, ки дар «корхона ё ташкилот кор мекунам», гӯён ҷавоб доданд.

Фаъолият берун аз муассисаҳои расмии кишоварзӣ ба таври автоматӣ ҳамчун шуғлнокии ғайрирасмӣ ё алтернативӣ ба ҳисоб меравад. Вақте ки таҳқиқкунандагон муайян мекунанд, ки киҳоро метавон ба сифати шуғл ё машғулшуда ба ҳисоб гирифт, онҳо ҳамаи онҳое, ки дар лаҳзаи пурсиш кор мекунанд, инчунин нафароне, ки дар рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак ё дар рухсатии барои ҳомиладорӣ қарор доранд, ё касоне, ки дигар намуди рухсатии пардохтшаванда ё нопардохтро доранд, дохил мекунанд.

Тибқи баҳоҳои дастрасшуда, соли 2023 шуғлнокии алтернативӣ тақрибан 27-36 %-и аҳолии коркунандаро ташкил дода буд. Хосияти тақсимоти ба таври алтернативӣ машғулбудаҳо аз рӯйи намуди сукунат бо консентратсия (тамаркузи) онҳо дар деҳот ба муҳим будани омилҳои пурсиш водор месозад. Дар натиҷаи таҳқиқот мо соҳа ва корхонаҳоеро ошкор сохтем, ки ба шуғлнокии бақайдгирифтанашудаи ғайрирасмӣ талаботи калон пешниҳод мекунанд. Дар таҳқиқоти мо ба таври кироя дар асоси мувофиқаи шифоҳӣ коркунандаҳо тақрибан нисфи маҷмӯи ғайрирасмӣ машғулбудаҳоро ташкил карда, худшуғлҳо ҷойи сеюмро ишғол мекунанд. Ҳиссаи худшуғлҳо ҳангоми шуғли ғайрирасмии дуюм ва ҳиссаи кормандони кироя дар байни тасодуфан

барилова коркунандаҳо (кироя дар назди шахсони воқеӣ) нисбатан баланд мебошад.

Саволҳо оид ба фаъолияти корхона, тахассус ва вазифаи корманд ба ҳамаи пурсидашудагон, новобаста аз шакли кироя ва барои ҳар як кори асосӣ, иловагӣ ва баризофа дода шуданд. Тибқи маълумоти таҳқиқот, зиёда аз 2/3 миқдори умумӣ ба таври ғайрирасмӣ машғулбудаҳо асосан соҳаҳои зеринро ҷамъ карданд: кишоварзӣ (28,5%), савдои чакана, хӯроки ҷамъиятӣ ва хизматрасонии маишии аҳолӣ (21,5%), сохтмон ва нақлиёт (16%), савдои яклухт ва харид (11 %). (Ҷадвали 2.24.)

**Ҷадвали 2.24. - Доираи шуғли алтернативӣ дар деҳотҳо (ноҳияҳои Данғара ва Восеи вилояти Хатлон)**

| Соҳаҳо | Шумораи пурсидашудгон | Бо % |
|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 114 | 28,5 |
| Савдои чакана, хӯроки ҷамъиятӣ, хизматрасонии ҷамъиятӣ | 86 | 21,5 |
| Сохтмон ва нақлиёт | 65 | 16,2 |
| Савдои яклухт, харид | 44 | 11,0 |
| Дигар хизматрасониҳо | 28 | 7,0 |
| Дигар соҳаҳо | 63 | 15,8 |
| Ҳамагӣ | 400 | 100,00 |

**Манбаъ:Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: коркарди варақаҳои пурсишнома, соли 2020

Дар байни гурӯҳҳои касбӣ шуғл дар соҳаи хизматрасонӣ ва ҳунармандӣ ва дигар категорияҳои коргарон ва гуногункоргарон пешсаф мебошад. Машғулият дар соҳаи хизматрасонӣ 22,1%-и ҳамаи шуғли ғайрирасмии дар ҷойи кори асосӣ коркунандаҳоро ташкил медиҳад. Ҳангоми гузариш ба шуғли алтернативӣ ва ё тасодуфӣ пешравӣ ба манфиати касби коргарӣ пайдо мегардад:ба ҳиссаи ҳунармандон 28,1%-и танҳо шуғли тасодуфии ғайрирасмидоштаҳо рост меояд. (Ба ҷадвали 2.25. нигаред).

Пурсиши сотсиологии дар байни коркунандаҳо гузаронидашуда имконият дод, ки тавсифоти иҷтимоӣ-демографии иштирокчиёни шуғлнокии алтернативӣ дар бозори ғайрирасмии меҳнат мардикорӣ дода шавад. Ҳамагӣ

327 нафар пурсида шуданд, ки аз онҳо 171 нафар мард (52,3%) ва 156 нафар зан (47,7%) мебошанд. Тавре, ки аз маълумот (расми 2.4.) дида мешавад, дар байни мардикорон ашхоси то 21-сола 14,2%, синну соли 21-31 сола 32,7%, 31-40 сола 29,6%, 41-50 сола 17,7%, 51-60 сола 4,4% ва калонтар аз 60-сола 1,4%-ро ташкил медиҳанд. Ин нишон медиҳад, ки камбизоатӣ ва бекорӣ ҳама гуна гурӯҳҳои синну солро дарбар мегирад, ва ҳамаи онҳо маҷбур мешаванд, ки барои пайдо кардани кор ба бозори "мардикорӣ" ворид шаванд. Бояд қайд кард, ки дар байни пурсидашудагон 62,3% ашхоси синну соли 21-40 сола мебошанд. Ва ин тасдиқи он аст, ки бозори меҳнати ғайрирасмӣ асосан аз аҳолии фаъоли қобили меҳнат таркиб ёфтааст.

**Ҷадвали 2.25. - Мақоми касбӣ-вазифавии хонаводаҳо дар доираи шуғлнокии алтернативӣ (бо %)**

| Ихтисос | Бо % |
|---|---|
| Корозмудаҳо (профессионал) бо таҳсилоти олӣ | 4,3 |
| Корозмудаҳо бо таҳсилоти миёнаи касбӣ | 7,1 |
| Хизматчиёни идоравӣ оид ба хизматрасонӣ ба мизоҷон | 4,1 |
| Дар соҳаи хизматрасонӣ машғулбудаҳо | 22,1 |
| Кормандони кишоварзии баландихтисос | 3,2 |
| Ҳунармандон | 28,1 |
| Коргарони гуногун | 31,1 |
| Ҳамагӣ | 100,00 |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: *коркарди варақаҳои пурсишнома, соли 2020*

Аз ҷудокардашудаи умумӣ 69% ба таври доимӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Ин аз он далолат мекунад, ки масъалаи шуғлнокии аҳолӣ дар деҳот муҳим мебошад. Дар деҳот ба кишоварзӣ машғул шудан аз сабаби мавҷуд будани масъалаҳои зиёди объективӣ ва субъективӣ самарабахш нест. Беҳуда нест, ки дар бисёр бозорҳои деҳот соҳибкорон маҳсулоти кишоварзиеро ба фурӯш мебароранд, ки онҳоро аз бозорҳои шаҳрҳо харида, бо нархи изофа ба аҳолии деҳот пешниҳод мекунанд ва ин як чизи ғайриоддӣ барои иқтисоди бозории Тоҷикистон мебошад.




**Расми 2.4. - Тақсимоти пурсидашудаҳо аз рӯйи синну сол**

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф** ҳиисоб карда шуд. Аз рӯйи: коркарди варақаҳои пурсишнома, соли 2023.

Аҳолӣ барои он ба бозори «мардикорӣ» мебарояд, ки барои рӯзгузаронӣ ё ташкил кардани фаъолияти соҳибкорӣ маблағ надорад. Аз рӯи вазъи оилавӣ 72%-и пурсидашудаҳо, яъне аз нисф зиёди мардҳо ва занҳо оиладор буда, фарзанд доштаанд, ки ин аз муваффақияти демографӣ дарак медиҳад ва 15%-и пурсидашудаҳоро духтарон ва ҷавонписарони хонадорнашуда ташкил медоданд. Аммо ҳамаи оилаҳои мавриди пурсиш қароргирифта, аз ҷиҳати иқтисодӣ беҳбудӣ надоштаанд. Дар қисми дигари оилаҳо саробони хонадон дар муҳоҷирати меҳнатии берунӣ қарор дошта, бо сабабҳои зиёди номаълум оилаашро аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмин карда наметавонад.

Қисми боқимондаи оилаҳо аз сабаби фоидаовар набудан ба соҳаи кишоварзӣ машғул намешаванд (ҳарчанд замини наздиҳавлигӣ дошта бошанд ҳам) ва ё ҳатто барои ба савдои кӯчагӣ машғул шудан маблағ надоранд.

Ҳамаи ин боиси фаъолнокии меҳнати занҳо гардид ва онҳо дар шуғлнокии алтернативӣ васеътар ширкат меварзанд. Занҳо имкониятҳои худро дар интихоби касб ва ҷои кор фаъолона истифода менамоянд.

Чӣ тавре, ки дар боби якуми диссертаисия таъкид намуда будем, шуғли алтернативӣ ин шуғли берун аз корхонаи худ, мувофиқан дар деҳот берун аз хоҷагии деҳқоии мебошад. Бинобар он, пайваста бо гузаронидани пурсишнмаҳо аз аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои Данғара ва Восеъ

имконият пайдо намудем, чанде ҷанбаҳои шуғлнокии алтернативиро дар иқтисодиёти деҳот муаяйн намоем. Дар таҳқиқи иҷтимоӣ 200 нафарӣ, дар умум 400 нафар аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои номбурда иштирок доштанд, яъне пурсида шуданд, ки синни аз 18 то 50 сола буда, маълумоти гуногун доштанд.

Чуноне, ки аз маълумоти ҷадвали 2.26. аён аст, ки дар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои таҳқиқшуда шумораи аъзоёни хоҷагӣ, ки дар фаъолияти ғайрикишоварзӣ шомил мебошанд, вобаста ба маълумот, музди меҳнат ва самти фаъолият гуногун мебошад. Масалан, беш аз 40%-и иштрокдорони фаъолият дар бахши шуғли алтернативӣ дар ноҳияи Данғара ва беш аз 34,5% дар ноҳияи Восеъ, ки қимати балантарин мебошад, дорои маълумоти умумӣ мебошанд.

**Ҷадвали 2.26. - Натиҷаи пурсишномаҳо доир ба фаъолияти меҳнатии ғайрикишоварзӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои Данғара ва Восеъ**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Ноҳияи Данғара** | | **Ноҳияи Восеъ** | |
|---|---|---|---|---|
| | **нафар** | **%** | **Нафар** | **%** |
| **1.Маълумот** | | | | |
| - олии касбӣ | 46 | 23,0 | 54 | 27,0 |
| - миёнаи касбӣ | 43 | 21,5 | 53 | 26,5 |
| - миёнаи умумӣ | 80 | 40,0 | 69 | 34,5 |
| - миёнаи нопурра | 31 | 15,5 | 24 | 12,0 |
| **2. Музди меҳнат моҳона дар шуғли алтернативӣ** | | | | |
| то 600 сомонӣ | 77 | 38,5 | 95 | 47,5 |
| 600-1000 сомонӣ | 99 | 49,5 | 85 | 42,5 |
| аз 1000 боло | 24 | 12,0 | 20 | 10,0 |
| **3. Соҳаҳои фаъолият дар шуғли алтернативӣ** | | | | |
| сохтмон | 37 | 18,5 | 41 | 20,5 |
| - хизмати маишӣ ва таъмири хонаву техника | 34 | 17,0 | 31 | 15,5 |
| - савдои чакана | 47 | 23,5 | 38 | 19,0 |
| - мусофиркашӣ | 37 | 18,5 | 39 | 19,5 |
| хуроки умум | 12 | 6 | 8 | 4,0 |
| -ҳунарҳои мардумӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ | 24 | 12 | 37 | 18,5 |
| дигар фаъолият | 9 | 4,5 | 6 | 3,0 |

**Манбаъ:** Муаллиф аз рӯйи натиҷаҳои пурсишномаҳо таҳия намудааст.

Онҳо вобаста ба омили талаботи эҳтиёҷотӣ берун аз хоҷагиҳои деҳқонӣ ба корҳои сохтмону савдои чакана ва мусофиркашӣ машғул мебошанд. Вобаста ба омили талабот ба ихтисос 23% пурсидашудагони аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Данғара, ки маълумоти олӣ доранд, ба шуғли алтернативӣ шомил шудаанд. Дар ноҳияи Восеъ бошад, ин нишондиҳанда 27%-и пурсидашудагонро ташкил додааст, ки нисбат ба ноҳияи Данғара баландтар аст. Ҳиссаи пурсидашудагони аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки маълумоти миёнаи касби доранду дар шуғли алтернативӣ шомил ҳастанд, мувофиқан 21,5 ва 26,5 фоизро ташкил додааст.

Коргароне, ки маълумоти миёнаи нопурра доранд, дар шуғли ғайрикишоварзӣ нисбатан ҳиссаи камро ишғол намудаанд.

Дар мавриди ҷамъбасти пурсишномаҳо аниқ шуд, ки музди меҳнати моҳона дар шуғли алтернативӣ, ки то 600 сомониро дар як моҳ ташкил медиҳад, дар ноҳияи Данғара 38,5% ва дар ноҳияи Восеъ 47,5% - и машғулинро ташкил додааст. Ин тоифаи коргарон дар бахши шуғли ғайрикишоварзӣ асосан машғулине, ки дорои маълумоти миёна ва нопурра буд, касбу ҳунари мувофиқ надоранд, мебошанд. Онҳо асосан дар мардикорӣ ва корҳои гуногуни ҷисмонӣ машғуланд. Беш аз 49,5%- пурсидашудагон дар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Данғара ва 42,5% дар ноҳияи Восеъ, ки касбу ҳунар доранд, аз шуғли ғайрикишоварзӣ моҳе ба ҳисоби миёна 800 сомонӣ музди меҳнат пайдо менамоян. Шумораи ин гуна коргарон дар ноҳияи Данғара, ки дар ин ноҳия фаъолияти ғайрикишоварзӣ бисёртар аст, баландтар мебошад: аз 200 нафар пурсидашудагон қариб 99 нафарашон музди меҳнати моҳонаи аз 600 сомонӣ боло мегиранд. Ҳамин тариқ, ҳиссаи машғулине, ки музди меҳнати моҳонаашон аз 1000 сомонӣ боло аст дар ноҳияи Данғара 12%-ро ташкил додааст, ки нисбат ба ноҳияи Восеъ қариб 2 % баланд мебошад.

Дар раванди пурсиш соҳаҳои асосии фаъолият дар бахши шуғли алтернативӣ, низ муаяйн карда шуд. Аъзоёни хоҷагии деҳқонии ноҳияи Данғара берун аз хоҷагӣ бештар ба савдои чакана (23,5%), сохтмон (18,4), мусофиркашӣ (18,3%), хизмати маишӣ ва таъмири хонаву техника (17,2%) ва

ғайра машғул мебошанд. Аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Восеъ бошад, ба сохтмон (20,4%), мусофиркашӣ (19,6%), савдои чакана (18,8%), ҳунарҳои мардумӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ (14,4%) машғул мебошанд.

Дар раванди пурсиш ва мусоҳибаҳо маълум шуд, ки бештар аз 60 фоизи аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии, ки дар соҳаи фаъолияти ғайрикишоварзӣ машғуланд, аз даромади худ норозӣ мебошанд. Ин ба маънои он аст, ки онҳо маҷбур мешаванд барои афзудани даромад ба фаъолияти ғайрирасмӣ рӯ оранд. Зеро, зиёда аз 90 фоизи даромади онҳо барои харидории маҳсулоти озуқа, табобат ва таълифи фарзандон сарф мешавад, ва пасандози ночиз вуҷуд дорад, ки барои оғоз кардани соҳибкории расмӣ кофӣ бошад. Аз ин рӯ, онҳо майл доранд, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа бароянд.

**Ҷадвали 2.27. - Ҳолати хоҷагиҳои моҳипарварии ноҳияи Данғара**

| № | Номи хоҷагиҳои моҳипарварӣ | Роҳбари хоҷагӣ | Майдони умумӣ | Парвариши намуди моҳӣ | Истеҳсолот дар як сол тонна | Мавзеи ҷойгиршавӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Амон | Тоиров Бахтиёр | 0,6 | Амури сафед, сазан | 5 | ҷ/д Сангтуда |
| 2 | Қаҳрамон | Шарбатов Нуралӣ | 0,25 | Амури сафед, сазан | 5 | ҷ/д Сангтуда |
| 3 | Бердиев Шокир | Бердиев Шокир | 0,15 | Амури сафед, сазан | 5 | ҷ/д Сангтуда |
| 4 | Чорибой | Чориев Шариф | 2 | Толстолоб, амури сафед | 19 | ҷ/д Исмат Шариф |
| 5 | Амиршо | Эмомов Раҳмоншо | 2 | Карас, сазан, амури сафед | 19 | ҷ/д Исмат Шариф |
| 6 | Делфин | Маҳмудов Ғаффор | 3 | Сазан, амури сафед | 19 | ҷ/д Исмат Шариф |
| 7 | Сазан | Холиқов Хушвахт | 3 | Сазан, амури сафед | 19 | ҷ/д Исмат Шариф |
| 8 | Исмоил | Камолов Наҷмиддин | 2 | Сазан, толстолоб, амури сафед | 19 | ҷ/д Исмат Шариф |
| 9 | Сафобахш | Қурбоналиев Орзу | 0,40 | Карп,сазан,толстлоб, амур | 6 | ҷ/д Оқсу |
| 10 | Боборауф | Раупов Ҷамшед | 0,90 | Сазан ва пешона паҳн, амури сафед | 6 | ҷ/д Оқсу |
| 11 | Умед | Сайдалиев Шавкат | 0,70 | Толстолоб, амури сафед, сазан | 6 | ҷ/д Оқсу |
| 12 | Чашмаи Нуқра | Қурбонов Қудрат | 0,15 | Фарел | 6 | ҷ/д Оқсу |
| 13 | Аҷик | Мирзоев Аҷик | 0,15 | Сайди моҳӣ, талсталоб | 6 | ҷ/д Оқсу |
| 14 | Идрис | Чориқулов Қиёмиддин | 4 | Амури сафед, сазан, толстолоб | 8 | ҷ/д Пушинг |
| 15 | Моҳипарвари Каёнуш | Раҳмон И.Х | 1,35 | Амури сафед ва сазан | 7 | ҷ/д Лолазор |

*Давоми ҷадвали 2.27.*

| № | Номи хоҷагиҳои моҳипарварӣ | Роҳбари хоҷагӣ | Майдони умумӣ | Парвариши намуди моҳӣ | Истеҳсолот дар як сол тонна | Мавзеи ҷойгиршавӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 16 | Сомонҷон | Ҳабибов Амонулло | 0,50 | Сазан , пешона паҳн, амури сафед | 7 | ҷ/д Лолазор |
| 17 | Кароматулло | Қурбонов Сунатулло | 1 | Зағора | 15 | ҷ/д Корез |
| 18 | Азизмо | Нақшова Азизмо | 3,6 | Сазан ,амури сафед, карп | 15 | ҷ/д Корез |
| | Ҳамагӣ | | 25,75 | | 192 | |

**Манбаъ:Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: Хисоботи солонаи Шуъбаи *Омори нохияи Дангара дар соли 2020*

Зимнан бояд таъкид намуд, ки яке аз шаклҳои шуғли алтернативӣ, ки дар иқтисодиёти деҳот рушд ёфта истодааст моҳипарварӣ мебошад**.** Барои таснифи ин намуди шуғл мо вазъи рушди моҳипарвариро дар ноҳияи Данғара мавриди таҳлил қарор додем. Дар ноҳияи Данғара 18 хоҷагиҳои моҳипарварӣ фаъолият намуда истодааст. Моҳипарварӣ дар ноҳия ба мавҷудияти манбаъҳои оби табиӣ вобаста буда, ба яке аз соҳаҳои афзалиятнок табдил ёфтааст. Масоҳати умумии кӯлу ҳавзҳои моҳидор дар ноҳия 25 гектарро ташкил медиҳад. Ҳолати фаъолияти хоҷагиҳои моҳипарварии ноҳияи Данғара дар ҷадвали 2.27. оварда шудааст

Барои зиёд намудани масоҳати кӯлҳо ва ҳавзҳои моҳипарварӣ мушкилӣ, ин норасогии молиявӣ дида мешавад. Ҳавзҳо ва кӯлҳои моҳипарвариро дар як сол ду маротиба тоза намуда нигоҳубини зиёдро талаб менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки шуғли алтернативӣ дар сохтани арзиши нав ва арзиши иловаи ҳам минтақа ва ҳам мамлакат ҳиссааи бузург дорад. Аммо, онҳо бинобарон дар қайди расмӣ ва дар низоми ҳисобгирӣ шомил набуданашон номуаян мемонанд. Бинобар он, мо ҷуръат намудем сатҳи шуғли ғайрикишоварзӣ ва ё алтернативиро дар иқтисодиёти деҳоти ноҳияи Данғара бо методи «итолиёвӣ»ҳисоб намоем. Вобаста ба ин, мо пурсишномаро (аз 300 нафар пурсидагон) доир ба вақти сарфкардаи аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Данғара берун аз хоҷагиҳои худ дар фаъолияти меҳнатии ғайрикишоварзӣ (масалан, фаъолияти инфиродӣ, хизматрасониҳои инфиродӣ,

савдои майда-чуйда, ҳунарҳои мардумӣ ва ғ.) гузаронидем. Воқеан ҳам, дар мавриди мавсимӣ будани истеҳсолоти кишоварзӣ аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ барои машғул шудан ба фаъолияти ғайрикишоварзӣ вақти бисёр доранд. Илова ба ин, онҳо рӯзи истироҳатии худро худашон муаяйн менамоянд, аслан дар рӯзҳои мавсими зимистон истироҳат мекунанд. Дар рӯзҳои истироҳат, яъне якшанбе ҳам фаъолият менамоянд. Натиҷаи пурсишнома дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.28. - Соати кории коргарони аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ дар бахши шуғли алтернативӣ ба ҳисоби миёна дар як ҳафта**

| Соати корӣ дар як ҳафта | посух доданд (нафар) | Фоиз |
|---|---|---|
| то 26 соат | 156 | 52,0 |
| то 32 соат | 109 | 36,3 |
| аз 32 соат боло | 35 | 11,6 |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: натиҷаҳои пурсишномаҳо таҳия намудааст.

Чи тавре, ки рақамҳои ҷадвали 2.28. нишон медиҳад беш аз 52 фоизи аъзоёни хоҷагии деҳқонии пурсида шуда ҳафтае 24 соати кории худро ба фаъолияти ғайрикишоварзӣ, яъне берун аз хоҷагиҳои худ сарф менамоянд, ки он ба 3,25 (26/8) одам рост меояд. Аъзоёни хоҷагиҳои деҳқоние, ки 32 соати кориашон ба шуғли ғайрикишоварзӣ сарф шудаасту 4 одам/рӯзро ташкил додааст 36,3%-и пурсидашудагонро ташкил додааст. Аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки фарзанди бисёр доранд, беш аз 32 соати корӣ, яъне беш аз 4,3 одам/рӯзи кории худро ба шуғли ғайрикишоварзӣ сарф намуданд 11,6 %-ро ташкил додааст. Дар умум, аъзоёни хочагиҳои деҳқонӣ дар як ҳафта ба ҳисоби миёна 3,85 рӯзи кории худро ба фаъолияти меҳнати ғайрикишоварзӣ ва ё алтернативӣ сарф менамоянд. Чӣ тавре, ки аён аст, дар ҳафта беш аз 55% арзиши нав ва ё иловагии истеҳсолшуда дар иқтисодиёти деҳот аз ҳисоби шуғли алтернативӣ сурат мегирад. Тахминан метавон чунин ҳисоб намуд: модоме, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳисоби миёна дар як рӯзи кории коргарони тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат дар соли 2020-ум 110

сомониро ташкил дода бошад, пас метавон муайян намуд, ки арзиши нави сохташудаи аъзоёни хоҷагиҳои деҳқонии пурсида шуда дар як ҳафта, яъне дар 3,85 рӯзи кории дар бахши шуғли алтернативӣ 423 сомониро ташкил медиҳад. Воқеан ҳам, аксари пурсидашудагон берун аз хоҷагиҳои деҳқонии худ дар соҳаҳои гуногун сохтмон (бардоштани девор, кандакорӣ, таъмири хонаҳову техникаҳо, оҳангарӣ, кулогарӣ, савдои майда-чуйда, мусофиркашӣ, корҳои аробакашӣ, борбардорӣ ва борфарорӣ дар бозор, ғайраҳо машғул мебошанд.

**Хулоса аз боби дуюм. 1.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ислоҳоти бозорӣ шуғлнокии алтернативӣ ё ғайрикишоварзӣ миқёси калонро касб кард. Муносибати нисбатан самаранок барои муайян кардани шуғлнокии алтернативӣ ин нисбат додани тавсифоти он ба муносибатҳои мушаххаси меҳнатӣ, пеш аз ҳама дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт мебошад. Маркази таҳқиқоти мо аз омӯхтани шуғлнокии алтернативӣ аз мавқеи бозори меҳнат ва сиёсати иҷтимоии ҷумҳурӣ иборат аст. Ба омилҳои калидӣ, пеш аз ҳама, набудани муносибатҳои қарордодии устувор, мукофотонӣ ё суғуртаи иҷтимоӣ баромад мекунанд. Чунин муносибат барои муайян кардани шуғлнокии алтернативӣ солҳои охир дар таҳқиқоти коршиносони Ташкилоти байналмилалии меҳнат фаъолона коркард шуда истодаанд.

**2.** Шуғлнокии алтернативӣ дар манотиқи деҳот аксар вақт бо камбизоатӣ алоқаманд аст, ва чунин оилаҳо воқеан ба кӯмак барои гузариш ба шаклҳои устувор ва мустаҳкамтарини шуғлнокӣ эҳтиёҷ доранд. Бидуни дастгирии давлат ва ташаббусҳои самараноки мақомоти маҳаллӣ, бисёре аз одамон дар соҳаи ғайрирасмӣ мемонанд, ки ин имкониятҳои рушди онҳоро маҳдуд мекунад. Ҷалби ин одамон ба бозори расмии меҳнат тавассути шаклҳои гуногуни ташкилот ва дастгирӣ метавонад шароити ҳаёти онҳоро ба таври назаррас беҳтар кунад ва ба устувории ҷомеа кӯмак расонад. Бо ин вуҷуд, муҳим аст, ки чунин тадбирҳо на танҳо самаранок, балки ба ниёзҳо ва шароити аслӣ ва воқеии одамон дар манотиқи деҳот ҳиссоскунӣ бошанд. Танҳо як рӯйдоди кӯмаккунандаи ҳамаҷониба, ки омӯзиш, дастрасӣ ба молия ва

беҳбуди инфрасохторро дар бар мегирад, метавонад гузариш аз шуғлнокии ғайрирасмиро ба шуғлнокии расмӣ таъмин кунад.

3. Сиёсати муосири рушди манотиқи деҳот ба ду самти асосӣ равона шудааст. Аввалан, он ба дастгирии истеҳсолкунандагони кишоварзии ватанӣ, барои таъмини ҷойҳои кор барои сокинони деҳот равона аст. Дуюм, сиёсат барои рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ кӯмак мерасонад, ҳарчанд ин метавонад таъсири манфӣ ба истеҳсоли калони молии товарӣ гузорад.

Аксарияти лоиҳаҳои миллӣ ба рушди тезтари соҳаҳои чорводорӣ, боғдорӣ ва ангурпарварӣ равона шудаанд. Ғайр аз ин, таваҷҷуҳ ба ташвиқи шаклҳои хурди хоҷагидорӣ дар манотиқи деҳот дода мешавад. Масалан, барномаи рушди чорводорӣ маблағҳои калонро барои воридоти чорвои хушзот аз хориҷа ва маблағгузорӣ барои навсозии фермаҳои калон барои рушди соҳа пешбинӣ мекунад. Ҳамзамон, тадбирҳое барои дастгирии чорводорӣ дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар назар аст, ки дар бар мегиранд таъсиси кооперативҳо барои фурӯши шир, ки ба сокинони деҳот имкон медиҳад, ки аз 1-2 сар гов даромади иловагӣ ба даст оварда, зиндагии муътадилро таъмин намоянд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ МУСОИДАТ БА ТАЪМИНИ РУШДИ ШУҒЛНОКИИ АЛТЕРНАТИВӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ДЕҲОТ

## 3.1. Роҳҳои асосии таҳкими шуғлнокии алтернативӣ дар доираи сиёсати рушди деҳот

Яке аз масъалаҳои асосии рушди кишоварзӣ ва деҳот дар ҷумҳурӣ масъалаи меҳнати барзиёди соҳаи истеҳсолоти аграрии бо дучанд афзуншавии маҳсулнокии ин бахш мебошад ва дар давраи солҳои 2015-2023 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ (бо нархи муқоисавии соли 2023) аз 31,3 то 49,2 млрд. сомонӣ зиёд шудааст, ки ин зиёдшавӣ157,2%-ро ташкил дода буд. Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ ба як коргар сомонӣ 131,5% зиёд шудааст. Баробари зиёдгардии ҳосилнокии меҳнат ҳисоби миёнаи музди меҳнати моҳонаи коргарони кишоварзӣ бештар аз 2,5 баробар афзудааст. Аммо дар давраи мавриди таҳлил шумораи коргарони кишоварзӣ 19% афзудааст. (нигаред ба ҷадвали 3.1.).

Ин раванд бештар хоҳад шуд, чунки дар соҳаи кишоварзӣ шуғли маҳсулноки ба музди меҳнати нисбатан кам инъикосшаванда вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, аҳолии қобили меҳнати зиёдатии соҳаҳои кишоварзӣ ба бахши шуғлнокии алтернативӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ мегузаранд. даромади асосии сокинони деҳот, ки аз соҳаи кишоварзӣ меояд, одатан хеле кам аст. Баъзе деҳотӣҳо бо кам будани даромад ба пардохтҳои иҷтимоӣ вобаста мешаванд, ки кӯмакҳои давлатиро дар бар мегиранд. Вобаста ба ин, ҳиссаи пардохтҳои иҷтимоӣ дар даромадҳои умумии аҳолии деҳот болотар аст, зеро одамон барои таъмини рӯзгорашон ва ҳаёти ҳаррӯзаи худ ба кӯмакҳои давлатӣ ниёз доранд.

Истифодаи шуғли алтернативӣ дар деҳот ҳанӯз хеле маҳдуд аст, ва аксар вақт он ба соҳаҳои сохтмон, савдо, хизматрасониҳои ғайрирасмӣ дар бозорҳои маҳаллӣ ва туризми деҳотӣ робита дорад. Ин нишон медиҳад, ки имкониятҳо барои пайдо кардани кор дар соҳаҳои дигар, ки ба рушди устувор ва гуногунии даромад мансубанд, дар деҳот хеле маҳдуд мебошанд. Ин фаъолиятҳо шуғли

доимӣ таъмин намекунанд, зеро аксар вақт хоси ғайрирасмӣ ва ғайридоиравӣ доранд. Одатан, ба чунин фаъолиятҳо он сокинони деҳот ҷалб мешаванд, ки бинобар сабабҳои гуногун наметавонанд шуғли асосӣ ва доимиро пайдо кунанд. Шуғли алтернативӣ барои одамоне, ки кори доимӣ надоранд, як роҳи муваққатӣ ва зудтар ё пасманзари фурсати кории барои беҳтар кардани шароити зиндагии онҳо хизмат мекунад. Ин намуди шуғл метавонад як фурсат барои таъмини даромад бошад, вале барои рушди устувор ва беҳтар намудани шароити зиндагии онҳо бояд ба ташкили ҷойҳои кори доимӣ ва дарозмуддат дар соҳаҳои гуногун таваҷҷуҳ карда шавад.

**Ҷадвали 3.1. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди кишоварзӣ**

| **Нишонди ҳандаҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2023** | **С. 2023 нисбат ба с 2015 %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи коргарони кишоварзӣ, ҳазор нафар | 1545,2 | 1538,6 | 1466,1 | 1481,9 | 1507,3 | 1525,6 | 1764,1 | 1839,5 | 119,0 |
| Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ, миллион сомонӣ (бр нархи с. 2020) | 31368,4, | 32990,7 | 35251,2 | 36668,9 | 39276,0 | 42765,6 | 45633,1 | 49272,5 | 157,2 |
| Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ, ба як нафар коргар, ҳазор сомонӣ | 20,3 | 21,4 | 24,0 | 24,7 | 26,0 | 28,0 | 25,8 | 26,7 | 131,5 |
| Музди меҳнати моҳонаи коргарони кишоварзӣ ба ҳисоби миёна, сомонӣ | 278,18 | 303,04 | 451,46 | 492,13 | 544,37 | 572,79 | 633,91 | 716,16 | 257,4 |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024,с138-27*

Дар чунин ҳолат ва шароит, сиёсати давлат метавонад бо ду стратегия асос ёбад:

1. Стратегияи анъанавӣ ва умумӣ - ин аст, ки давлат сиёсати ҷалби васеи коркард ва рушди соҳаҳои гуногунро қабул мекунад, ки дар он намудҳои

гуногуни шуғл ва самтҳои фаъолияти иқтисодӣ дастгирӣ ё мекунанд. Ин стратегия барои ташкили ҷойҳои кории устувор ва мустаҳкам дар минтақаҳои деҳот равона мешавад.

2. Дирижизм - ин аст, ки давлат мустақиман ба назорат ва самарабахшии соҳаҳо, иқтисодиёт ва шуғли алтернативӣ дар деҳот таваҷҷуҳ мекунад, ҷиҳат ба таъсиси корхонаҳо, ташкилотҳо ва лоиҳаҳои махсус, ки ба шуғлнокӣ ва рушди иҷтимоии деҳоти кишвар мусоидат мекунад.

Ҳар ду стратегия ба муҳайё кардани имкониятҳо барои рушди устувор ва беҳтар кардани шароити зиндагии аъзоёни деҳот кӯмак мекунад, вале барои натиҷаи муфид ва таъсирбахш бояд ин ду стратегия ба таври мутаносиб ва ҳамоҳанг амал кунанд.

Дирижизм ин сиёсати дахлпазирии фаъоли давлат ба иқтисодиёти деҳот, ки назарияи иқтисодчии франсавӣ Ф.Перру доир ба принсипҳои банақшагирии индикативии давлатӣ дар самтҳои муҳими иқтисодӣ асос мегирад. Дирижизм — ин сиёсати давлатӣ мебошад, ки ба нақшакашии дарозмуддати иқтисодӣ равона шудааст. Ин маънои онро дорад, ки давлат ба идоракунии иқтисодиёт фаъолона дахолат мекунад, то вазифаҳои асосиро, аз қабили беҳтарсозии сохтори иқтисод, навсозии он ва суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ, ҳал намояд. Давлат дирижизмро ҳамчун воситаи барои нақшакашӣ ва ташкил кардани равандҳои иқтисодӣ истифода мебарад, то рушди иқтисодиро ба самти дилхоҳ идора ва роҳнамоӣ кунад, нуқсонҳои онро рафъ намояд ва барои зудтар расидан ба ҳадафҳои гузошташуда кӯмак расонад*[16,с.10]*.

Ин муносибат бо як сенария асос меёбад, ки таҳқиқ мекунад, ки агар бозори меҳнат дар шароити пасти шуғл ва даромад дар деҳот истифода шавад, он дар мурури замон бояд ба таври худкор ба баробарвазнӣ бирасад. Ба ибораи дигар, ягон дахолат ё қадамҳои мустақим аз ҷониби давлат лозим намебошанд, зеро бозор метавонад масъалаи шуғлро бо замон ҳал кунад.

Аммо дар асл, дар минтақаҳои деҳот, бо вуҷуди таваҷҷӯҳ ба алтернативӣ шуғл, бисёре аз сокинон метавонанд бо шароити вазнин дар ҷустуҷӯи даромад

зиндагӣ кунанд, аммо онҳо манбаи устувори даромад намеёбанд ва дар ниҳоят ба «канор» мемонанд. Онҳо ё дар фаъолияти ғайрирасмӣ ва ё дар фаъолияти коҳишёфта ба кор мепардозанд.

Дар ҳолати ҷиддии паст шудани сатҳи шуғл ва даромад, як қисми сокинони деҳот метавонанд кӯч ба шаҳр кунанд, ки ин шиддатёбии шумораи бекорон дар шаҳрро ба вуҷуд меорад, ки вокунишҳои манфии иҷтимоӣ ва иқтисодиро эҷод мекунад.

Дар чунин ҳолат, давлат метавонад барои беҳтар кардани вазъият ба ду самт равона шавад:

1. Дастгирии соҳаи кишоварзӣ: Давлат метавонад кӯмак кунад, ки сатҳи шуғл ва даромад дар деҳот тавассути беҳтар кардани фаъолияти кишоварзӣ ва рушди маҳсулоти аграрӣ баланд бардошта шавад. Махсусан, тавассути истифодаи технологияҳои нав, аз ҷумла кӯмакҳои молиявӣ барои фермерон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ.
2. Таъсиси ҷойҳои кории алтернативӣ: Давлат метавонад тавассути дастгирии соҳаҳои ғайриаграрӣ (мисли хизматрасонӣ, истеҳсоли хурд ва дигар имкониятҳои соҳибкории деҳот) ҷойҳои кори устуворро барои сокинони деҳот таъсис диҳад, ки онҳо ба рушди иқтисодии маҳаллии деҳот мусоидат кунанд.

Аммо чунин протексионизми аграрӣ метавонад рақобатпазирии бахши кишоварзии кишварро коҳиш диҳад, зеро ин бахш ба дастгирии давлатӣ вобаста мешавад ва хароҷоти сиёсатҳои аграрӣ ба таври ғайримақбул зиёд мегарданд, ки дар дарозмуддат метавонад самарабахш набошад.

Сиёсати муосири рушди деҳот ба он равона шудааст, ки бо дастгирии истеҳсолкунандагони маҳаллии кишоварзӣ ҷойҳои корӣ дар деҳот фароҳам орад. Ҳамчунин, таваҷҷуҳи зиёд ба хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ (фермаҳои хурд ва хонаҳои шахсӣ) дода мешавад, ҳатто агар ин метавонад каме рушди истеҳсолоти калони кишоварзиро коҳиш диҳад. Бисёре аз лоиҳаҳои миллӣ ба рушди чорводорӣ, боғдорӣ ва ангурпарварӣ, инчунин дастгирии хоҷагиҳои хурд равона шудаанд. Масалан, барномаи рушди чорводорӣ маблағҳои калонро барои воридоти чорвои хушзот аз хориҷа ва маблағгузорӣ барои

навсозии фермаҳои калон барои рушди соҳа пешбинӣ мекунад. Ҳамзамон, тадбирҳое барои дастгирии чорводорӣ дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар назар аст, ки дар бар мегиранд таъсиси кооперативҳо барои фурӯши шир, ки ба сокинони деҳот имкон медиҳад, ки аз 1-2 сар гов даромади иловагӣ ба даст оварда, зиндагии муътадилро таъмин намоянд.

Ба ҳамин тариқ, бо як тараф, кӯмак ба харидани чорвои хушзот барои фермаҳои калони истеҳсолӣ кӯмак мерасонад ва имкон медиҳад, ки онҳо ба таври самаранок истеҳсолотро идома диҳанд. Аз тарафи дигар, хоҷагиҳои хонагии хурд, ки барои истеҳсоли шир фаъолият мекунанд, низ кӯмак мешаванд. Барои аъзоёни деҳот кӯмак дар таъсиси манбаъҳои иловагии даромад, махсусан барои оғози лоиҳаҳои хурд, муҳим аст, зеро ҳатто агар қисми аввалини лоиҳа комёб бошад, дар оянда шуғлнокӣ дар деҳот метавонад коҳиш ёбад. Масалан, барои нигоҳубини говҳои сермаҳсул дар фермаҳои технологӣ, миқдори ками коргарон талаб мешавад, ки дар муқоиса бо имрӯз метавонад 3-4 маротиба камтар бошад.

Ҳамин тариқ, танзим ва дахолати давлат, ки ба тараққиёти минтақаҳои деҳот ва дастгирии шаклҳои алтернативии шуғл равона шудааст, метавонад вазъи иқтисодии деҳотро хеле беҳтар созад. Истифодаи сиёсати дирижизм, ки дастгирии мақсадноки на танҳо истеҳсоли кишоварзӣ, балки соҳаҳои ғайрикишоварзиро низ дар бар мегирад, метавонад воситаи муҳими сохтани манбаъҳои устувори даромад барои аҳолии деҳот бошад.

Ҳамзамон, баровардани қувваи кории зиёдатӣ аз деҳот ва баланд бардоштани самаранокии кишоварзӣ, бо навбати худ, кӯмак мекунад, ки шароити зиндагии одамон дар ин минтақаҳо беҳтар гардад. Муҳим аст, ки ин раванд бо рушди инфрасохтор ва беҳтар кардани дастрасӣ ба хидматрасониҳои гуногун ҳамроҳ шавад. Ғайр аз ин, бо афзоиши даромад ва талабот ба хидматрасониҳо, бозори меҳнати муътадилтар шакл мегирад, ки ин метавонад асоси рушдҳои иҷтимоии иқтисодии минбаъдаро дар минтақаҳои деҳот таъмин кунад.

Айни замон, Тоҷикистон ба сиёсати мутавозини қавӣ, ки ба рушди деҳот равона карда шавад, эҳтиёҷ дорад. Агар дар ин самт чораҳо андешида нашаванд, ин метавонад ба афзоиши камбизоатӣ байни сокинони деҳот ва мушкилот дар минтақаҳои дурдасти кишвар оварда расонад. Ғайр аз ин, то соли 2020, дар деҳот ҳиссаи бузурги одамон дар шуғлҳои алтернативии корӣ мушғул буданд. Ин нишон медиҳад, ки бисёре аз одамон маҷбур мешаванд, ки барои даромад ҷустуҷӯ кунанд берун аз кишоварзии расмии кишвар, зеро дар ин соҳа ҷойҳои корӣ бас нест. Ин боз як бор муҳимияти эҷоди имкониятҳои нави шуғл ва беҳтар кардани шароити зиндагӣ дар деҳотро таъкид мекунад. Дар соли 2022 онҳо 964,8 ҳазор нафарро ташкил дода, ҳиссаи онҳо дар ҳамагӣ машғулин дар кишоварзӣ бештар аз 63,2%-ро ташкил додааст. (ҷадвали 3.2.) Чӣ тавре, ки аз рақамҳои ҷадвал аён аст дар ин давраи таҳлилӣ шумораи коргарони кироя дар соҳа тамоюли болоравиро дорад, яъне беш аз 15,4% зиёд шуда ҳиссаи онҳо дар ҳамагӣ шуғлнокӣ ба 5 банди фоизӣ низ афзудааст. Баръкакс дар ҳамин миқдор шумораи коргарони дар шуғли алтернативӣ буда, тамоюли пастравӣ дорад. Сабаби чунин ҳодисот пайваста бо афзудани шумораи машғулини расмӣ ва кам шудани шумораи коргарони бахши шуғли ғайрирасмӣ рӯй додааст. Яъне бештари коргароне, ки дар шуғли алтернативии ғайрирасмӣ қарор доштанд, ба шуғли расмии алтернативӣ гузаштанд.

**Ҷадвали 3.2. - Динамикаи ҳисоби миёнаи солонаи шумораи коргарони кироя ва шуғлнокии алтернативӣ дар соҳаи кишоварзӣ (ҳазор нафар)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2022** | **2023** | **С. 2023 нисбат ба с 2015 %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ машғулин дар кишоварзӣ | 1524,2 | 1545,2 | 1538,6 | 1466,1 | 1481,9 | 1507,3 | 1525,6 | 100,09 |
| Шумораи коргарони кироя дар соҳа | 494,4 | 490,8 | 483,8 | 520,8 | 524,5 | 549,6 | 570,9 | 115,4 |
| Бо % дар ҳамагӣ | 32,4 | 31,7 | 31,4 | 35,5 | 35,4 | 36,4 | 37,4 | 5 бф |
| Шуғли алтернативӣ | 1029,8 | 1054.4 | 1054,8 | 945,3 | 957,4 | 957,7 | 964,8 | 93,6 |
| Бо % дар ҳамагӣ | 67,5 | 68,2 | 68,5 | 64,5 | 64,6 | 63,5 | 63,2 | -4,3 бф |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи:: *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021 с. 133; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024, с. 73.*

Ҳамин тариқ, таъмини рушди расмии алтернативӣ аз ниҳоят муҳим будани сиёсати кишоварзӣ вобаста мебошанд. Эълон намудани солҳои 2015–2023 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз ҷониби Ҳукумат як қадами муҳим дар ташаккули сиёсати дастгирии деҳот ба ҳисоб меравад ва ба қабули барномаҳои махсус барои беҳтар кардани шароити зиндагӣ дар минтақаҳои деҳот мусоидат мекунад. Дар минтақаҳои гуногуни кишвар барномаҳои маҳаллии рушди деҳот таҳия мешаванд, дар ҳоле ки барномаи миллӣ инчунин маблағгузории ташаббусҳои маҳаллиро низ пешбинӣ менамояд. Ҳамаи ин пешрафти мусбат аст, вале мутаассифона, то ҳол таъсири он маҳдуд буда, ба беҳбудиҳои куллӣ нарасидааст.

Аксари барномаҳои миллӣ дар бар мегиранд маҷмӯи барномаҳои соҳаҳои гуногун, ки ба рушди ҷузъҳои гуногуни инфрасохтори муҳандисӣ ва иҷтимоӣ дар деҳот равона шудаанд. Яъне, ин барномаҳо бахшҳои муҳим, аз қабили роҳҳо, обу барқ, мактабҳо, беморхонаҳо ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоиро дар бар мегиранд ва кӯшиш мекунанд, ки онҳоро беҳтар созанд. Аммо онҳо асосан ба бахшҳои алоҳидаи инфрасохтор тамаркуз мекунанд, на ба рушди ҳамаҷонибаи деҳот. Дар минтақаҳо бинобар хоҳиши гум накардани трансфертҳои эҳтимолии имконпазир аз буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи ҳамин принсипҳо барномаи мақсадноки рӯякиро қисматбандӣ мекунанд.

Муддати дароз мақомот кӯшиш мекунанд, ки мушкили даромади пасти аҳолии деҳотро тавассути дастгирии хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ҳал кунанд. Яъне, агар шахс бекор бошад ё музди меҳнати кам гирад, ба ӯ пешниҳод мекунанд, ки ба хоҷагии хурди худ машғул шавад, масалан, чорводорӣ кунад ва шир фурӯшад. Аз як тараф, ин ба одамон имконияти гирифтани ягон даромад медиҳад. Вале аз тарафи дигар, чунин сиёсати масъалаи асосиро ҳал намекунад – дар деҳот зиёда аз ҳад қувваи корӣ мавҷуд аст, дар ҳоле ки талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ маҳдуд мебошад. Дар натиҷа, шахс боз ҳам дар ҳамон вазъ боқӣ мемонад: бо даромади кам ва вобастагӣ аз кӯмакҳои давлатӣ. Ин равиш ба рушди истеҳсолоти саноатии кишоварзӣ монеа эҷод мекунад, ки метавонист ҷойҳои кори самарабахшро ба вуҷуд орад. Ба ҷои ин, раванд

баръакс сурат мегирад – мақомот истеҳсолоти хурд ва камсамарро нигоҳ медоранд, ки наметавонад сатҳи зиндагии мардумро ба таври назаррас беҳтар созад.

Баъзан пешниҳодҳое садо медиҳанд, ки аҳолии деҳот аз минтақаҳои қашоқу дар канормонда ба таври оммавӣ кӯчонида шаванд. Ин қарори ниҳоят хавфнок мебошад. Пеш аз ҳама, онро дарк кардан лозим аст, ки ин аҳолиро ба деҳотҷойи дигар кӯчонидан имконнопазир аст, таҷрибаи соли 1960 дар ҷумҳурӣ нишон дод, ки аҳолии деҳоти аз ҷойи худ кӯчонидашуда, дар деҳотҷойи дигар намемонанд ва онҳо ба шаҳрҳо кӯч мебанданд. Албатта дар ҷумҳурӣ ба қувваи кории пастихтисос ҷой нест ва иқтисодиёти шаҳр бошад наметавонад, ки ба ҳамаи ин оммаи пастихтисос, баъзан қувваи кории ассотсиализатсияшуда тоқат кунад. Ин ҳолати иқтисодиёти шаҳрҳоро тезутунд мегардонад, чунки дар он ҷойҳо ақаллан чунин восита ба монанди хоҷагии ёрирасони шахсӣ вуҷуд надорад.

Дар деҳот мушкили камбизоатӣ вуҷуд дорад, ва онро танҳо бо кишоварзии анъанавӣ ҳал кардан мумкин нест. Аз ин рӯ, манбаъҳои алтернативии шуғл муҳим мебошанд, ки метавонанд фаъолияти кишоварзиро пурра кунанд ё ҳатто қисман иваз намоянд.

Якум, ин рушди шуғли алтернативӣ мебошад. Он дар сурате алтернативӣ ҳисобида мешавад, агар дар ин минтақа истеҳсолкунандагони асосии маҳсулоти кишоварзӣ ба он машғул набошанд, гарчанде ки он метавонад мустақиман бо соҳаи кишоварзӣ вобаста бошад. Ба ибораи дигар, ташкили манбаъҳои иловагии даромад тавассути гуногунсозии истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақа имконпазир аст. Дар асоси ин, метавон ду равиши асосии дастгириро ҷудо кард.

Дуюм, барои рушди деҳот танҳо эҷоди ҷойҳои корӣ кофӣ нест – ҳамчунин, дастгирии молиявии ташаббусҳои маҳаллӣ зарур аст. Бисёре аз сокинони деҳот мехоҳанд тиҷорати худро оғоз кунанд, аммо онҳо сармояи ибтидоӣ надоранд. Бонкҳои маъмулӣ ба фермерон ва соҳибкорони хурди деҳот қарз додан намехоҳанд, зеро ин барои онҳо хатарнок ҳисобида мешавад.

Микрокарзҳо – таъсиси кооперативҳои қарзӣ ё фондҳои махсуси маҳаллӣ, ки ба сокинон барои гирифтани қарзҳои хурд барои рушди тиҷорати худ кӯмак мерасонанд. Аммо чунин сохторҳо бе дастгирии давлат наметавонанд фаъолият кунанд, зеро барои ҷамъоварии сармояи ибтидоӣ ба онҳо кӯмак лозим аст. Соддагардонии бақайдгирии тиҷорати хурд– агар барои як шахс дар деҳот расман сабти номи тиҷорат душвор бошад (аз сабаби бюрократия ва андозҳо), вай онро намекушояд. Аз ин рӯ, барои давлат муфидтар аст, ки ин равандҳоро осонтар кунад, то шумораи бештари одамон ба тиҷорат машғул шаванд. Дастгирии самтҳои нави кишоварзӣ – масалан, агар дар минтақа истеҳсоли шир анъанавӣ бошад, метавон парвариши чорвои сермаҳсулро барои гӯшти бештар ташвиқ кард. Агар сармоягузоре дар бахши коркарди маҳсулоти кишоварзӣ пайдо шавад, он гоҳ шурӯъ кардани парвариши пахта ё дигар зироатҳои меҳнатталаб, ки даромади баланд доранд, имконпазир мегардад. Бе чунин чораҳо иқтисоди деҳот суст боқӣ мемонад. Одамон наметавонанд даромади бештар ба даст оранд ва маҷбур мешаванд ба шаҳрҳо кӯчанд. Аз ин рӯ, як барномаи фарогир – ки ҳам қарздиҳӣ, ҳам шароити муносиб барои тиҷорат ва ҳам рушди шаклҳои нави истеҳсолотро дар бар мегирад – метавонад ба эҷоди иқтисоди устувортар дар минтақаҳои деҳот мусоидат намояд.

Сеюм, барои рушди деҳот на танҳо дастгирии молиявӣ ва коргоҳҳои нав, балки такмили инфрасохтори муҳандисӣ ва иҷтимоӣ низ муҳим аст. Инфрасохтор дар деҳот бояд мутобиқ ба талаботи замони муосир рушд ёбад, на аз рӯи қолабҳои кӯҳнаи шӯравӣ. Манзил ва инфрасохтори муҳандисӣ - Дар даврони Шӯравӣ бунёди манзилҳо асосан бо тарзи марказонидашуда амалӣ мешуд, ки гаронарзиш ва ғайридавомдор буд. Ба ҷои ин, бояд ба сокинон иҷозат дода шавад, ки худ мустақилона ё дар гурӯҳҳои хурд манзилҳои муносиб бунёд кунанд. 2. Хизматрасониҳои иҷтимоӣ - то ҳол тасаввуроти кӯҳна ҳукмфармо аст, ки дар ҳар деҳа ҳатман мактаби калон ё беморхонаи пурра фаъолият кунад. Аммо бо рушди технологияҳои рақамӣ, таҳсилоти фосилавӣ ва ташхиси тиббии онлайн метавонанд алтернативаи самарабахш

бошанд. Тағйири низоми таҳсилот дар деҳот - айни ҳол таҳсилоти миёна ва миёнаи махсус асосан барои тайёр кардани мутахассисони соҳаи кишоварзӣ равона шудааст. Аммо деҳот ба мутахассисони дигар, аз ҷумла дар бахшҳои сайёҳӣ, хизматрасонӣ ва ташкили кооперативҳо, низ ниёз дорад. Илова ба таҳсилоти расмӣ, бояд низоме ҷорӣ карда шавад, ки сокинони деҳот таҷрибаи муфиди якдигарро омӯзанд ва паҳн кунанд. Бе рушди инфрасохтори муосир ва таҳсилоти мутобиқ ба талаботи нави бозор, деҳот аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ақиб мемонад. Бо истифода аз усулҳои нав, мисли технологияҳои рақамӣ ва омӯзиши таҷрибаи муфид, метавон шароити зиндагӣ ва имкониятҳои кориро дар минтақаҳои деҳот беҳтар кард.

Кайд кардан зарур аст, ки ҳуҷҷатҳое, ки ахиран аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи иҷтимоии меҳнатӣ дар кишоварзӣ қабул шудаанд, асосан ба зарурати ҳамкории илмӣ ва таҳияи методология барои амалӣ кардани сиёсати иҷтимоии-иқтисодӣ, ки бо мақсади таъмин кардани рушди устувори деҳот ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолии деҳот, инчунин гузариш ба рушди инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ равона шудаанд.

Таҳлили шуғлнокӣ дар минтақаҳои деҳотии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки аз соли 1990 то 2023 шумораи коргарон дар соҳаи кишоварзӣ ба таври назаррас афзуд — аз 881 ҳазор то 1525,6 ҳазор нафар. Ҳамчунин, ҳиссаи коргарони соҳаи кишоварзӣ дар шумораи умумии машғулбудагон аз 44,7% то 63% баланд рафтааст. Ин маънои онро дорад, ки соҳаи кишоварзӣ бештар ба коргарӣ вобаста шудааст. Бо вуҷуди ин, музди меҳнати коргарони кишоварзӣ ҳанӯз паст боқӣ мемонад — миёнааш 500-600 сомон дар як моҳ, ки ин наметавонад эҳтиёҷоти оиларо таъмин кунад. Дар натиҷа, одамон ба ҷустуҷӯи роҳҳои алтернативии даромад мерафтанд, ки ин муаммо дар сиёсати мавҷудаи шуғлнокиро нишон медиҳад. Ин ҳолат на танҳо мушкили бекориро дар деҳот ҳал намекунад, балки ба рушду тавсеаи бозори гуногуни меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ монеъ мешавад, ки барои рушди устувори иқтисодӣ зарур аст.

Дар деҳоти Тоҷикистон, хоҷагиҳои аълоии аъзоии аҳолӣ асосан дар шакли хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ амал мекунанд. Ҷуз аз касҳое, ки маҳсулоти кишоварзиро барои фурӯш истеҳсол мекунанд, як қисми бузурги аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба шӯғл машғуланд ва танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ маҳсулот истеҳсол мекунанд. Муҳим аст, ки дар назар гирифтани равандҳои рушди бозори меҳнат ва таъсири он ба ин вазъияти ғайриоддӣ хеле мураккаб аст, зеро барои бисёре аз аҳолии деҳот, хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ танҳо манбаъи иловагии даромад нест, балки шеваи асосии даромади онҳо мебошад. Ба илова, намояндагони ин гурӯҳ дар бахшҳои дигари иқтисодиёт ва ё байни аҳолии бекор, ки формалиятҳои расмии ба қайд гирифтани шӯғлро надоранд, шомил нестанд.

Дар минтақаҳои деҳот, шаклҳои алтернативии шуғлнокӣ, мисли хоҷагиҳои деҳқонии хурд ё фаъолиятҳои иловагӣ, барои таъмин намудани рушд ё устувор дар иқтисод муҳим мешаванд. Созмони як бозори меҳнатии самаранок дар соҳаи кишоварзӣ ба як роҷеъи мукаммал ниёз дорад, ки на танҳо рушд кардани соҳаи кишоварзиро, балки шаклҳои алтернативии шуғлнокӣ, ки ба беҳбуди вазъи зиндагии сокинони деҳот равона шудаанд, дарбар мегирад. Ин модели бозори меҳнат наметавонад бе ҳузури сиёсати давлат бошад, ки ҳам шаклҳои анъанавии шуғлнокиро ва ҳам роҳи нави шуғлнокиро мӯътадил кунад, то манбаъҳои гуногуни даромад барои сокинони деҳот фароҳам оварда шавад. Ин як унсури муҳими сиёсати макроиқтисодии аграрӣ мебошад, зеро он метавонад сатҳи бекориро паст кунад, ба диверсификатсияи иқтисод мусоидат кунад ва шароити зиндагии деҳотро беҳтар созад.

Дар деҳоти кишвар фарқияти муҳим миёни бекорони умумӣ ва бекорон, ки дар бозори меҳнат сабт шудаанд, вуҷуд дорад, ки бо хусусиятҳои бозори меҳнати маҳаллӣ алоқаманд аст. Шахсоне, ки дар деҳот ҷойи кори худро аз даст медиҳанд, аксар вақт бо мушкили набудани шаклҳои алтернативии шуғлнокӣ, ки метавонанд даромади устувор таъмин намоянд, рӯ ба рӯ мешаванд, махсусан дар соҳаи кишоварзӣ. Дар натиҷа, онҳо наметавонанд дар соҳаҳои дигар, ба монанди хизматрасонӣ ё соҳаҳои ғайрик кишоварзӣ, кор

пайдо кунанд, зеро ҷойҳои кори мавҷуд ва имкониятҳои муносиб нестанд. Ҳамчунин, муҳим аст, ки бояд зикр шавад, ки дар агробизнес ба захираҳои меҳнатӣ эҳтиёҷ мавҷуд аст, ки тавассути шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ таъмин карда мешавад. Ин масъала зарурати таъсиси ҷойҳои кории устувор дар деҳотро, ки ба одамон, ки ҷойи кори худро аз даст медиҳанд, имкон медиҳад, ки даромади устувор таъмин кунанд, таъкид мекунад.

Дар солҳои охир дар динамика ва сохтори шуғлнокии аҳолӣ дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ тағйирот ба амал омадааст. Шумораи одамоне, ки дар ин гуна хоҷагиҳо машғул будаанд, ба таври назаррас кам шудааст ва ин намуди фаъолият дигар манбаи асосии даромади онҳо намебошад. Дар замони охир, даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар маҷмӯи даромадҳои оила кам шудааст ва ҳиссаи он дар давраи солҳои 2017-2023 ба миқдори 3,91 банди фоизӣ кам гаштааст. Ин нишон медиҳад, ки нақши хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ҳамчун манбаи асосии даромад барои аҳолӣ дар солҳои охир коҳиш ёфтааст. (ҷадвали 3.3.)

Дар деҳот масъалаҳои шуғлнокӣ мавҷуданд. Бар хилофи шаҳрҳо, барои сокинони деҳот ёфтан кори расмии бо шартномаи меҳнатӣ ва даромади устувор аксар вақт як раванди дарозмуддат аст. Бисёре аз бекорони деҳот дар ҷустуҷӯи кор зиёда аз як сол вақт мебардоранд.

**Ҷадвали 3.3. - Даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тағйирот, банди фоизӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | - |
| Даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ, бо % | 11 | 20 | 12 | 5 | 5 | 4 | 7 | - 3,91 |

**Манба: Бозори меҳнат – Агентии о***мори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. с 188-189.*

Ҷолиб аст, ки байни одамоне, ки кор надошта, дар марказҳои шуғли аҳолӣ сабт нашудаанд, яъне онҳое, ки ба категорияи аҳолии ғайрифаъол дохил мешаванд, дар деҳот нисбат ба шаҳрҳо шумораи бештаре вуҷуд доранд.

Инчунин, як мушкили дигар ин аст, ки тақрибан 30% бекорони деҳот пас аз нокомӣ дар ёфтани кор, дар ҷустуҷӯи он идома намедиҳанд. Ин нишон медиҳад, ки дар деҳот бо масъалаи шуғлнокӣ мушкилоти ҷиддӣ мавҷуд аст.

Албатта, ин бештар бо маҳдудияти бозори меҳнат дар деҳот, ғайриимкон будани пайдо намудани кор дар шаҳрҳо ва аз бозори меҳнату хадамоти шуғли аҳолӣ дар масофаи дур қарор доштани деҳот вобаста мебошад.

Дар деҳот, шаҳрвандони болои 40-сола, ки қобилияти корӣ доранд, аксаран кор намеёбанд. Дар чунин ҳолат, машғулият дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ҳамчун сарчашмаи асосии даромад боқӣ мемонад. Вале, мақоми соҳибони хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ аниқ нест. Барои бисёре аз сокинони деҳот, сабти ном кардани кор дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, ки бо тартиби сабти ном дар хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ марбут аст, мушкилот дорад. Шахсоне, ки хоҷагиҳои ёрирасони шахсиро бо шакли истеҳсоли молии хурд пеш мебаранд, имконияти истифода аз манфиатҳои мақоми фермерро, масалан, дастрасӣ ба тақсимоти захираҳои маъмурӣ, надоранд.

Қонуни «Дар бораи хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ», ки дар Тоҷикистон дар соли 2003 қабул шуд, мушкили асосиро ҳал намекунад — он мақоми расмии соҳибони ин хоҷагиҳоро муайян намекунад. Ҳарчанд қонун деҳотиёнро аз андозҳое, ки барои фаъолияти онҳо дар хоҷагиҳои ёрирасонӣ бояд пардохт кунанд, муҳофизат мекунад, аммо ба онҳо дастрасӣ ба ҳимояи иҷтимоии расмӣ, масалан, дар ҳолати пиронсолӣ ё беморӣ, намедиҳад. Аз ин рӯ, ин одамон ба иқтисодиёти ғайрирасмӣ мебароянд, ва фақат омори давлатӣ онҳоро ҳамчун машғулин ҳисоб мекунад. Ғайр аз ин, қисми зиёди деҳотиён дар иқтисодиёти ғайрирасмӣ кор мекунанд, ки ду маротиба бештар аз шаҳрҳо аст. Вале ин ба афзоиши қобили мулоҳизаи даромадҳо барои деҳқонон намеорад, зеро кор дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ фоида ва даромаднокии кофӣ намедиҳад.

Таҳқиқи шуғлнокӣ дар деҳот як қатор тамоюлҳои муҳимро нишон дод:

1. Кам шудани шуғлнокӣ дар ташкилотҳои кишоварзӣ. Ин на танҳо ба сабаби бастани баъзе корхонаҳо, балки ба воситаи истифодаи технологияи

муосир, ки имконияти истифодаи самараноки захираҳоро фароҳам меорад, мебошад.

2. Устувории шуғлнокӣ дар хоҷагиҳои фермерӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони шахсии молистеҳсолкунанда. Ин хоҷагиҳо устувор мемонанд, чунки дар сохторҳои онҳо механизми бозорӣ тадриҷан рушд мекунад, ки кӯмак мекунад шуғлнокиро нигоҳ дорад.

3. Афзоиши шуғлнокӣ дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсии истеъмолкунанда. Рақами зиёде аз одамон ба кишоварзӣ ҷалб шудаанд, дар заминҳои худ кор мекунанд ва маҳсулотҳоро барои худ истеҳсол мекунанд, ки ба шуғлнокии оммавии соҳаи кишоварзӣ кӯмак мерасонад. Ин тағйиротҳо таъкид мекунанд, ки кишоварзӣ ба истифодаи самараноки захираҳо ва мутобиқшавӣ бо шароити бозорӣ майл дорад.

Маълумот дар бораи стратегияи алтернативии шуғлнокии аҳолии деҳот чунин аст: ба андешаи мо, рушди шуғлнокии алтернативӣ дар деҳот бояд бо истифодаи як методологияи мукаммали стратегӣ сурат гирад. Яъне, муҳим аст, ки самтҳои асосии алтернативии шуғлнокӣ, ки ба рушди соҳаҳои мухталифи иқтисоди деҳот равона мешаванд, таҳия ва амалӣ карда шаванд. Стратегия дар асл як модели ҳамгироишударо ба вуҷуд меорад, ки кӯшиш мекунад, ки дар доираи он, ба беҳтар кардани сифати зиндагӣ ва дастрасии мардум ба манобеи алтернативии шуғлнокӣ диққат дода шавад. Дар натиҷа, ин ёрӣ мерасонад, ки муҳити маҳаллӣ дар деҳот ба такмили сатҳи зиндагӣ ва рушди иқтисоди деҳот мусоидат кунад.

Асосан, дар стратегияи шуғлнокии алтернативии аҳолии деҳот бояд ба чанд нуқта диққат дода шавад. Аввалан, бояд гузариш аз як модели неолибералӣ ба як модели, ки ба рушди иҷтимоии иқтисоди деҳот равона шудааст, пешбинӣ карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки стратегияи шуғлнокии алтернативӣ бояд эҳтимолан тағйироти назаррасро дар сохторҳои иқтисодии деҳот ба миён орад, ки бо мақсади беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои шуғл дар деҳот сурат мегирад. Важда, шуғлнокӣ ва даромаднокии аҳолии деҳот бояд ба як мақсади асосии сиёсати

аграрии макроиқтисодӣ табдил ёбад, яъне ҳадафи муҳими сиёсати иқтисодӣ бояд рушди шуғл ва баланд бардоштани даромад дар деҳот бошад.

Аз ин лиҳоз, стратегияи шуғлнокии алтернативии аҳолии деҳот бояд комплексӣ ва ба беҳбудии воқеӣ равона шуда бошад. Тағйироти устувори захираҳои меҳнатӣ ва дастгирии шуғлнокии аҳолии деҳот барои эҷоди ҷойҳои кории устувор ва фоидаовар аҳамияти калон дорад. Ин инчунин барои беҳтар кардани сифати зиндагӣ дар деҳот муҳим аст, на танҳо дар соҳаи кишоварзӣ, балки дар дигар соҳаҳои иқтисод низ. Ташкили ҷойҳои кории нав бо даромади баландтар дар соҳаҳои ғайрикишоварзӣ махсусан муҳим аст, зеро ин метавонад ба гуногунсозии иқтисодиёти деҳот ва коҳиши вобастагӣ аз кишоварзӣ кумак кунад. Ин, ба навбати худ, метавонад ба сатҳи баландтари субот ва фарохии зиндагии мардум дар деҳот оварда, имкониятҳои нав барои онҳое, ки корро дар соҳаҳои анъанавӣ аз даст додаанд, фарҳам оварад.

Ҳамин тариқ, мақсади стратегии шуғлнокии алтернативии аҳолии деҳот ин коркард ва асосноккунии самтҳоест, ки барои рушди иқтисод, афзоиши талабот ба қувваи корӣ, инчунин баланд кардани музди меҳнат ва даромади аҳолии деҳот мусоидат мекунанд. Ин раванд бояд бо назардошти шароити молиявӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоии мавҷуда сурат гирад, ки дастгирии аҳолии деҳотро таъмин намуда, ба беҳтар шудани шароити зиндагии онҳо кумак мекунад.

Таҷрибаи кишварҳои, ки ба таври муваффақ рушд мекунанд, имконият медиҳанд, ки як қатор принсипҳоро барои ташкили моделҳои самарабахши муносибатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоии дар деҳот таҳия намоем. Ин принсипҳо кӯмак мекунанд, ки даромад ва шароити зиндагии аҳолии деҳот таҳким ёбад ва шуғлнокии устувор таъмин гардад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо, муҳим аст, ки амалҳо ва барномаҳои гуногун, ки барои рушди комплексии манотиқи деҳот равона шудаанд, мувофиқ гардонида шаванд. Ин бояд боиси беҳтар шудани шароити зиндагии одамон дар деҳот ва таъмини рушди устувори иқтисод дар минтақаҳо шавад (расми 3.1.).

Таҳияи асосҳои консептуалии стратегияи шуғлнокии алтернативии аҳолии деҳот як қисми калидии раванд мебошад, зеро бидуни асоси илмӣ ва нишондиҳандаҳои асоснокшуда, расидан ба натиҷаҳои устувор ва самарабахш душвор хоҳад буд. Роёнда ба ин, чунин як подход кӯмак мекунад, ки на танҳо стратегия эҷод шавад, балки амали намудани он боз ҳам боэҳтиёт ва бо мақсадгирӣ бошад. Ҳадафҳои мушаххас ва нишондиҳандаҳо имкон медиҳанд, ки пешравиро пайгирӣ намуда, амалиётро дуруст намуда, дар сурати зарурати ба шароити тағйирёбанда мутобиқ кардани стратегияи дошта бошем. Аз ин рӯ, аҳамияти як подходи илмӣ асоснок ва дуруст ба нақша гирифташударо дар контексти эҷоди ҷойҳои кории устувор ва фоидаовар дар минтақаҳои деҳот наметавон дарк намуд. Мақсади асосии стратегияи шуғлнокии алтернативии аҳолии деҳот дар он аст, ки дар амалсозии он, диққат ба нишондиҳандаҳои мушаххас ва тавсифоти тамоюлҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дода мешавад. Ба ин маъно, стратегияи шуғлнокӣ бояд ба натиҷаҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо назаррас кардани омилҳои гуногун таваҷҷӯҳ кунад. Вақте ки барои таҳияи стратегияи самаранок диққат танҳо ба рақамҳо ва нишондиҳандаҳо дода мешавад, мавқеи омилҳои иҷтимоӣ ва иктисодӣ наметавонад дар назар гирифта шавад. Аз ин рӯ, стратегияи шуғлнокии алтернативӣ бояд ба баҳогузории ҳамаҷонибаи таъсирҳои иҷтимоии иқтисодӣ ва омӯзиши амиқи ҳамаи рамзҳои муҳим барои рушди устувор ва манфиати ҷомеа дар заминаи рушд равона бошад.

Барои таҳияи дурусти стратегияи шуғли алтернативӣ бояд хусусиятҳои минтақаҳои муайян ба назар гирифта шаванд. Дар деҳот ҳар як минтақа захираҳо ва мушкилоти хоси худро дорад, аз ҷумла тарзи кор ва даромаднокии мардум. Аз ин рӯ, истифодаи ҳалли якхела барои ҳама имконнопазир аст – муҳим аст, ки барномаҳо бо дарназардошти шароити маҳаллӣ, имкониятҳо ва мушкилоти мавҷуда таҳия шаванд.

Бо дарназардошти хосияти таъсири эҳтимолии иқтидори захиравии ҳудудӣ ба модели шуғлнокии алтернативӣ зарур аст, ки ҳангоми коркарди стратегия қонунҳои динамикаи шароити табиӣ-иқлимӣ, сифати нерӯи инсонӣ

мавриди омӯзиш ва истифода қарор гиранд ва инчунин лозим аст, ки тамоюли рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, аз ҷумла, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба назар гирифта шаванд, то ки онҳо дар қоидаҳои стратегӣ дуруст инъикос ёбанд.




**Расми 3.1. - Принсипҳои стратегияи шуғлнокии алтернативии аҳолии деҳот**

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Самаранокии стратегияи шуғлнокии алтернативии аҳолии деҳот ба таври қатъӣ аз кордонии таҳиягарон вобаста буда, тавассути аз тарафи онҳо ба назар гирифтани ҳамкории мутақобилаи мураккаби қонунҳои воқеии иқтисодӣ бо дар баргирии зуҳуроти хоси онҳо дар соҳаи аграрӣ муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, истифодаи қонунҳои рушди мутаносиби иқтисодиёт ва инфрасохтори иҷтимоӣ, муомилоти молию пулӣ, рентаи замин, қонунҳои силсилавии

таҷдиди истеҳсолот, қонуниятҳои фаъолияти меҳнатӣ ва ғайраҳо аҳамияти калон доранд.

Ғайр аз ин, баррасии қонунҳои амалкардаи иқтидори захиравии ҳудуди деҳот, ки асоси рушди ҳамаи соҳаҳои таъминкунандаи шуғли алтернативӣ, таъсиси заминаҳои ташаккули нуқтаҳои афзуншавӣ бо назардошти ҳамаи ҷанбаҳои таъмини зиндагӣ (рушди соҳаи иҷтимоиёт ва инфрасохтори муҳандисӣ, диверсификатсияи бизнес дар деҳот, тавсеаи бозори меҳнат, инкишофи равандҳои худидоракунии маҳаллӣ) мебошанд ҳатмӣ аст.

Барои рушди шуғлнокӣ дар минтақаҳои деҳот, зарур аст, ки консепсияе таҳия карда шавад, ки истифодаи самараноки захираҳои мавҷударо таъмин кунад. Тағйирот дар қувваи корӣ – дар соҳаи кишоварзӣ қувваи корӣ ноустувор аст: баъзе одамон ба соҳаҳои дигар мегузаранд, баъзеи дигар муҳоҷират мекунанд ё намуди фаъолияти худро тағйир медиҳанд. Аз ин рӯ, барои эҷоди ҷойҳои корӣ бояд муносибати чандир истифода шавад. Нақши ниҳодҳои давлатӣ – мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои хусусӣ бояд дар ташкили шуғл иштирок намуда, барои эҷоди ҷойҳои кори самаранок ва устувор мусоидат кунанд. Диверсификатсия – зарур аст, ки на танҳо шаклҳои кишоварзии соҳибкорӣ, балки фаъолияти ғайрикишоварзӣ низ инкишоф дода шавад, то вобастагии иқтисоди деҳот аз бахши аграрӣ кам карда шавад. Ҳамин тариқ, равиши системавӣ бо механизмҳои дастгирӣ ва сафарбаркунии захираҳо воқеан метавонад ба рушди шуғлнокӣ дар деҳот мусоидат кунад.

Дар минтақаҳои деҳот хоҷагиҳои хонагӣ аксар вақт бо маҳдудияти дастрасӣ ба манбаъҳои қарзӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо имкониятҳои кофӣ барои ҷалби маблағҳои қарзӣ надоранд, ки метавонистанд барои тавсеаи бизнес ё оғоз намудани лоиҳаҳои нав истифода шаванд. Аз ин рӯ, ҳангоми интихоби стратегияи иқтисодӣ барои таъмини даромади худ, онҳо майл доранд ба “шаклҳои камхарҷтарини бизнес” афзалият диҳанд. Яъне, ба намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, ки сармоягузории зиёд талаб намекунанд, масалан: - истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои истеъмоли шахсӣ ва фурӯши қисман, - ҳунармандӣ, - тиҷорати хурд, -

пешниҳоди хизматрасониҳои оддӣ (таъмир, истеҳсоли маҳсулот ва ғайра). Чунин равиш имкон медиҳад, ки хатари молиявӣ коҳиш дода шавад, аммо дар айни замон имкониятҳоро барои рушд ва афзоиши даромад маҳдуд месозад.

Аз ин рӯ, барои аҳолии деҳот муҳим аст, ки на танҳо бо кишоварзии анъанавӣ, балки бо рушд додани дигар намудҳои фаъолият, хусусан бо истифодаи захираҳои табиии мавҷуд дар минтақа, машғул шаванд. Идеяи асосӣ дар он аст, ки: Диверсификатсияи шуғлнокӣ – ба ғайр аз кишоварзӣ, дар деҳот бояд соҳаҳои дигар низ рушд ёбанд (масалан, ҳунармандиҳо, коркард наҳваи маҳсулот, туризм ва ғайра). Истифодаи захираҳои маҳаллӣ – мардум метавонанд бо истифода аз захираҳое, ки дар минтақаи худ ҳастанд (замин, ҷангал, об, донишҳои анъанавӣ ва малакаҳо) даромад ба даст оранд. Ташкили иқтисоди самарабахш – рушди намудҳои гуногуни фаъолият иқтисодиёти деҳотро устувор ва мустақил аз як манбаъҳои даромад хоҳад кард. Интихоби самтҳо дар асоси меъёрҳо – бояд шароити маҳаллӣ ва эҳтиёҷотро дар назар гирифт, то он соҳаҳое, ки воқеан манфиат меоранд, рушд ёбанд. Ҳамин тариқ, рушди фаъолияти ғайрикишоварзӣ метавонад ба аҳолии деҳот кӯмак кунад, ки сатҳи зиндагии худро баланд баранд ва иқтисодиёти минтақаро устувор гардонанд. (Расми 3.2.).

Пештар, дар минтақаҳои деҳот асосан таваҷҷӯҳ ба рушди кишоварзӣ ҳамчун манбаи шуғл ва даромадҳо равона карда мешуд. Ҳисоб мекардан, ки барои таъмини шуғли пурра ва сатҳи хуби зиндагӣ барои мардум, лозим аст, ки корхонаҳои кишоварзӣ рушд ёбанд ва инчунин истеҳсолоти иловагӣ, мисли коркарди маҳсулот ё дигар ташкилотҳои саноатӣ таъсис дода шаванд. Яъне, асосан ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва шохаҳои вобаста ба он диққат дода мешуд.

Аммо, акнун вазъият дар аксар ноҳияҳои деҳот нишон медиҳад, ки бисёре аз корхонаҳои кишоварзӣ самаранок нестанд ва наметавонанд сатҳи кофии шуғл ва даромадҳоро барои сокинон таъмин кунанд. Ин нишон медиҳад, ки вобастагӣ танҳо ба кишоварзӣ барои ҳал кардани мушкилот дар соҳаи шуғл ва баланд бардоштани даромадҳо кофӣ нест.

**Расми 3.2. - Меъёрҳои интихоби самтҳои диверсификатсияи намудҳои даромадноки соҳибкорӣ дар деҳот**

| Меъёрҳои интихоб | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Устувории иқтисодии хоҷагиҳои хонагӣ | Дурӣ аз бозорҳои фурӯш | Таъмин будан бо захираҳо | Ғунҷоиши бозори маҳсулот (хизматрасонӣ) | Арзиши аслии воҳиди маҳсулот (хизматрасонӣ) |

**Самтҳои диверсификатсияи намудҳои соҳибкорӣ**

| | |
|---|---|
| Рушди намудҳои соҳибкории кишоварзӣ | Рушди намудҳои бизнеси ғайрикишоварзӣ |
| Истеҳсолоти шаклҳои ғайрианъанавии маҳсулоти кишоварзӣ | Ҳунарҳои бадеии мардумӣ |
| Истеҳсолоти маҳсулоти анъанавӣ, аммо намудҳои фаромӯшшудаи кишоварзӣ | Агротуризм |
| | Хизматрасонии иҷтимоӣ-маишии аҳолӣ |
| | Хизматрасонии нақлиётӣ |
| | Савдо |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Мирсаидов А. Б. Сабуров М. Р.Шуғли ғайрирасмӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ ва роҳҳои танзими он – монография, Душанбе «Эр-граф» , 2019, 175 с., С 103-110.

Ҳамин тариқ, барои рушди иқтисоди деҳот лозим аст, ки роҳҳои нави ҳаллу фасл ва равишҳои гуногун ҷустуҷӯ шаванд, ки метавонанд самаранокии иқтисодиро бештар кунанд. Ин метавонад соҳаҳои дигарро низ шомил кунад, ки метавонанд ҷойҳои нави корӣ эҷод кунанд ва сатҳи даромадҳои сокинонро беҳтар намоянд.

Ҷустуҷӯи парадигмаи нави таъмини шуғлнокӣ ва баланд бардоштани даромади аҳолии деҳот, аз ҷумла, бо истифодаи таҷрибаи хориҷӣ зарур мебошад.

Дар ниҳоят бояд қайд кард, ки бо вуҷуд доштани нақши муҳими кишоварзӣ дар иқтисоди кишвар ва аҳамияти он барои рушди устувори бозори меҳнат, фактически нақшаи мушаххасе барои таъмин кардани шуғли кормандони соҳаи кишоварзӣ ва деҳот вуҷуд надорад.

Вобаста ба ҳал кардани мушкилоти бекорӣ дар ноҳияҳои деҳот, ки барои таъмин кардани сатҳи устувори зиндагии аҳолӣ мушкилсозӣ мекунад,

муаллифон пешниҳод мекунанд, ки рушди бозори меҳнат тавассути гуногунсозии тиҷоратҳо, ки бо соҳаҳои ғайрикишоварзӣ ва шаклҳои нави фаъолиятҳои кишоварзӣ алоқаманд мебошанд, таъмин карда шавад.

Барои рушди фаъолияти ғайрикишоварзӣ дар минтақаҳои деҳот муҳим аст, ки захираҳои табиии маҳаллӣ истифода шаванд ва имкониятҳои иҷтимоӣ ва ҳудудии аҳолӣ дар назар гирифта шаванд. Бо афзоиши муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти деҳот, аҳамияти соҳибкории соҳаи хизматрасонӣ, ба монанди сохтмон, хизматрасониҳои коммуналӣ, нақлиёт ва хӯроки умумӣ, бештар мешавад. Ин имкониятҳои нави барои таъсиси ҷойҳои корӣ фароҳам меорад. Ҳамчунин, таъкид карда мешавад, ки стратегиҳои таъмини шуғл дар деҳот бояд ба афзоиши ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани даромадҳо тавассути рушди фаъолияти ғайрикишоварзӣ нигаронида шаванд, ки ин метавонад сатҳи зиндагии одамонро дар ин минтақаҳо беҳтар кунад.

## 3.2. Такмили механизмҳои дастгирии давлатии шуғлнокии алтернативӣ дар иқтисодиёти деҳот

Барои ҳаллу фасли масъалаи шуғлнокии аҳолии деҳот пеш аз ҳама дар доираи барномаҳои давлатии рушди кишоварзӣ ва танзими бозорҳои маҳсулоти кишоварзӣ баҳисобгириҳои тавозунии теъдоди ҷойҳои кории нақшавӣ дар соҳа бо нишон додани сохтори касбӣ-ихтисосии онҳо, ки қисми захираҳои меҳнатии аз тарафи бахши аграрӣ дархостшавандаи деҳотро нишон медиҳанд зарур аст. Қувваи кории зиёдатӣ бояд дар соҳаи фаъолияти алтернативӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Бо гузариши кишоварзии ватанӣ ба марҳилаи нави рушд ва баландшавии ҳосилнокии меҳнат коҳишёбии шуғлнокӣ дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ ногузир мегардад. Барои он, ки деҳот ҳамчун зернизоми иҷрокунандаи на танҳо вазифаҳои истеҳсолӣ, балки чандин вазифаҳои муҳими умумимиллии ҷомеа нигоҳ дошта шавад зарур аст, ки иқтисодиёти он тавассути ҳавасмандгардонии фаъолияти ғайрикишоварзӣ диверсификатсия карда шавад. Ҳамаи мамлакатҳои тараққикарда бо ҳамин роҳ рафта истодаанд. Дар мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо, Хитой ва монанди инҳо барномаҳои махсуси рушди фаъолияти ғайрикишоварзии деҳот бомуваффақият амалӣ шуда истодаанд.

Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти диссертатсионӣ соли 2020 мо пурсиши хонаводаҳои ноҳияҳои Восеъ ва Данғараи вилояти Хатлонро гузаронидем. Дар ин кор 500 анкета ҷамъоварӣ гардид. Ба саволи он, ки дар деҳот то кадом дараҷа шуғлнокии алтернативӣ паҳн гардидааст, нисфи пурсидашудагон ҷавоб доданд, ки ин фаъолият васеъ паҳн шудааст, зеро 61% дар шуғлнокии алтернативӣ иштирок кардаанд (ба ҷадвали 3.4. нигаред). Ба саволи оё шумо ба шуғлнокии ғайрикишоварзӣ ба таври доимӣ машғул ҳастед, 61,4%-и пурсидашудагон ҷавоб доданд, ки ба таври доимӣ машғуланд ва бештар аз 31% дар шуғлнокии алтернативӣ иштирок кардаанд ва ё иштирок мекунанд.

**Ҷадвали 3.4. - Тақсими ҷавобҳо ба саволи «Шумо чӣ тавр дар шуғлнокии ғайрикишоварзӣ иштирок карда будед?»**

| Ҷавобҳо | Шумораи пурсидагон | Фоизи пурсидашудаҳо |
|---|---|---|
| Гоҳ-гоҳ | 79 | 15,8 |
| Бисёр кам | 77 | 15,4 |
| Доимо | 307 | 61,4 |
| Ҷавоб додан мушкил аст | 37 | 7,5 |
| Ҷамъ | 500,0 | 100,0 |

**Манбаъ**: **Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: натиҷаҳои коркарди анкетаҳо тартиб додааст.

Баъдан ба саволи «Оё шумо иштирокчии шуғлнокии алтернативӣ будед?» тақсимоти ҷавобҳои пурсидашудагон оид ба самтҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ нишон дод, ки ҳиссаи шуғлнокии ғайрикишоварзӣ дар соҳаҳои худшуғлӣ ва соҳибкории инфиродӣ баланд мебошад.

**Ҷадвали 3.5. - Ҷавобҳо ба саволи «Шумо дар куҷо иштирокчии шуғлнокии ғайрикишоварзӣ будед?»**

| Ҷавобҳо | Шумораи ҷавобдодагон | Фоизи пурсидашудаҳо |
|---|---|---|
| Дар муассисаҳои бахши хусусӣ ба сифати коргари кироя | 157 | 31,4 |
| Дар доираи худшуғлӣ | 208 | 41,6 |
| Кор дар хоҷагии хонагӣ | 75 | 15,1 |
| Дар муассисаи (ташкилоти) давлатӣ (минтақавӣ) | 60 | 12,0 |
| Ҳамагӣ | 500 | 100,0 |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: **натиҷаҳои коркарди анкетаҳо тартиб додааст.**

Фоизи начандон калони машғулин дар бахши алтернативӣ ба соҳаи савдо (27,4%) ва сохтмон (18,3%) рост меояд. Тақсимоти ҷавобҳои пурсидашудагон аз рӯи соҳаҳо дар ҷадвали 3.6. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3.6. - Шуғлнокии ғайрикишоварзӣ аз рӯи соҳаҳо (бо фоиз)**

| Соҳаҳо | Шумораи ҷавобдодагон | Бо фоизҳо |
|---|---|---|
| Савдо | 137 | 27,4 |
| Сохтмон, таъмири биноҳо | 92 | 18,3 |
| Таҳсилот | 12 | 2,4 |
| Нақлиёт ва таъмири воситаҳои нақлиётӣ | 56 | 11,3 |

*Давоми ҷадвали 3.6.*

| | | |
|---|---|---|
| Меҳмонхонаҳо, чойхонаҳо ва тарабхонаҳо | 48 | 9,3 |
| Фаъолият оид ба ташкили истироҳат ва дилхушиҳо, хизматрасониҳои сайёҳӣ | 21 | 4,3 |
| Ҳунарҳои мардумӣ | 56 | 11,3 |
| Фаъолияти молиявӣ | 12 | 2,4 |
| Сартарошхонаҳо, кошонаҳои ҳусн, хушкишӯйиҳо | 22 | 4,4 |
| Хизматрасониҳо барои фаъолияти хоҷагиҳои хонагӣ | 19 | 3,8 |
| Алоқа, таъмири телефонҳо, насби антеннаҳо ва ғайраҳо | 6 | 1,2 |
| Намудҳои дигари шуғлнокии ғайрикишоварзӣ | 19 | 3,9 |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: натиҷаҳои коркарди анкетаҳо тартиб додааст.

Инчунин, ба ҷавобҳои пурсидашудагон оид ба иштироки онҳо дар бахши алтернативӣ мароқ зоҳир намудем, дар натиҷа маълум гардид, ки соҳаҳои хизматрасониҳо ва савдо мавқеи пешсафиро соҳиб мебошанд. (Ҷадвали 3.7.)

**Ҷадвали 3.7. - Ҷавобҳои маъмултарини пурсидашудагон ба саволи «Шумо чӣ гуна ба шуғлнокии ғайрикишоварзӣ иштирок кардед?»**

| Ҷавобҳо | Фоизҳо |
|---|---|
| Хизматрасониҳо ба аҳолӣ оид ба сохтмон ва таъмири биноҳо | 30,2 |
| Савдо дар бозори маҳсулоти хӯрокворӣ | 23,1 |
| Кор дар мағоза ва дукон | 12,3 |
| Кор оид ба хизматрасониҳо ба шахсҳо | 9,1 |
| Омода намудани маснуот ва маҳсулоти хӯрокворӣ барои фурӯш | 9,1 |
| Савдо дар бозори маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ | 16,2 |

**Манбаъ: Аз ҷониби муалиф ҳ**иисоб карда шуд. Аз рӯйи: **натиҷаҳои коркарди анкетаҳо тартиб додааст.**

Дар байни ҷавобҳо ба саволи «Майли Шумо ҷиҳати иштирок ба шуғлнокии ғайрикишоварзии навъи ғайрирасмӣ бо чӣ алоқаманд буд?» ҷавоби «зиёд намудани миқдори даромад» бештар буда, 71,1%-ро ташкил дод. Пас аз ин ҷавоби «вазъияти беилоҷӣ» 16,3% буд. Ҷавобҳои нобоварӣ ба давлат ва

мақомоти молиявии он 4,7%, мураккабии амалиёти расмигардонии муносибатҳои меҳнатӣ 5,2% ва инчунин, зарурат надоштани расмиёт 2,7%-ро ташкил доданд.

Пурсидашудагон сабаби асосии паҳн шудани шуғлнокии ғайрикишоварзиро талош барои гирифтани музди меҳнати баландтар ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии худ ва аъзои оила медонанд. Бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ аз соли 2018 ба рушди ҳунарҳои мардумӣ ва таъмини рушди инфрасохтори деҳот диққати махсус дода мешавад. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки амалан қадами нахустин дар самти ҳавасмандгардонии шуғлнокии алтернативӣ боз бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 8 августи соли 2003, таҳти №44 гузошта шуд. Дар қонун чунин масъалаҳо пешбинӣ шудаанд:

– таъмин намудани кӯмаки молиявӣ барои шахсони бекор, ки мехоҳанд ба фаъолиятҳои соҳибкорӣ шурӯъ кунанд;

– амалӣ намудани сиёсати дастгирӣ барои шуғли муфид, ки ба шахсоне, ки ҳуқуқи озодонаи интихоби корро доранд, имконият медиҳад;

– кӯмак дар интихоб кардани кор ва таъмини шуғл тавассути миёнаравии маъмуриятҳои хизматрасонии давлатии шуғл;

– тамоюл барои омӯзиш ва омодагӣ ба касб, инчунин баланд бардоштани малака ва ихтисос тавассути роҳҳои пешниҳодкардаи маъмурияти хизматрасонии давлатии шуғл*[7,к.2,м.1006]*.

Дар қонун тадбирҳое, ки ба идоракунии молиявӣ ва қарзӣ, инчунин сиёсати сармоягузорӣ ва андоз дахл доранд, тасвир шудаанд. Ин тадбирҳо ба он равона шудаанд, ки истифодаи захираҳои меҳнатиро зиёд кунанд ва рушди шуғли мустақилонаро дастгирӣ кунанд. Ин маънои онро дорад, ки қонун кӯшиш мекунад, шароити муносибро барои ҷалби самараноки қувваи корӣ ва рушди худшуглӣ ба вуҷуд оварад. Дар айни замон, бонкҳои тиҷоратии ватанӣ барои дар деҳот рушд ёфтани сайёҳӣ, касбҳо ва ҳунарҳои мардумӣ, хизматрасониҳои маишӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди ҳосил ва буттамеваҳои ёбоӣ, гиёҳҳои шифобахш ва дигар ашёҳои ғайричӯбӣ қарзҳо

ҷудо мекунанд. Гирандагони ин гуна қарзҳо хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ, деҳқонӣ (фермерӣ) ва инчунин кооперативҳои кишоварзии истеъмолӣ мебошанд. Аммо, амалисозии аксар чораҳои имтиёзӣ ҳанӯз ҳам нокифоя ҳастанд. Ҳатто барои ба таври назаррас тезонидани диверсификатсияи иқтисодиёти деҳот ҳамон чораҳое, ки дар худи як қатор барномаҳои давлатӣ пешбинӣ гардидаанд кифоя нестанд.

Бо дарназардошти барои манфиати умумимиллӣ аҳамияти мултипликативӣ доштани он қувваи пурзӯри пешбарандае лозим аст, ки ин масъалаи дар мадди аввал соф деҳотиро аз ҷой ҷунбонад. Коркарди маҷмӯи чораҳо оид ба диверсификатсияи иқтисодиёти деҳот ва тавсеаи бозори меҳнати деҳот дар барномаҳои миёнамуҳлати мақсадноки рушди устувори деҳот зарур мебошанд. Дар ин маҷмӯъҳо бояд чораҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

– ташкили қарзҳои субсидияшуда барои рушди фаъолияти ғайрикишоварзӣ дар деҳот;

– ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ барои субъектҳои хоҷагидори оғозкунандаи корҳои ғайрикишоварзӣ;

– аз нав ташкилкунии кооператсияҳои касбӣ;

– ба тартибдарории ҳуқуқии ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои ғайрикишоварзӣ барои бо кор таъмин намудани коргарони озодшуда тавассути сохторҳои якҷоякардашудаи соҳаи истеҳсолоти аграрӣ.

Дар маҷмӯи чораҳо инчунин бояд дар дастгирии давлатии минтақаҳои вазъи бозори меҳнаташон шиддатнок имтиёзҳо ва сабукиҳо пешбинӣ карда шаванд. Яке аз самтҳои нисбатан ояндадори рушди бизнеси хурд дар соҳаи ғайрикишоварзии деҳот ин агротуризм мебошад. Агротуризм дар ҷумҳурӣ бо назардошти иқтидори бузурги табиӣ ва фарҳангии он имрӯзҳо дар аввали роҳ қарор дорад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26

декабри соли 2018 қайд гардидааст, ки «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 ба дарки аҳамияти самтҳои мазкур дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардум такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳоне, ки соли 2018 ба Тоҷикистон омаданд, нисбат ба соли 2017 дуюним баробар афзуд, вале барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда як сол басанда нест. Бо мақсади вусъат бахшидан ба шуғли алтернативӣ ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот пешниҳод менамоям, ки солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шаванд»*[17,с.15]*.

Бояд тазаккур дод, ки пандемияи COVID-19 ба бӯҳрони ҷиддии иқтисодӣ оварда расонид. Ба иттилои Кумитаи рушди сайёҳӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи январ то декабри соли 2020, шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки барои сабабҳои гуногун (сафарҳои хизматӣ, истироҳат ва дигарон) ба кишвар ташриф овардаанд, 410,1 ҳазор нафарро ташкил намуд. Ин рақам 909,1 ҳазор нафар ё 69% камтар аз ҳамин давраи соли гузашта мебошад.

Аз шумораи умумии меҳмонон 350,6 ҳазор нафар ба сифати сайёҳон тибқи методологияи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ арзёбӣ шудаанд, ки ин низ камшавии 72,2% нисбат ба соли гузашта мебошад.

**Расми 3.3. - Шумораи шаҳрвандоне, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мамлакатхои хориҷи наздик ворид шудаанд, дар моҳҳои январ – декабри соли 2020**




**Манбаъ:** Омори Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. - С. 1- 2.

Аз байни ҳамаи шаҳрвандони хориҷӣ, 385,9 ҳазор нафар (94,1% аз шумораи умумӣ) аз давлатҳои ИДМ ворид шудаанд, ки аз ин 332,1 ҳазор нафар сайёҳ буданд. Дар ҳамин ҳол, 24,2 ҳазор нафар (5,9% аз шумораи умумӣ) аз давлатҳои дур ворид шуда, аз ин 18,5 ҳазор нафар ба сифати сайёҳон шомил мебошанд*[76,с.2]*.

Албатта тамоюли мусбӣ дар солҳои оянда оғоз меёбад. Метавон тахмин кард, ки бештар аз 70%-и (301694 нафар) шумораи умумии сайёҳони хориҷӣ дар деҳотҷойҳо истироҳат хоҳанд кард. Аз ин рӯ, даромади соҳибони меҳмонхонаҳо 150 871 ҳазор долларро ташкил медиҳад, ки дар натиҷа воридот ба буҷети давлатии мамлакат низ аз хизматрасониҳо ба хориҷиён афзун мешавад. Ғайр аз ин, бо дарназардошти он, ки тибқи баҳогузории коршиносон ҳар як сайёҳи хориҷӣ дар давраи саёҳат иловатан ба ҳисоби миёна як ҳазор доллар харҷ мекунад, аз ҳисоби агротуризими вурудӣ метавон ба ҷумҳурӣ солона боз маблағи калонро ҷалб кард.

Агар ба назар гирифта шавад, ки истироҳат дар меҳмонхонаҳои деҳот дар муқоиса бо саёҳати хориҷӣ 4-5 маротиба арзонтар мебошанд, он гоҳ метавонанд на камтар аз 10%-и шаҳрвандони мо, ки дар хориҷа истироҳат мекунанд ба он ҷалб шаванд. Аз ин соҳибони меҳмонхонаҳо даромад ба даст меоранд ва ҳам ба буҷет маблағ ворид мешавад. Ҳамин тавр, рушди агротуризм ва ҳам сайёҳии экологӣ яке аз самтҳои зиёдгардии ҷойҳои корӣ дар фаъолияти соҳаҳои ғайрикишоварзӣ мебошанд.

Шуғлнокии алтернативӣ дар деҳот ин яке аз шартҳои афзоиши самаранокӣ дар бахши аграрӣ ва ҳам коҳишёбии мафҳуми камбизоатии аҳолии деҳот мебошад. Шуғлнокии алтернативӣ дар деҳот як зарурати муҳими аст, ки барои чанд сабаб анҷом дода мешавад: 1) Фаъолиятҳое, ки бо кишоварзӣ алоқаманд нестанд, манбаи муҳими даромад барои аҳолии деҳот мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки одамон метавонанд на танҳо аз ҳисоби соҳаи аграрӣ, балки аз дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ низ даромад ба даст оранд. 2) Шуғлнокии алтернативӣ на танҳо фаъолияти маъмулӣ, балки касбомӯзии мустақил (масалан, тиҷорати худ) низро дар бар мегирад. Ин ба

одамон имкон медиҳад, ки ё бо корам бояд якҷо кор кунанд ё тиҷорати худро оғоз кунанд. 3) Дар деҳот, аксари одамон бо шуғлнокии алтернативӣ машғуланд, зеро ин масъала бо эҳтиёҷот ва беҳтар кардани шароити молии онҳо алоқаманд аст. 4) Пас аз пароканда шудани корхонаҳои бузурги кишоварзӣ, фаъолияти кишоварзӣ бисёре аз вақт дар сатҳи паст бо механизатсияи ками зарурӣ амал мекунад ва имконияти истифодаи самараноки захираҳои дастрас вуҷуд надорад. Маҳсулот на ҳамеша сатҳи баланди маркетинг дорад, ки мушкилотро барои фурӯш кардан ба вуҷуд меорад.

Барои рушди шуғлнокии алтернативӣ дар манотиқи деҳот якчанд омили муҳим ба назар гирифта шудаанд:

1. Вазъияти иҷтимоии ва оилавӣ – чӣ гуна аъзоии оила ва ҷомеаи маҳаллӣ бо ҳам таъсир мерасонанд. Ин ба имкониятҳои рушди бизнес ё иштирок дар дигар намуди фаъолият таъсир мерасонад.

2. Дастрасии ба захираҳо – мавҷудияти замин, инфрасохтор, техника ва захираҳои лозим барои ташкил ва рушд додани фаъолият.

3. Вазъияти инфрасохтор дар деҳот – на танҳо инфрасохтори моддӣ (ҷоҳои рафту омад, биноҳо ва ғайра), балки дастгирии институтсионалӣ, яъне мавҷудияти мақомот ва ташкилотҳое, ки метавонанд рушди шуғлнокиро дастгирӣ намоянд.

4. Дастрасии ба бозорҳо ва қарзҳо – имконияти фурӯши маҳсулот ва дастрасӣ ба маблағгузорӣ тавассути қарзҳо ё дигар манбаъҳои молӣ барои васеъ кардани фаъолият.

5. Таълим ва омӯзиш – дастрасӣ ба барномаҳои таълимӣ ва курсҳо, ки метавонанд ба одамон кӯмак кунанд, то малакаҳои навро барои кор дар соҳаҳои алтернативӣ равона кунанд.

6. Низоми иттилоотӣ дар бораи бозор – мавҷудияти маълумот дар бораи талабот ба маҳсулот ва хизматрасониҳо, ки кӯмак мекунад, то одамон қарорҳои дуруст ва асоснок барои рушди бизнес ё гузариш ба соҳаҳои нав қабул кунанд. Ин омилҳои гуногун ба якдигар таъсир мерасонанд ва шароити

мувофиқро барои рушди шуғлнокии алтернативӣ дар манотиқи деҳот таъмин мекунанд. Ҳамон тавр, ки борҳо ба ҳайси мисол қайд кардем ташкили шаклҳои алтернативии шуғлнокӣ метавонад боиси зиёдшавӣ ва эҳёгардии раванди ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили гулдӯзӣ, бофандагӣ ва тӯрбофӣ аз пӯслохи дарахт, агротуризм, истеҳсолоти бофандагӣ аз матоъҳои тибитдор, ҷамъоварӣ, коркард ва фурӯши минбаъдаи меваҳои худрӯй ва занбурӯғҳо, ҷалғӯза ва ғайраҳо гардад.

Аз рӯи сатҳи касбӣ-ихтисосӣ даромадҳои шуғлнокии алтернативӣ ба инҳо ҷудо мешаванд:

– кори ихтисоснок ва ниҳоят хуб пардохтшаванда (дарсҳои инфиродӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, дӯхтани либосҳо, таъмири техникаи маишӣ, корҳои сохтмонӣ ва ғайраҳо);

– корҳое, ки ихтисосро талаб намекунанд (савдои хурд, бизнеси «худӣ», расонидани хизматрасониҳои гуногун). Ин қабил корҳо метавонанд ҳам даромади ниҳоят калон ва ҳам даромади хеле кам диҳанд.

Намудҳои гуногуни шуғлнокии ғайрирасмӣ ва дарёфти даромад ба чанд категория ҷудо мешаванд:

1. Коргарони инфиродӣ, ки бо фаъолияти ғайрирасмӣ ба таври мустақил машғуланд, бе сабти расмӣ.

2. Коргарон ва соҳибони коргоҳҳои хурд, ки дар мақомотҳои давлатӣ сабт нашудаанд, ки ин маънои онро дорад, ки фаъолияти онҳо расман эътироф намешавад.

3. Коргарон, ки дар ташкилотҳои бақайдгирифташуда расман кор мекунанд, аммо ба таври дуруст сабт намешаванд, масалан, бидуни шартномаи меҳнатӣ.

4. Муассисаҳои бахши расмӣ, ки даромадҳояшонро аз мақомоти андоз пинҳон мекунанд, ки имкон медиҳад, ки аз андоз маҳрум шаванд ва кормандон даромадҳои ғайрирасмӣ мегиранд.

5. Фаъолияти ғайрирасмӣ дар ташкилотҳои расмӣ, ки кор дар ҷойи корӣ иҷро мешавад, аммо расман сабт намегардад. Ҳамзамон, ҳамаи ин категорияҳо

ба шуғлнокии ғайрирасмӣ марбут мешаванд, ки даромадҳо ё муносибатҳои меҳнатӣ дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ё бақайдгирӣ нишон дода намешавад.

Аз рӯи мақом дар бахши ғайрирасмӣ машғулбудаҳо ба шахсони зерин тақсим мешаванд:

– танҳо дар бахши ғайрирасмӣ машғулбудаҳо;

– шахсоне, ки ҳам дар бахши ғайрирасмӣ ва ҳам дар бахши расмӣ фаъолият мекунанд.

Ҳамаи намудҳои шуғлнокии ғайрирасмӣ (алтернативӣ) дорои хусусияти умумии номуназзамӣ, алоқамандӣ бо дастрасии маҳдуд ба бозори сармоя, ба корхонаҳои омодасозии касбӣ, ба низоми таъминоти иҷтимоӣ ва маҳрумият аз ҳифзи ҳуқуқ мебошанд.

Ҳоло дар кишвар ва минтақаҳои он, дастгирӣ танҳо ба истеҳсолкунандагони кишоварзӣ маҳдуд намешавад, балки ба ташкилотҳое, ки дар сохтмони манзил дар деҳот, инчунин дар соҳаҳои саноати хӯрокворӣ ва коркарди маҳсулот фаъолият мекунанд, кӯмак расонида мешавад. Ғайр аз ин, ташкилотҳое, ки ба коркарди аввали маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, ба шарикони истеҳсолкунандагони молҳои кишоварзӣ дар соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ, кооперативҳои қарзӣ ва истеъмолии кишоварзӣ, фондҳои дастгирии соҳибкории хурд ва рушди деҳот низ кӯмак мерасонанд.

Масалан, дар вилояти Хатлон, ташаббусҳои рушди шуғли алтернативӣ метавонанд ба Барномаи рушди сайёҳӣ вобаста бошанд. Ин барнома метавонад чорабиниҳои гуногунро дар бар гирад, масалан, ташкили реклама ва иттилооти фаълсозии соҳаи сайёҳӣ, таъсиси ташкилотҳои махсус барои ҷалби сармоягузориҳо ба ин соҳа, барқарорсозӣ ва таъмири ёдгориҳои фарҳангӣ ва архитектурӣ, густариши робитаҳои байниминтақавӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ва рушди касбҳо ва ҳунарҳои бадеии мардумӣ.

Ин ба он маъно аст, ки дастгирӣ як доираи васеи соҳаҳоро фаро мегирад, ки на танҳо рушди кишоварзиро, балки беҳтар намудани сифати зиндагиро дар маҷмӯъ кӯмак мекунад.

